# Фитрат

*Муртазо Мутаҳҳарӣ*

**Баргардон ва таҳия аз:**

*Сайидюнуси Истаравшанӣ*

## Фехрист:

Пешгуфтори кӯтоҳ аз Сайидюнуси Истаравшанӣ ........ 5
Маънои фитрат ........ 5
Фитрат ва тарбият ........ 6
Луғати “фитрат” ........ 8
Сухани Ибни Асир ........ 9
Сухани Ибни Аббос ........ 11
Каломи марҳуми Шайх Аббоси Қумӣ ........ 12
Фитра, сибға, ҳаниф ........ 13
Маънои “ҳаниф” ........ 15
Табиат, ғариза, фитрат ........ 16
Табиат ........ 16
Ғариза ........ 17
Фитрат ........ 19
Оё инсон фитриёте дорад? ........ 19
Фитриёти инсон ........ 22
Оё виҷдон кардан далели фитрӣ будан аст? ........ 24
Инсон ношинохтатарин мавҷуд ........ 25
Фитриёти инсон дар ноҳияи шинохтҳо ........ 26
Назарияи Афлотун ........ 27
Назарияи ҳукамои исломӣ ........ 27
Назари Қуръон ........ 29
Назари мункирин ва натиҷаи он ........ 31
Фитриёт дар ноҳияи хостҳо ........ 36
Гароишҳои муқаддас ........ 38
Имтиёзоти инсон ........ 41
Фитриёти эҳсосӣ ........ 43
1) Ҳақиқатҷӯӣ: ........ 43
2) Гароиш ба хайру фазилат: ........ 46
3) Гароиш ба ҷамол ва зебоӣ: ........ 47
4) Гароиш ба халлоқият ва ибдоъ: ........ 49

5) Ишқ ва парастиш: ........ 50
Ишқ ва парастиш // Тавҷеҳи гароишҳои инсонӣ ........ 51
Назариёт дар бораи моҳияти ишқ ........ 52
Фанои ошиқ дар маъшуқ ........ 56
Назари Вилём Ҷеймс ва сухани Бертронд Росел ........ 57
Тавҷеҳи панҷ мақулаи мазкур ........ 58
Тавҷеҳ бар асоси нафйи фитриёти эҳсосӣ ........ 59
Ҳиссгароёни шуҷоъ ва ҳиссгароёни ғайри шуҷоъ ........ 61
Сухани Ниче ........ 61
Ҳадисе дар боби офариниши инсон ........ 63
Тамсили Мавлавӣ ........ 64
Ишқи руҳонии марксизм ва суботи арзишҳои инсонӣ ........ 65
Таҳлиле дигар аз моҳияти ишқи руҳонӣ ........ 66
Ишқ аз назари урафо ........ 70
Оё арзишҳои инсонӣ мутағайир аст? ........ 71
Сухани дуктур Ҳаштрӯдӣ ва нақди он ........ 73
Такомули асолатҳои инсонӣ ........ 76
Муқоисаи назари Ниче ва назари марксистҳо ........ 77
Мафҳуми такомули асолатҳои инсонӣ ........ 78
Анвоъи такомули ҷомеаи башарӣ: ........ 79
1) Такомул дар робитаи инсон бо табиат: ........ 79
2) Такомул дар равобити сохтмонии иҷтимоъ: ........ 80
3) Такомул дар инсоният: ........ 81
Фитрат ва такомули ҷомеаи башарӣ дар инсоният ........ 83
Марксизм ва такомули ҷомеаи башарӣ дар инсоният ........ 84
Экзистенсиализм ва асолатҳои инсонӣ ........ 85
Асолатҳои инсонӣ умуре фитрӣ аст ........ 89
Мабно ва маншаи мазҳаб (дин) ........ 91
Худро бохтан, худро фаромӯш кардан ........ 92
Сухани Мавлавӣ ........ 93
Маншаи пайдоиши дин аз назари Фейербах ........ 95

Нақди назарияи Фейербах ........ 97
Назари Огюст Конт ва Спенсер ........ 98
Мазҳаб (дин) мавлуди ҷаҳл аст ........ 98
Назари Рассел: дин ношӣ аз заъф ва забунӣ (тарс) аст ........ 101
Нақду баррасӣ ........ 102
Ҷавоби Огюст Конт ва Бертран Рассел бо такя ба мантиқи Қуръон ........ 103
Мuруре дигар бар масъалаи “ишқ” ........ 108
Ибодати ҳақиқӣ ........ 111
Тамсили Саъдӣ ........ 113
Марксизм ва пайдоиши дин ........ 115
Нақди назарияи марксизм ........ 116
Оё дин мавлуди ҷаҳл аст? ........ 119
Сухани Уилям Дюрант ........ 121
Назарияи Дюркгейм дар бораи маншаи пайдоиши дин ........ 123
Мураккаби эътиборӣ ва мураккаби ҳақиқӣ ........ 124
Таркиби ҷомеаи инсонӣ чӣ навъ таркибе аст? ........ 124
Маншаи пайдоиши дин аз назари Дюркгейм ........ 126
Нақди назарияи Дюркгейм ........ 130
Инсон дорои як “худ”-и зумаротиб (дорои маротиб) аст ........ 131
Назари Қуръон ........ 132
Назари Қуръон дар бораи маншаи дин ........ 135

## Пешгуфтори кӯтоҳ аз Сайидюнуси Истаравшанӣ

Яке аз суханрониҳои бисёр арзишманди устоди шаҳид Муртазо Мутаҳҳарӣ, дар мавзӯъи фитрат аст. Эшон дар чанд суханронӣ ин мавзӯъро хуб баррасӣ кардааст. Сипас суханрониҳои эшон ҷамъоварӣ ва ба сурати китоб даромада, ба назарам дар замони ҳаёти худи эшон.

Лозим дидам, ин китобро ба тоҷикӣ баргардон ва хидмати хонандаҳои арҷманд гузорам. Иншоаллоҳ ҳар рӯз қисмате аз ин китобро баргардон ва дар ҳаминҷо мегузорам.

## Маънои фитрат

Мавзӯъ, баҳси “фитрат” аст. Баҳси фитрат аз як тараф як баҳси фалсафист. Мавзӯъоти муҳимми фалсафа ин се мавзӯъ аст: Худо, ҷаҳон, инсон. Ин баҳс, баҳсест марбут ба “инсон” ва метавон гуфт, аз як назар ва аз як шоха марбут аст ба инсон ва Худо. Як сари масъала инсон аст ва сари дигари он, Худо. Дар манобеи исломӣ, яъне дар Қуръон ва суннат, рӯи асли фитрат такяи фаровон шудааст, ки миқдоре аз онҳоро, ки қаблан ёддошт кардаам, дар ин ҷаласа матраҳ мекунам. Ин ки Қуръон барои инсон қоил ба фитрат аст, як навъ биниши хосс дар бораи инсон аст.

Калимаи “фитрат” чӣ калимаест ва оё қабл аз Қуръон касе ин калимаро дар мавриди инсон истеъмол кардааст, ё аз ҷумлаи калимотест, ки барои аввалин бор Қуръон онро дар мавриди инсон ба кор бурдааст?

Зоҳиран, ин калима қабл аз Қуръон собиқае надорад ва барои аввалин бор Қуръон ин луғатро дар мавриди инсон ба кор бурдааст, ки қароинашро баъд арз мекунам.

Мо ибтидо бояд бибинем, ки худи луғати “фитрат” чӣ луғатест ва дақиқан решаи ин луғатро ба даст оварем.

Масъалаи дигаре, ки бояд дар инҷо баҳс кунем ин аст, ки оё инсон ба таври куллӣ як силсила фитриёт — ки онро таъриф хоҳем кард — дорад ё надорад ва фоқиди ҳар гуна фитрат аст?

Баҳси севвуми мо дар бораи хусуси дин хоҳад буд, ки оё дин фитрӣ аст ва ё фитрӣ нест? Қуръон сареҳан фармудааст, ки дин фитрӣ аст. Мо бояд як баҳси илмӣ рӯи инсон ва рӯи дин бикунем ва бибинем, оё асосан дин фитрӣ аст ва ё фитрӣ нест.

## Фитрат ва тарбият

Албатта, ин масъала шохаҳои зиёде дар ҷоҳои мухталиф пайдо мекунад, аз ҷумла дар баҳси таълиму тарбият, ки баҳси бисёр васеъест. Агар инсон дорои як силсила фитриёт бошад, қатъан тарбияти ӯ бояд бо дар назар гирифтани ҳамон фитриёт сурат гирад. Ва асли луғати "тарбият" ҳам агар ба кор бурда мешавад — чӣ огоҳона ва чӣ ғайриогоҳона — бар ҳамин асос аст. Чун "тарбият" яъне рушд додан ва парвариш додан. Ва ин мабнӣ бар қабул кардани як силсила истеъдодҳо — ва ба таъбири имрӯз, як силсила вежагиҳо — дар инсон аст.

Тарбият бо санъат ин тафовутро дорад, ки дар санъат, ҳисоб ҳисоби сохтан аст. Яъне инсон манзуреро ибтидо дорад, баъд, аз як силсила маводду ашёъ барои манзури худ истифода мекунад, дар ҳоле, ки ба худи ин модда таваҷҷӯҳ надорад, ки бо ин коре, ки рӯи он анҷом медиҳад, онро комил мекунад ё ноқис, модда мехоҳад комил шавад ё ноқис? Барои ӯ фарқе намекунад. Манзури ман бояд ҳосил шавад.

Як наҷҷор ва ё як меъмор ва банно, ки амалаш як навъ сохтан аст, ҳадафаш бояд таъмин шавад. Ӯ ба ин коре надорад, ки ин миқдор чӯбу оҳану семент ва амсоли инҳоро дар зот ва табиати худашон парвариш медиҳад ва онҳоро такмил мекунад ва ё онҳоро ноқис мекунад. Балки асосан гоҳе лозим мешавад, ки он моддаро ноқис кунад, барои ин ки барои манзури ӯ ба кор биёяд.

Аммо як боғбон дар айни ин ки манзур ва ҳадафе дорад ва манофеъе дорад, вале кори ӯ бар асоси парвариш додани табиати гул ё гиёҳ аст, яъне табиати гул ё гиёҳро дар назар мегирад ва роҳи рушд ва камолеро, ки дар табиат барои он муайян шудааст, мешиносад ва онро дар ҳамон масири табиӣ ва ба як маъно фитрии худаш парвариш медиҳад ва аз он истифода мекунад.

Ман ин мисолро қаблан ҳам гуфтаам: як вақт инсон гӯсфандро ба унвони як шайъ барои худи гӯсфанд дар назар мегирад ва як вақт ба унвони як шайъ барои инсон. Агар бихоҳем гӯсфандро аз назари худи гӯсфанд дар назар бигирем, оё маслиҳати гӯсфанд дар ахта кардани ӯст? Абадан. Мо бо амали ахта кардан, аввалан ӯро заҷр медиҳем ва сониян ноқисаш мекунем. Яъне яке аз ҷиҳозоти лозимеро, ки дар табиат барои ӯ ҳаст ва бояд бошад ва камолаш ҳам ҳаст, аз ӯ мегирем ва ӯро ба унвони як шайъ барои худамон дар назар мегирем. Коре надорем, ки гӯсфанд комил мешавад ё ноқис. Мегӯем, ман мехоҳам чоқаш бикунам ва гӯшташ бештар бишавад, аз ин рӯ бояд ахтааш кунам,

то ҳавоссаш ба дунболи гӯсфанди мода набошад ва фақат мутаваҷҷеҳи чаридан бошад, бештар бихӯрад, чоқтар шавад ва гӯшташ бештар гардад, ки вақте сари ин гӯсфандро буридем, гӯшти бештаре бароямон дошта бошад.

Дар инсонҳо низ ҳамин тавр аст. Инсонро ду тавр мешавад сохт:

1) Сохтан, он чунон, ки ашёъро месозанд. Яъне он касе, ки созанда аст, фақат манзури худашро дар назар мегирад ва фардро ба шакле дармеоварад, ки он манзурро таъмин кунад, ҳол мехоҳад бо ноқис кардан манзурашро таъмин кунад ё бо комил кардан.

Касоне, ки қоил ба асолати иҷтимоъ ҳастанд — ки ин асолати иҷтимоъ дар ниҳоят ба асолати як табақаи махсус, ки ҳамон табақаи ҳукком бошад бармегардад — мехоҳанд инсонҳоро тавре бисозанд, ки манзури табақаи ҳокима беҳтар таъмин шавад ва ё ба қавли худи онҳо, барои ҷомеа муфид бошанд, ки ин баҳсро дар оянда матраҳ мекунем, ки оё тазодде миёни камоли фард ва камоли ҷомеа ҳаст ё хайр ва оё мо дар бисёре аз масоил барои ин ки ҷомеаро ба камол бирасонем, маҷбурем фардро ноқис кунем ё чунин чизе дар кор нест? Мегӯянд, ҷомеа ба чунину чунон афроде ниёз дорад. Ба чӣ навъ афроде? Мегӯянд, масалан ҷомеа ба сарбозҳои сад дар сад инзиботӣ ниёз дорад, ки фармони мофавқро бидуни чуну чаро итоат кунанд ва ғайр аз фармони фармондеҳ, дар бораи чизи дигаре фикр накунанд. Ҳол, агар инсоне бихоҳад асолати ирода ва асолати ақл дошта бошад, яъне аз назари ақлу фикр истиқлол дошта бошад ва фикр кунад ин корро чаро ман мехоҳам анҷом диҳам ва ё як силсила авотифи инсонӣ дошта бошад, дигар ба дарди ин кор намехӯрад ва ба қавли инҳо, ба дарди ҷомеа намехӯрад. Аз назари инҳо, афроде ба дарди ҷомеа мехӯранд, ки на фикр дошта бошанд ва на отифа. Агар ба ӯ як бомб доданд ва гуфтанд, бирав болои ин шаҳр биандоз, фикр накунад, ки охир ин мардум чӣ гуноҳе доранд ва чаро ва фикр накунад, ки охир дар онҷо мард аст, зан ҳаст, пир ва ҷавон ва бачча ҳаст, бегуноҳ ва богуноҳ ҳаст, на фикр кунад ва на як зарра отифа дошта бошад. Ҳамон тавр ки тухми он гӯсфандро мекашанд барои ин ки беҳтар бичарад ва чоқтар шавад, рагҳои отифӣ ва эҳсосотӣ ва отифаҳои инсониро аз вуҷуди ӯ берун мекашанд ва ҳолате назири ҳолати ваҳшигарӣ ба ӯ медиҳанд, ки аслан истиқлол ва ҳуррияти фикр аз ӯ гирифта шавад. Он вақт аст, ки инсоне мешавад, ки комилан ба дарди онҳо мехӯрад.

Вале ин бар асоси "тарбият" ба маънии воқеӣ нест. "Тарбият" яъне парвариш додани истеъдодҳои воқеии инсон. Агар ӯ дорои истеъдоди ақлонӣ ва фикрӣ аст ва "чуну чаро"

дар масоил дорад, бояд онро парвариш дод, на ин ки ин истеъдодҳоро дар ӯ нобуд кард. Агар дар ӯ отифаи инсонӣ (мисли раҳм) вуҷуд дорад, бояд онро парвариш дод. Албатта, инҳо ҳадди ифроту тафрит дорад.

Ғаразам ин ҷиҳат аст, ки масъалаи фитрат бо масъалаи тарбият хешовандии хоссе дорад, ки ҷудогона рӯи он баҳс мекунем.

Яке аз масоили муҳим дар фалсафаҳои инсонии имрӯз ва дар ҷомеашиносиҳо масъалаи “такомули таърих” аст. Агар мо барои инсон ба фитрат қоил бошем, “такомули таърих”-ро ба шакле бояд тавҷеҳ кунем ва агар ба фитрат қоил набошем — ҳамон тавр ки бисёре аз мактабҳои имрӯзӣ ба куллӣ фитратро аз инсон нафй мекунанд – “такомули таърих”-ро ба шакли дигаре бояд тавҷеҳ кунем. Инҳо баҳсҳоест, ки ба babри иҷмол ишора кардам.

## *Луғати “фитрат”*

Ҳол, аз масъалаи аввал шурӯъ мекунем. Луғати фитрат, ки дар Қуръон омадааст:

فِطْرَتَ اللَّهِ الَّتِي فَطَرَ النَّاسَ عَلَيْهَا

(*Сураи Рум, ояти 30*)

— чӣ луғатест? Моддаи фитр (ф-т-р) мукаррар дар Қуръон омадааст:

فَطَرَهُنَّ

(*Сураи Анбиё, ояти 56*)

فاطِرِ اَلسَّماواتِ وَاَلْأَرْضِ

(*Сураи Анъом, ояти 14*)

إِذَا اَلسَّماءُ اِنْفَطَرَتْ

(*Сураи Инфитор, ояти 1*)

مُنْفَطِرٌ بِهِ

(*Сураи Муззаммил, ояти 18*)

Дар ҳамаҷо дар мафҳуми ин калима, ибдоъ ва халқ — ва балки халқ ба ҳамон маънои ибдоъ — ҳаст. “Ибдоъ” ба як маъно яъне офариниши бидуни собиқа. Луғати “фитра” бо ин сиға — яъне бар вазни “фиъла” — фақат дар як оят омадааст, ки дар мавриди инсон ва дин аст, ки дин “фитрати Аллоҳ” аст:

فَأَقِمْ وَجْهَكَ لِلدِّينِ حَنِيفاً فِطْرَتَ اَللّٰهِ اَلَّتِى فَطَرَ اَلنّاسَ عَلَيْها لا تَبْدِيلَ لِخَلْقِ اَللّٰهِ

(*Сураи Рум, ояти 30*)

Тафсири ин оятро баъд ба тафсил арз мекунем.

Касоне, ки ба забони арабӣ ошно ҳастанд, медонанд, ки вазни “фиъла” далолат бар навъ — яъне гуна — мекунад. “Ҷилса” яъне нишастан, “ҷилса” яъне навъи хоссе аз нишастан.

جلست جلسة زيد

— яъне “нишастам ба гунаи нишастани Зайд”, ҳамон гуна ки Зайд менишинад, нишастам. Ибни Молик дар “Алфия” мегӯяд:

وفعلة لمرّة كجلسة

وفعلة لهيئة كجلسة

Чунон ки гуфтем, дар Қуръон луғати “фитрат” дар мавриди инсон ва робитаи ӯ бо дин омадааст:

فِطْرَتَ اللَّهِ الَّتِي فَطَرَ النَّاسَ عَلَيْهَا

Яъне он гунаи хосс аз офариниш, ки мо ба инсон додаем, яъне инсон ба гунае хосс офарида шудааст. Ин калимае, ки имрӯз мегӯянд “вежагиҳои инсон”, агар мо барои инсон як силсила вежагиҳо дар асли хилқат қоил бошем, мафҳуми фитратро медиҳад. Фитрати инсон яъне вежагиҳое дар асли хилқат ва офариниши инсон.

## Сухани Ибни Асир

Яке аз китобҳои мӯътабаре, ки дар луғатҳои ҳадис навишта шудааст, китобест ба номи “*Анниҳоя*” аз Ибни Асир, ки то ҳадди зиёде маъруф аст. Ва чун мехоҳем, аз мадорики мӯътабар шоҳид оварда бошем, аз ин китоб нақл мекунем,[1] ҳамчунон ки дар луғатҳои Қуръон “*Муфрадоти Роғиб*” китоби бисёр нафисест. Роғиб луғатҳои Қуръонро хеле хуб решашикофӣ кардааст ва Ибни Асир луғатҳои ҳадисро.

---

[1]) *Се бародар ҳастанд, ки ҳар се ба номи Ибни Асир хонда мешаванд ва ҳар се аз муҳаққиқини уламои ислом ҳастанд. Лақаби яке “Изуддин” ва дигаре “Маҷдуддин” ва севвумӣ “Зиёуддин” аст. “Комилут-таворих” ва “Усдул-ғоба” аз Изуддин ва “Ҷомеъул-усул”, ки дар ҳадис аст ва ҳамчунин “Анниҳоя”, ки аз китобҳои бисёр хуб ва дақиқ ва дар тавзеҳи луғатҳоест, ки дар аҳодис омада, аз Маҷдуддин аст.*

Ибни Асир дар “*Анниҳоя*” ба муносибат, он ҳадиси маъруфро нақл мекунад, ки:

**كُلّ مولود يولد على الفطرة**

“*Ҳар мавлуде бар фитрати исломӣ мутаваллид мешавад, лекин падарони ӯ (яъне авомили хориҷӣ) ӯро мунҳариф мекунанд; яҳудӣ ё насронӣ ё маҷусиаш мекунанд*”, ки дар бораи ин ҳадис баъд баҳс мекунем. Чун ин ҳадисро нақл карда, калимаи “фитрат”-ро маънӣ кардааст:

**الفطر : الابتداء والاختراع**

“*Фатр яъне ибтидо ва ихтиро.*” Яъне хилқати ибтидоӣ. Мақсуд аз хилқати ибтидоӣ — ки ибдоъ ҳам аҳёнан ба он мегӯянд — хилқати ғайритақлидӣ аст. Кори Худо “фатр” аст, ихтиро аст, вале кори башар маъмулан тақлид аст. Ҳатто дар ихтиро ҳам, ки башар мекунад, аносури тақлид вуҷуд дорад. Яъне чӣ? Корҳои башар тақлид аз табиат аст, яъне қаблан табиате вуҷуд дорад ва башар онро улгу қарор медиҳад ва бар асоси он наққошӣ мекунад ва муҷассамасозӣ мекунад. Башар аҳёнан ихтиро ва ибтикор ҳам мекунад ва қудрат бар ихтиро ва ибтикор ҳам дорад, вале мояҳои аслии ихтиро ва ибтикори башар боз худи табиат аст, яъне аз табиат улгу мегирад. (Дар маорифи исломӣ — дар “*Наҳҷул-балога*” ва ғайри он — рӯи ин қазия зиёд такя шудааст ва қаҳран ҳамин тавр ҳам ҳаст). Аммо Худо кори худашро аз як сунъи дигаре тақлид накарда, чун ҳар чи ҳаст, сунъи ӯст ва муқаддам бар сунъи ӯ чизе нест.

Пас, калимаи “фатр” мусовӣ бо ибтидо ва ихтиро аст, яъне амале, ки аз рӯи чизи дигаре тақлид нашудааст. Баъд мегӯяд:

**والفطرة: الحالة منه كالجلسة والرّكبة**

“*Фитрат яъне ҳолати хосс ва навъи хоссе аз офариниш, мисли луғати “ҷилса” ва “рикба”*”, ки ба маънии навъи хоссе нишастан ва навъи хоссе истодан аст.

**والمعنى انّه يولد على نوع من الجبلّة والطّبع المتهيّئ لقبول الدّين فلو ترك عليها لاستمرّ على لزومها**

Яъне “*инсон ба навъе аз ҷибиллат ва сиришт ва табиат офарида шудааст, ки барои пазириши дин омодагӣ дорад ва агар ба ҳоли худ ва ба ҳоли табиӣ раҳо шавад, ҳамон роҳро интихоб мекунад*”, магар ин ки авомили хориҷӣ ӯро аз роҳаш мунҳариф карда бошад.

Баъд, Ибни Асир мегӯяд, дар ҳадис луғати “фитрат” мукаррар омадааст. Масалан, дар ҳадисе аз Пайғамбари Акрам — ки Ибни Асир ибтидои ҳадисро наёварда — омадааст:

**على غير دين محمّد**

Яъне “*бар ғайри дини Муҳаммад*”, яъне дар инҷо ба ҷойи калимаи “дин” худи калимаи “фитрат” омадааст. Ҳамчунин аз Алӣ (алайҳис салом) нақл мекунад:

**وجبّار القلوب على فطراتها**

“*Худои Мутаъол, ки дилҳоро офаридааст, ҷаббори дилҳо бар асоси фитратҳои ин дилҳост.*” Дар инҷо “фитрат” ҷамъ баста шудааст: фитрот (фитратҳо). Аз инҷо мо як нишона пайдо мекунем, ки он чи ки аз назари маорифи исломӣ, фитрии инсон аст, як чиз нест, балки инсон фитриёте дорад. Ибни Асир гуфтааст:

**على فطراتها اى على خلقها**

## Сухани Ибни Аббос

Ҳадиси аҷибе аз Ибни Аббос нақл мекунад, ки ман ҳамин ҳадисро қарина мегирам бар ин ки луғати “фитрат” аз луғатҳоест, ки Қуръон барои аввал бор ба кор бурдааст. Ибни Аббос, ки писарамуи Пайғамбар ва марде қурашӣ ва олим аст — ӯ як аҷамӣ набуда, ки бигӯем, аз луғати араб ноогоҳ будааст – мегӯяд, ман маънии калимаи “фитрат”-ро, ки дар Қуръон омадааст, он вақте фаҳмидам, ки бо як аъробии бодиянишин рӯ ба рӯ шудам, ки ин калимаро дар мавриде ба кор бурд. Вақте ин калимаро дар он маврид ба кор бурд, мафҳуми оят барои ман равшан шуд. Мегӯяд:

**ما كنت ادرى ما فاطر السّموات والارض حتّى احتكم الىّ اعرابيّان فى بئر**

“Луғати “фотир”-ро, ки дар Қуръон омадааст, дуруст нафаҳмида будам, то ин ки ду нафар аъробӣ[1] оманданд, ки дар бораи як чоҳи об бо якдигар ихтилоф доштанд. Яке аз онҳо гуфт:

**انا فطرتها**

Мехост бигӯяд, чоҳ моли ман аст. Мақсудаш ин буд, ки ман ибтидо онро ҳафр кардам. (Медонед, вақте чоҳро мекананд, пас аз муддате оби худро пойин мекашад, аз ин рӯ думартиба онро ҳафр мекунанд ва чанд метр пойинтар меравапд). Мехост бигӯяд, ман

---

[1]) *Аъробӣ, яъне араби бодиянишин. Луғати “аъроб”, ки дар Қуръон омадааст, бо он чи ки мо имрӯз “аъроб” мегӯем, ки ҷамъи араб мегирем, яке нест. Ҷамъи араб, араб аст. Аъроб ва аъробӣ маъмулан ба бодиянишинҳо мегӯянд.*

соҳиби аввалаш ҳастам. Яъне он касе, ки аввал бор ин чоҳро ҳафр кард, ман будам. Ибни Аббос мегӯяд, аз инҷо фаҳмидам, ки луғати “фитрат” дар Қуръон чӣ маъное медиҳад: як хилқати сад дар сад ибтидоӣ дар инсон, ки ҳатто дар ғайри инсон ҳам собиқа надорад.

Дар мавориди дигаре ҳам, ки луғати “фатр” дар забони арабӣ ба кор бурда шудааст, мафҳуми ибтидоӣ будан ва собиқа надоштан дар он ҳаст. Масалан, араб мегӯяд:

فطر ناب البعير فطرا اذا شقّ اللّحم وطلع

Вақте, ки дандони шутур дармеояд ва барои аввалин бор гӯштро мешикофад, ин ибтидои тулӯъашро бо “фатр” баён мекунанд. Ҳамчунин аввалин ширеро, ки аз пистони ҳайвон гирифта мешавад, ба эътибори ин ки барои аввалин бор гирифта шудааст, “фатр” мегӯянд.

Роғиби Исфаҳонӣ ҳам ин луғатро дар ҳамин ҳудуде, ки Ибни Асир дар “*Анниҳоя*” шикофтааст, шикофта ва чун тақрибан такрор мешавад, дигар онҳоро зикр намекунам.

## Каломи марҳуми Шайх Аббоси Қумӣ

Марҳуми Шайх Аббоси Қумӣ — ризвонуллоҳи алайҳ — дар китоби “*Сафинатул-биҳор*” аз Мутарризӣ, ки яке дигар аз луғавиюн аст нақл мекунад, ки гуфтааст, фитрат яъне хилқат. Он гоҳ ҳадиси:

كُلّ مولود يولد على الفطرة

— ро аз “*Ғаволӣ ал-лаолӣ*” нақл мекунад ва баъд, ҳадисе аз Имом Содиқ (алайҳис салом) нақл мекунад, ки ба як муносибате луғати “фитра”-ро ба кор бурдаанд, вале дар ғайри мавриди фитрате, ки мо мегӯем. Абӯбасир мегӯяд, ки рӯзе хидмати Имом Содиқ (алайҳис салом) будем, гӯшти шутуре оварданд ва хӯрдем, баъд, миқдоре шир оварданд ва эшон аз он шир ошомиданд ва ба ман гуфтанд, ки ту ҳам биёшом ва ман низ ошомидам ва гуфтам: “Иш?” Ин чист? (Дидам, як мазаи хоссе медиҳад)

قال انّها الفطرة

Фармуд, ин “фитра” аст. (Кафки шири тоза дар вақти дӯшидан).

Пас боз ҳамон мафҳуми ибтидоият дар ин луғат ҳаст. Аз луғати “фитрат” мегузарем.

## Фитра, сибға, ҳаниф

Дар Қуръон се луғат омадааст, ки ин се луғат бо таваҷҷӯҳ ба маъно ва мафҳуме, ки Қуръон дар бораи дин дорад, дар мавриди як маъно ба кор бурда шудаанд. Яъне мафҳумҳои мухталифе ҳастанд, ки мисдоқи воҳид доранд. Яке ҳамин луғати "фитра" аст, дуввум луғати "сибға" ва севвум луғати "ҳаниф". Яъне дар мавриди дин, ҳам "фитраталлоҳ" (фитрати Худо) гуфта шудааст, ҳам "сибғаталлоҳ" (сибғаи Худо) ва ҳам "лиддини ҳанифан". Ҳол, роҷеъ ба "сибға" ва "ҳаниф" миқдоре баҳс мекунем.

Дар Қуръон омадааст:

صِبْغَةَ اللّهِ وَمَنْ أَحْسَنُ مِنَ اللّهِ صِبْغَةً

(*Сураи Бақара, ояти 138*) Ин луғат низ бар вазни "фиъла" аст. "Сибға" аз ҳамон моддаи калимоте мисли "сабғ" ва "саббоғ" аст. "Сабғ" яъне ранг кардан, "саббоғ" яъне рангрез ва "сибға" яъне навъи ранг задан, навъи ранг кардан.

"Сибғаталлоҳ" (ранги Худо) яъне навъи ранге, ки Худо дар матни таквин задааст, яъне ранги худоӣ. Дар бораи дин омадааст, ки дин ранги худоист; рангест, ки дасти Ҳақ дар матни таквин ва дар матни хилқат инсонро ба он ранг муталаввин кардааст. Муфассирин ва аз ҷумла Роғиб гуфтаанд, ки ин таъбир дар Қуръон ишора аст ба амали ғусли таъмид, ки масеҳиён анҷом медоданд. Масеҳиён ба ғусли таъмид мӯътақид буданд ва ҳанӯз ҳам ин корро мекунанд. Вақте мехоҳанд, касеро масеҳӣ кунанд, ҳатто баччаеро, ки дар масеҳият мутаваллид шудааст, барои ин ки вориди дини масеҳият кунанд, ӯро ғусл медиҳанд ва ба ин васила ранги масеҳият ба ӯ мезананд ва ин шустушӯ карданро як навъ ранги масеҳият задан медонанд. Қуръон мегӯяд, ранг, он рангест, ки Худо дар матни хилқат задааст.

Дар як оят мефармояд:

ما كانَ إِبْراهِيمُ يَهُودِيًّا وَلا نَصْرانِيًّا وَلكِنْ كانَ حَنِيفاً مُسْلِماً

(*Сураи Оли Имрон, ояти 67*)

Қуръон мегӯяд, башар як фитрат дорад, ки он фитрати динӣ аст ва дин ҳам ислом аст ва ислом ҳам як ҳақиқат аст аз Одам то Хотам.[1] Қуръон ба "адён" қоил нест, ба "дин"

---

[1]) *Пурсидаанд, ки оё шариатҳо ҳам фитрӣ аст ё фитрӣ нест? Баъд хоҳем гуфт, ки ин ки мегӯем, дин фитрӣ аст, чӣ чизи он фитрӣ аст, оё усули маорифаш фитрӣ аст ё аҳкомаш ҳам фитрӣ аст? Инҳо ҷузъиёте аст, ки баъдҳо бояд вориди он шавем.*

қоил аст ва ба ҳамин хотир ҳеч вақт дар Қуръону ҳадис “дин” ҷамъ баста нашудааст. Чун дин фитрат аст, роҳ аст, ҳақиқате дар сиришти инсон аст. Инсонҳо чанд гуна офарида нашудаанд ва ҳамаи пайғамбарон, ки омадаанд, тамоми дастурҳояшон дастурҳое бар асоси эҳё ва бедор кардан ва парвариш додани ҳисси фитрӣ аст. Он чи онҳо арза медоранд, тақозои ҳамин фитрати инсонӣ аст. Фитрати инсонӣ, ки чанд ҷур тақозо надорад. Ва ба ҳамин хотир Қуръон мефармояд, он чи ки Нуҳи пайғамбар (алайҳис салом) доштааст, дин аст ва номаш ислом ва он чи ки Иброҳим (алайҳис салом) дошта, дин аст ва номаш ислом ва он чи Мӯсо (алайҳис салом) ва Исо (алайҳис салом) ва ҳар пайғамбари баҳақ доштааст, дин аст ва номаш ислом. Ин номҳое, ки баъдҳо пайдо мешавад, инҳироф аз он дини аслӣ ва аз он фитрати аслӣ аст ва ба ҳамин хотир мефармояд:

**ما كانَ إِبْراهِيمُ يَهُودِيًّا وَلا نَصْرانِيًّا وَلكِنْ كانَ حَنِيفاً مُسْلِماً**

*“Иброҳим на яҳудӣ буд, на насронӣ, ҳаниф буд ва муслим.”*

Намехоҳад бигӯяд, Иброҳим мисли яке аз муслимини замони Пайғамбар яъне аз уммати пайғамбари охирзамон буд. Мефармояд, яҳудият инҳирофе аст аз исломи ҳақиқӣ, насроният ҳам инҳирофе аст аз исломи ҳақиқӣ ва ислом як чиз бештар нест.

Дар он ояти шарифа — ки арз кардам – мефармояд, ин ранг заданҳо чӣ асаре дорад? Ин ғусли таъмидҳо чӣ асаре дорад? Магар бо ғусли таъмид ҳам мешавад касеро, ки чизе нестончунонӣ кард? Ранг задан, он ранг задане аст, ки дасти хилқат дар матни офариниш задааст. Мехоҳад бифармояд, он чи пайғамбари мо мегӯяд, ҳамон исломи воқеӣ ва ҳамон фитрати воқеӣ аст. Фитрати воқеӣ яъне ранге, ки Худо дар матни хилқат ба руҳу равони башар задааст.

Роғиб мегӯяд:

**صبغة الله اشارة الى ما اوجده الله تعالى فى النّاس من العقل المتميّز به عن البهائم كالفطرة**

(*“Сибғаталлоҳ (ранги Худо) ишора аст ба он чи Худованди Мутаъол дар мардум эҷод карда аз ақл, ки ҷудокунандаи ӯ бошад аз чорпоён, мисли фитраталлоҳ.”*)

(Албатта, ӯ фитратро мунҳасир ба ақл донистааст.) (Дар идома мегӯяд:)

**وكانت النّصارى اذا ولد لهم ولد غمسوه فى اليوم السّابع فى ماء  عموديّة**

*“Масеҳиҳо баччаеро, ки мутаваллид мешуд, дар рӯзи ҳафтум дар оби амудия ғусли таъмид медоданд.”* (Дар идома мегӯяд:)

**يزعمون انّ ذلك صبغة**

“*Фикр мекарданд, ки ин, ранги масеҳият ба ӯ задан аст.*” (Сипас мегӯяд:)

**فقال تعالى له ذلك: ومن احسن من الله صبغة**

(Пас Худо барои ӯ инро фармуда, ки:) “*Ҳеч кас аз Худо беҳтар наметавонад ранг бизанад.*”

Яъне ранг, ранге аст, ки Худо задааст.

Дар ҳадис аст:

**الدّين الحنيف والفطرة وصبغة الله والتّعريف فى الميثاق**

Дини ҳаниф ё дини фитрӣ ва ё сибғаталлоҳ ҳамон аст, ки Худо дар мисоқ — яъне дар паймоне, ки Худо бо руҳи башар бастааст — башарро бо он ошно кардааст, ки ишора аст ба он матлабе, ки аз он таъбир ба “олами зарр” мекунанд, ки қаҳран масъалаи олами зарр бояд дар инҷо матраҳ шавад, ки мафҳум ва маънояш чист? Оё воқеан инсонҳо қаблан дар ҳамин олами модда ва табиат ба сурати ҳайвоноти кучаке буданд ва баъд ба чунин сурате даромаданд? Ё як маънои дақиқтаре дорад?, ки ҳатман маънои дақиқтаре дорад.

## Маънои “ҳаниф”

Зурора аз Имом Боқир (алайҳис салом) мепурсад: калимаи “ҳунафоа *лиллоҳ*” яъне чӣ?

**ما الحنيفيّة؟**

Имом мефармояд: ҳанифият яъне фитрат. Боз ирҷоъ кардаанд ба як амри таквинӣ ва табиӣ.

Шайх Садуқ дар китоби нафиси “*Тавҳид*” мегӯяд, ки Зурора аз Имом Боқир роҷеъ ба

**حُنَفاءَ لِلّهِ غَيْرَ مُشْرِكِينَ بِهِ**

(*Сураи Ҳаҷ, ояти 31*) ва баъд, аз “ҳанифият” суол кард. Имом фармуд:

**هى الفطرة الّتى فطر النّاس عليها لا تبديل لخلق الله، قال: فطرهم الله على المعرفة**

(“Он, фитрате аст, ки Худо мардумро бар он сиришт, ки тағйире дар офариниши Худо нест. Фармуд): Худо мардумро бар маърифати худаш мафтур кардааст. (Яъне сириштааст.) Баъд Имом ба достони зарр ишора кард ва фармуд: пайғамбар ҳам фармуд:

كلّ مولود يولد على الفطرة يعنى على المعرفة بأنّ الله عزّ وجلّ خالقه

Яъне дар фитрати ҳар касе ин маърифат ҳаст, ки Худованд офаринандаи ӯст. Ҳамчунин дар ҳадиси дигар Имом Боқир (алайҳис салом) фармуд:

عروة الله الوثقى التّوحيد، والصّبغة الاسلام

Ибни Асир дар моддаи "ҳ-н-ф" ҳамин маъониеро, ки дар аҳодис омадааст гуфтааст, ки маънои "ҳунафо" ин аст, ки Худованд инсонҳоро аз маъосӣ (гуноҳон) пок офаридааст:

خلقت عبادى حنفاء اى طاهرى الأعضاء من المعاصى وقيل اراد انّه خلقهم حنفاء مؤمنين لما اخذ عليهم الميثاق الست بربّكم قالوا بلى، فلا يوجد احد إلاّ وهو مقرّ بانّ له ربّا وان اشرك به واختلفوا فيه. والحنفاء جمع حنيف وهو المائل الى الاسلام الثّابت عليه والحنيف عند العرب من كان على دين ابراهيم (عليه السّلام) واصل الحنف الميل

Хулосаи ҳарфи ӯ ин мешавад, ки ҳанифият яъне майл ва гароиш ба ҳақиқат.

Пас агар мо бихоҳем, луғати "ҳаниф"-ро маънӣ кунем, маънояш чунин мешавад: ҳаққгаро, ҳақиқатгаро ва ё Худогаро, тавҳидгаро. Дар фитрати инсон ҳанифият ҳаст, яъне дар фитрати ӯ ҳаққгароӣ ва ҳақиқатгароӣ ҳаст.

То инҷо баҳс дар бораи луғати "фитрат" буд, барои ин ки решаҳояшро дар оёту аҳодис ба даст биоварем ва иҷмолан бидонем, ки фитрат дар аҳодис ва дар оёти қуръонӣ як реша дорад ва яке аз усул аст, аз ин рӯ лозим буд ин миқдор арз кунам.

## Табиат, ғариза, фитрат

### Табиат

Ҳол, роҷеъ ба фитриёти инсон сӯҳбат мекунем. (Феълан баҳси динӣ ва қуръонӣ намекунем). Оё инсон фитриёте дорад ё надорад ва қаҳран маънии фитриёт чист? Мо се луғат дорем, ки хуб аст ин се луғат аз якдигар тамйиз дода шаванд ва фарқашон баён шавад.

Яке, луғати "табиат" аст. Маъмулан, дар мавриди беҷонҳо луғати "табиат" ё "табъ" ба кор бурда мешавад. Албатта, дар мавриди ҷондорҳо ҳам ба кор бурда мешавад. Мехоҳам бигӯям, дар мавриди беҷонҳо ин луғат ихтисосан ба кор бурда мешавад. Масалан, мо мегӯем, ки табъи об чунин аст. Вақте мехоҳем, хоссияте аз хоссиятҳои ин мавҷуди беҷон ба номи "об"-ро баён кунем, мегӯем, табъи об чунин аст ё мегӯем, табиати оксижен чунин аст, ки қобили эҳтироқ аст, табиати ҳидружен ва азот чунин аст.

Ва барои ашё ба эътибори хоссиятҳои гуногуне, ки доранд, вежагиҳои зотӣ қоил мешавем. Исми вежагии зотӣ (-и шайъи беҷон)-ро "табиат" мегузорем.

Ин ношӣ аз як фикри фалсафӣ аст, ки дар ҳамаи афроди башар ҳаст. Яъне башар ин тавр фикр мекунад, ки ду шайъи мутасовӣ (баробар) аз ҳар ҷиҳат, наметавонанд хоссиятҳои гуногун дошта бошанд. Агар хоссиятҳо гуногун шуд, далел бар ин аст, ки тафовутҳо ва чандгунагиҳое байни ин ду шайъ ҳаст. Чун башар ашёро аз баъзе ҷиҳот мутасовӣ медида ва мушоҳида мекардааст, ки чанд шайъ дар айни ин ки ҳама ҷисм ва модда ҳастанд, хоссиятҳояшон гуногун аст. Масалан, медида, ки об як ҷисм ва як модда аст, хок ҳам як ҷисм ва як модда аст, вале ҳар кадом аз инҳо хоссиятҳои махсус ба худ доранд, ки дигаре надорад, ночор ин тавр натиҷагирӣ мекарда, ки **як қувва ва нерӯе ва як хусусияте дар ин ҷисм нуҳуфтааст, ки маншаи ин хоссияти махсус шуда ва як хусусияти дигаре дар дуввумӣ нуҳуфтааст, ки маншаи хоссиятҳои махсус ба он шудааст. Ва он хусусияте, ки маншаи асари хосс мешавад, исмаш "табиат" аст.** Имрӯз ҳам мо ин калимаро дар ҳамин маворид ба кор мебарем. Масалан, мегӯем, табиати гелос ин аст ё табиати фалон дарахт ин аст, ки дар сармо тоқат дорад ва дар гармо аз байн меравад ва табиати фалон дарахти дигар ин аст, ки дар минтақаи гармсер метавонад ба ҳаёташ идома диҳад ва ғайра.

Албатта табиатро дар ғайри беҷон — яъне дар ҷондорҳо мисли гиёҳон ва ҳайвонот ва инсон — ҳам ба кор мебарем, вале дар он ҷанбаҳое, ки бо беҷонҳо муштараканд. Чун ҷондорҳо он чиро, ки беҷонҳо доро ҳастанд, доро мебошанд, вале чизҳое доранд, ки беҷонҳо надоранд.

## Ғариза

*Луғати* дуввуми мо луғати "ғариза" аст, ки бештар дар мавриди ҳайвонот ба кор бурда мешавад ва камтар дар мавриди инсон ба кор меравад, вале дар мавриди ҷамод ва набот ба ҳеч ваҷҳ ба кор бурда намешавад. Ҳанӯз моҳияти ғариза равшан нест, яъне ҳанӯз касе натавонистааст дуруст тавзеҳ диҳад, ки ғариза дар ҳайвонот чист, вале ин қадр медонем, ки **ҳайвонот**[1] **аз вежагиҳои махсуси даруние бархӯрдор ҳастанд, ки роҳнамои зиндагии онҳост ва як ҳолати нимаогоҳонае дар ҳайвонот вуҷуд дорад, ки ба**

[1]) *Ғариза дар ҳайвоноти пасттар ва пойинтар (мисли ҳашарот), бештар аз ҳайвоноти роқитар аст.*

**мӯҷиби ин ҳолат, масирро ташхис медиҳанд ва ин ҳолат иктисобӣ ҳам нест, як ҳолати ғайрииктисобӣ ва сириштӣ аст**. Масалан, ҳатто баччаи ҳайвоноти роқитар дар ҳамон ибтидои таваллуд бидуни он ки омӯзише бибинанд ва таҷрибае бикунанд, ба дунболи як силсила корҳое, ки барояшон лозим аст, мераванд. Баччаи ҳайвон (мисли кураи асб) бар хилофи баччаи инсон, ки вақте ба дунё меояд бояд ӯро ба пистон биандозанд (агарчӣ баччаи инсон ҳам як миқдор лабҳояшро каҷу рост мекунад ва хеле заиф нишон медиҳад, ки дар ҷустуҷӯи чизе аст) ҳамин қадр, ки аз модар мутаваллид мешавад ва аз он пардаи нишеман берун меояд, фавран талош мекунад, ки аз ҷо баланд бишавад, чанд бор замин мехӯрад, вале билохира баланд мешавад ва билофосила бидуни ин ки модар ӯро роҳнамоӣ кунад, сарашро каҷ мекунад ва дар зери шиками модар ҷустуҷӯ мекунад. Маълум аст, ки дар ҷустуҷӯи пистони модар аст ва дар зарфи яке ду дақиқа пистони модарро пайдо мекунад ва шурӯъ ба макидан мекунад.

Ин ҳолат, ки кураи асб баланд шуда дунболи пистони модар меравад ва зуд ҳам онро пайдо мекунад, чист?

Мегӯянд, ин ғаризаи ҳайвонӣ аст. Ғароизи ҳайвонот бисёр мухталиф аст. Масалан, мӯрча дар гирдоварии озуқа ғаризаи хоссе дорад:

*Мӯр гирд оварад ба тобистон,*

*То фароғат бувад зимистонаш.*

*(Саъдӣ)*

Ин ҳайвон як вазъи аҷибе дорад ва ҳатто барои гирд овардани озуқаҳои худаш корҳои хориқулодае мекунад, ки маълум нест[1] аз чӣ манбае аст ва чӣ решае дорад. Мегӯянд, гандумро, ки ҷамъ мекунад, мутаваҷҷеҳ аст, ки агар гандум солим бошад баъд мерӯяд ва ба дардаш намехӯрад, аз ин рӯ гандумро аз васат мешикофад ва онро мемиронад барои ин ки қобили рӯидан набошад ва бисёр корҳои аҷиби дигаре, ки ин ҳайвон мекунад. Инҳо чист? Мо мегӯем, инҳо "ғариза" аст. Ғариза корест нимаогоҳона, ки ҳам метавон гуфт, огоҳона аст ва ҳам метавон гуфт, огоҳона нест. Як ҳолати хеле мубҳаме аст.

*Ҳамчу майли кӯдакон бо модарон,*

*Сирри майли худ надонад дар лабон.*

*(Маснавӣ, Мавлоно)*

---

[1]) *Яъне назариёти мухталиф аст.*

Аз як тараф ба далели ин ки майл аст, як ҳолати огоҳона аст ва аз тарафи дигар як ҳолати огоҳона нест. “Майл” як ҳолати равониест, ки инсон ба худи майл як навъ огоҳии ҳузурӣ дорад, вале дар бораи он кучактарин огоҳӣ надорад. Яъне ба худи майл огоҳии ҳузурӣ дорад, вале дигар илм ба ин илми худаш надорад, сирри ин огоҳии худашро намедонад. Ҳамин қадр ба таври иҷмолу ибҳом ин майл дар ӯ пайдо мешавад, аммо худаш таваҷҷӯҳ ба ин майл надорад. Огоҳ ба ин майл аст, вале таваҷҷӯҳ надорад, чун таваҷҷӯҳ доштан, ғайр аз огоҳ будан ва ҳозир будани як чиз аст.

Дар мавриди ҳайвонот луғати “ғариза” ба кор бурда мешавад. Ман то ба ҳол надидаам, ки дар мавриди ҳайвонот — чӣ дар истилоҳоти динӣ ва чӣ дар истилоҳоти ғайридинӣ — луғати “фитрат” ба кор бурда шуда бошад. Ҳол, агар касе ҳам ба кор бурда бошад, гуноҳе муртакиб нашудааст, вале ман ёдам нест, ки дар мавриди ҳайвонот, он ҷо, ки калимаи “ғариза”-ро бояд ба кор бурд, калимаи “фитрат” ба кор бурда шуда бошад.

## Фитрат

Дар мавриди инсон луғати “фитрат”-ро ба кор мебарем. “Фитрат” монанди “табиат” ва “ғариза”, як амри таквинӣ аст, яъне ҷузъи сиришти инсон аст. (Агар мегӯям таквинӣ аст, мехоҳам бигӯям, иктисобӣ нест.) Амрест, ки аз ғариза огоҳонатар аст.

## Оё инсон фитриёте дорад?

Инсон як силсила фитриёт дорад ва медонад, ки чунин фитриёте дорад.

Фарқи дигаре, ки фитриёт бо ғариза дорад ин аст, ки ғариза дар ҳудуди масоили моддии зиндагии ҳайвон аст ва фитриёти инсон марбут мешавад ба масоиле, ки мо онҳоро масоили инсонӣ (масоили моварои ҳайвонӣ) меномем.

Пас дар ҳақиқат баҳси фитрат ин аст, ки оё ин масоиле, ки ба унвони масоили хосси инсонӣ — яъне моварои ҳайвонӣ — матраҳ аст ва барои ҳайвон матраҳ нест, ҳама иктисобӣ аст ва решае дар сохтмони инсон надорад ё ин ки на, ҳамаи ин масоил решае дар сохтмони инсон дорад ва фитрии инсон аст? Масалан, масъалае аст ба номи “ҳақиқатхоҳӣ”, ки худаш як матлабест. Мақсудам аз ҳақиқатхоҳӣ он ҳолатест, ки инсон мехоҳад ба воқеияти маҷҳулоте, ки дар баробараш ҳаст ноил шавад ва ҳақоиқи маҷҳулотро кашф кунад. Аввалан, оё инсон ҳақиқатхоҳ аст ё хайр? Мумкин аст, касе мункир шавад ва бигӯяд, аслан инсон ҳақиқатхоҳ нест ва агар инсон ҳақиқатро мехоҳад, барои манофеи худаш мехоҳад, ки ин баҳс дар боби илм ҳаст, чун илм мехоҳад

ҳақиқатро барои инсон кашф кунад. Оё инсон барои илм арзиши зотӣ қоил аст ё фақат арзиши абзорӣ қоил аст? Бидуни тардид илм василае барои инсон аст:

*Тавоно бувад ҳар ки доно бувад*

*(Фирдавсӣ, Шоҳнома)*

Илм ба инсон қудрат медиҳад ва вақте, ки қудрат дод, василае мешавад, ки инсон бо он ба зиндагии худаш беҳбуд бахшад. Вале як масъалаи дигар низ ҳаст: оё илм барои инсон арзиши зотӣ ҳам дорад ё надорад? Агар қоил шудем, ки илм барои инсон дар ҳоли ҳозир арзиши зотӣ дорад, яъне инсони имрӯз ҳақиқатхоҳ аст, ин суол матраҳ мешавад, ки оё ин ҳақиқатхоҳиро заруратҳои иҷтимоӣ ба инсон талқин карда ё ҷузъи ниҳоди инсон аст ва инсон ҳақиқатхоҳ офарида шудааст?

Мисоли дигар "хайри ахлоқӣ" аст. Мо аҷолатан имрӯз мафоҳим ва маъоние дар миёни худамон дорем, ки исми онҳоро "хайри ахлоқӣ" мегузорем. Яъне аз назари ахлоқӣ инҳоро "инсоният" ва "некахлоқӣ" ва нуқтаи муқобилашро "шарри ахлоқӣ" меномем. Масалан, "сипосгузорӣ" яъне чӣ? Яъне агар касе ба инсон некӣ кард, инсон дар муқобили ӯ некӣ кунад ва сипосгузор бошад. Дар муқобили носипосӣ аст. Ба иборати дигар, сипосгузорӣ яъне "некиро некӣ посух гуфтан". Ин як масъалаи ахлоқӣ аст. Мо имрӯз билохира инро пазируфтаем, ки:

هَلْ جَزاءُ اَلْإِحْسانِ إِلاَّ اَلْإِحْسانُ

(*Сураи Раҳмон, ояти 60*) Ин оят, ки суол мекунад, мехоҳад аз фитрати инсон ҷавоб бигирад, ки ин, амре фитрист, ки подоши эҳсон ҷуз эҳсон нест. Мефармояд, оё подоши эҳсон ғайр аз эҳсон чизи дигаре метавонад бошад? Инсон мегӯяд, хайр, ҷазо ва подоши эҳсон, эҳсон аст.

Ин ҳукмро инсон аз куҷо гирифтааст? Оё як амри талқинӣ аст ва заруратҳои иҷтимоӣ онро ба инсон таҳмил кардааст? Қаҳран дар ин сурат, агар шароити иҷтимоӣ тағйир кунад, ин ҳукм ҳам иваз мешавад ва аз байн меравад, ки ҳамон мафҳуми нисбияти ахлоқ мешавад. Ё ин ки ин як амре дар ниҳоди инсон аст?

Масъалаи худи дин ва парастиш аз ҷумлаи инҳост. Оё ин ҳиссе, ки имрӯз ба номи ҳисси динӣ ба ҳар ҳол дар инсонҳо вуҷуд дорад, амрест, ки аз ниҳоди инсон сарчашма мегирад ва як тақозое дар сиришт ва ботини инсон аст ё ин ҳам як амрест, ки мавлуди як силсила авомили дигар аст? Авомиле, ки мо баъд ба таври мухтасар дар бораи онҳо сухан мегӯем.

Пас, **баҳси фитриёти инсонро ин тавр тарҳ мекунем: як силсила масоиле буда ва ҳаст, ки имрӯз ин масоилро ба номи “инсоният” матраҳ мекунанд.** Ҳеч мактабе нест, ки мункири як силсила арзишҳои инсонӣ — ба қавли имрӯз – бошад.

Инсон як вақт дунболи манофеъ ва суд меравад. Ин як амри мантиқӣ ба назар мерасад. Чун инсон ба ҳасби ғариза, идомаи ҳаёт ва бақоро дӯст дорад ва ба ҳар чи ки ба идомаи ҳаёти ӯ кӯмак кунад, қаҳран алоқаманд аст ва мантиқӣ ва табиӣ аст, ки инсон дунболи суд биравад.

Як чизҳои дигаре вуҷуд дорад, ки бо суд қобили интибоқ нест. Яъне масъала масъалаи суд нест ва бо мантиқи суд ҷур дарнамеояд. Фарангиҳо ба ғалат исми инро valeur (арзиш) гузоштаанд. Аслан, худи ин номгузорӣ маншаи як силсила иштибоҳот шудааст.[1] Ин чизҳое, ки имрӯз онҳоро “арзишҳои инсонӣ” меноманд, чист? Оё инҳо решае дар ниҳод ва сиришти инсон дорад ва агар дорад, он чист ва барои чист? Чун ин худаш хеле масъалаи муҳимме аст, зеро агар чизе дар ниҳоди инсон бошад, он чиз аз масоил ва воқеиёти дигаре ҳикоят мекунад.

Бидуни шак таълимоти исломӣ бар асоси қабули як силсила фитриёт аст. Яъне ҳамаи он чизҳое, ки имрӯз масоили инсонӣ ва моварои ҳайвонӣ номида мешаванд ва исми онҳоро “арзишҳои инсонӣ” мегузорем, аз назари маорифи исломӣ решае дар ниҳод ва сиришти инсон доранд. Ва баъд хоҳем гуфт, ки асолати инсон ва инсонияти воқеии инсон дар гарави қабули фитриёт аст. Ин, ҳарфи муфт аст, ки мо барои инсон фитриёт қоил нашавем, яъне решае дар ниҳоди инсон барои инҳо қоил нашавем ва дам аз “умонизм” ва асолати инсон бизанем.

Пас баҳси баъди мо дар бораи ҳамин арзишҳои инсонӣ ва маънои фитрӣ будани инҳост ва натиҷае, ки аз инҳо мегирем ва баъд он чизҳоеро, ки фитриёти инсон аст бармешуморем, ки ин арзишҳо чист. Он гоҳ бояд бибинем, ки аз мутуни исломӣ чӣ

---

[1]) *Аз он ҷиҳат калимаи “арзиш”-ро ба кор бурдаанд, ки дар воқеъ хостаанд бигӯянд, инҳо “воқеият” нестанд, вале инсон ба ҳасби қарордод ба инҳо эътибор додааст. Амре ҳам, ки мо ба ҳасби қарордод ва эътибор барояш арзиш қоил бишавем, дар воқеъ ҳеч аст. Ин мисли он аст, ки мо барои як пули ҳазор тумонӣ ба ҳасби қарордод арзише қоил ҳастем, ки масалан агар ин пулро бидиҳем, метавонем як тонн гандум бигирем. Агар ин қарордод ва эътиборро бигиранд, ин пул бо як сафҳаи когаз фарқе надорад, ҳол исмашро ҳар чи мехоҳанд бигузоранд.*

далеле бар фитрӣ будани инҳо метавонем ба даст оварем? Оё мо аз Қуръон ва аз мутуни исломӣ метавонем далел биёварем, ки хайрҳои ахлоқӣ ҳам як силсила умуре дар сиришти инсон аст? Оё аз ояти каримаи:

وَنَفْسٍ وَما سَوّاها فَأَلْهَمَها فُجُورَها وَتَقْواها

(*Сураи Шамс, ояти 8*) метавонем барои як силсила фитриёт дар боби масоили ахлоқӣ истифода кунем? Ё аз ҳамон ояти:

هَلْ جَزاءُ اَلْإِحْسانِ إِلاَّ اَلْإِحْسانُ

— метавонем чунин истифодае кунем? Маъмулан дар ҷое, ки Қуръон суол мекунад, посухро аз фитрати мардум мехоҳад. Мехоҳад бигӯяд, чизҳоест, ки инҳо дар ниҳоди мардум ҳаст ва ҳар касе инҳоро медонад. Дар ҷаласоти оянда дар зимни баҳс, ба бархе суолот посух хоҳем гуфт.

## Фитриёти инсон

Ибтидо ба ду суол аз суолоти матраҳшуда ҷавоб медиҳем ва баъд вориди баҳси худамон мешавем.

Як суол ин аст, ки: оё масоиле, ки Қуръони Маҷид аз забони навъи инсон баён мекунад, фитрӣ аст ё хайр? Масалан, Қуръон мефармояд:

وَيَقُولُ اَلْإِنْسانُ أَإِذا ما مِتُّ لَسَوْفَ أُخْرَجُ حَيًّا

(*"Ва инсон мегӯяд: оё чун ман бимирам, боз ба зудӣ маро аз қабр берун оварда ва зинда хоҳанд кард?" Сураи Марям, ояти 66*)

Оё аз инҷо дониста намешавад, ки эътиқод ба растохез фитрӣ нест? Ин суол аз назари куллӣ суоли хубест, яъне суолест, ки бояд рӯи он кор кард ва дид, ки оё маҷмӯи он чи, ки Қуръон аз забони навъи инсон нақл мекунад, марбут ба як силсила умури фитрии инсон аст ё на?

Ба ҳар ҳол, ин суол ба сурати куллӣ қобили баҳс ва қобили тарҳ аст ва бояд маҷмӯи оятҳое, ки дар ин замина ҳаст ҷамъоварӣ бишавад.

Вале он чи, ки роҷеъ ба хусуси ояти:

وَيَقُولُ اَلْإِنْسانُ أَإِذا ما مِتُّ لَسَوْفَ أُخْرَجُ حَيًّا

— метавон гуфт ин аст, ки аввалан, бояд бибинем ин:

**وَيَقُولُ الْإِنْسانُ**

— аз забони навъ аст ё ишора ба як инсони хосс аст? Алъон ман ҳузури зеҳн надорам, вале эҳтимол дорад, ки шаъни нузули оят нозир ба як ҷараёни хоссе бошад.[1] Яъне як инсони хоссе чунин ҳарфе задааст ва Қуръон бо таъаҷҷуб ва бо инкор мефармояд, бибинед ин инсон дорад чунин ҳарфе мезанад!

Агар ин тавр бошад, он вақт аз забони навъ нест, аз забони фард аст.

Сониян, масъалаи ин ки оё эътиқод ба растохез фитрӣ ҳаст ё фитрӣ нест, бастагӣ дорад ба ин ки мо эътиқод ба растохезро дар чӣ шакле тарҳ кунем.

Як вақт дар он шакл тарҳ мекунем, ки худи Қуръон дар аксари оятҳо тарҳ кардааст. Маънӣ ва мафҳуме, ки Қуръон ба растохез медиҳад, руҷӯъ ва бозгашт ба парвардигор аст:

**إِنّا لِلّهِ وَإِنّا إِلَيْهِ راجِعُونَ**

(*Сураи Бақара, ояти 156*) Агар ба ин маънӣ ва мафҳум бошад, ҷавоб ин аст: бале, эътиқод ба растохез фитрӣ аст.

Вале ағлаб ин амрро ба як сурати ноқис тарҳ мекунанд, ки он маънӣ ва мафҳуми воқеии худашро надорад. Бархе ин тавр ба назарашон мерасад, ки ҳамон тавр, ки як санъатгар як чизеро месозад, баъд онро хароб мекунад ва бори дуввум ҳамонро мехоҳад бисозад, Худованд низ чунин мекунад. Касе ҳам, ки тибқи ояти мазкур чунин ҳарфе зада, тасаввураш як чунин чизе будааст, на тасаввур ба шакли воқеӣ, ки аз маод бояд дошта бошад. Шунида будааст, ки мардум дар маод бори дигар зинда мешаванд, вале ин зинда шуданро як навъ бозгашт ба дунё талаққӣ мекардааст — ки аксари мардум ин тавр талаққӣ мекунанд — на бозгашт ба Худо.

Агар тасаввури мо аз маод ин бошад, ки навъе бозгашти ҷадид ба ҳамин дунёст, қадри мусаллами эътиқод ба маод як амри фитрӣ нест. Аммо агар тасаввурамон аз маод ин бошад, ки воқеият ва ҳақиқаташ бозгашт ба Худост, он вақт як амре мешавад марбут ба робитаи инсон ва Худо, ки инро метавонем дар маҳаллаш баҳс кунем, ки ин, амре фитрӣ аст.

---

[1]) *Соҳиби "Маҷмаъул-баён" менависад: "Ояти мазкур дар мавриди Убай ибни Халаф ва бино бар қавле, дар мавриди Валид ибни Муғира нозил шудааст."*

## Оё виҷдон кардан далели фитрӣ будан аст?

Суоли дигаре матраҳ шудааст, ки: оё дар исботи вуҷуди фитрат барои инсон, ба ҳамин иктифо мекунем, ки фитриётро дар худамон меёбем ва ё истидлоли дигаре ҳаст? Чун дар сурати аввал, ғароиз, ҳавасҳо ва фитриёт комилан қобили тадохуланд ва такя бар тафовутҳои истилоҳӣ ва лафзӣ кофӣ нест. Ва хулоса, марзи дақиқтари "фитрат" ва "ғариза" дар инсон чист? Ва оё ин марзҳо қарордодӣ аст (масалан, тақсимашон ба худогоҳ ва нохудогоҳ) ё воқеӣ?

Ин дар воқеъ ду суол дар тӯли якдигар аст. Мегӯянд, оё барои исботи фитрӣ будани як амр ба ҳамин ҷиҳат иктифо мекунем, ки "мо он амрро дар худ меёбем"?

Ҷавоб ин аст, ки аввалан, мо ҳанӯз дар мақоми исботи фитрӣ будан ва ё алоими фитрӣ будани як амр барнаёмадаем ва баъд дар бораи он сӯҳбат мекунем.

Сониян, фаразан чунин чизе бошад, ин як чизи аҷибе нест, ки як амре барои мо фитрӣ бошад ва далели мо бар фитрӣ буданаш ин бошад, ки худ фитрӣ буданашро дар замири худамон меёбем. Ин назири он аст, ки мо як силсила бадеҳиёти аввалия дорем, масалан мегӯем, ин ки "кулл аз ҷузъ бузургтар аст ва маҳол аст, ки ҷузъ баробар бо кулл ё бузургтар аз кулли худаш бошад", бадеҳӣ аст. Баъд, касе бигӯяд, чӣ далеле бар бадеҳӣ будани ин матлаб ҳаст? Худаш бадеҳӣ аст, вале ин ки бадеҳӣ аст, оё назарӣ аст ё бадеҳӣ? Мегӯем, ин ҳам, ки бадеҳӣ аст, бадеҳӣ аст. Агар мо фарз кунем, ки бадеҳӣ будани он бадеҳӣ набошад ва назарӣ бошад, бояд барояш далел биёварем, он далели мо чӣ гуна аст? Назарӣ аст ё бадеҳӣ? Агар фарз кунем, далели мо назарӣ бошад, пас он ҳам далел мехоҳад. Ҳол далели далел чӣ тавр? Назарӣ аст ё бадеҳӣ? Агар дар охир ба як бадеҳӣ расидем, ки он, бадеҳӣ буданаш эҳтиёҷ ба далел надорад, ин метавонад дуруст бошад. Аммо агар ба чунин бадеҳие ҳаргиз нарасем, пас ҳеч бадеҳие надорем ва ҳеч назарие надорем. Яъне вақте ҳеч бадеҳие надошта бошем, ҳеч истидлоле наметавонем дошта бошем, чун дар ин сурат истидлоли мо бар як амри назарӣ — яъне бар як амри маҷҳул — мубтанӣ аст. Агар мо бихоҳем бар як амри маҷҳул, аз як амри назарӣ (яъне аз як амри маҷҳули дигар) далел биёварем, ин кор мисли замми сифр ба сифр аст, ки асаре надорад.

Пас таъаҷҷубе надорад, ки касе бигӯяд, ки мо як силсила умури фитрӣ дорем ва фитрӣ будани онҳоро дар замири худамон виҷдон мекунем ва ҳеч ниёзе ба далел надорем. Дар ароизи баъд дар бораи ин матлаб тавзеҳи бештар дода мешавад.

Дар идомаи суол гуфтаанд, ки: дар ин сурат фарқе миёни “ғариза” ва “ҳавас” ва монанди он боқӣ намемонад.

Иттифоқан он баҳсе, ки мо кардем, баҳси луғавӣ буд, яъне баҳси мо бар сари ин буд, ки ин луғати “фитрат”, ки дар Қуръон ва баъд дар истилоҳоти уламо ба кор бурда шуда, дар чӣ мавриде ба кор рафтааст? Мо ибое надорем, ки касе бар рӯи ҳамаи ин масоили фитрӣ исми ғаризаро бигузорад. Магар исми ғаризаро, ки рӯяш гузоштанд, дигар қазия ҳал шудааст? Баҳс дар моҳияти он амри ғаризӣ ва он амри фитрӣ аст, ҳол шумо мехоҳед исмашро “ғариза” бигузоред ё “фитрат”. Мо ба луғат коре надорем,[1] ки оё луғати “фитрат” бо луғати “ғариза” фарқ дорад ё фарқ надорад? Баҳс дар ин аст, ки оё он чи, ки ба номи “инсоният” номида мешавад ва ба унвони милокҳои инсонӣ шинохта мешавад, иктисобӣ аст ё ғайри иктисобӣ? Оё он милокҳо аз хориҷ бар инсон таҳмил шудааст ё аз зоти инсон меҷӯшад? Баҳси мо ин аст. Вақте мегӯем, ин милокҳо фитрӣ аст, яъне аз зоти инсон меҷӯшад ва инсон мавҷудест, ки базри ин милокҳо дар умқи вуҷудаш кошта шудааст ва вуҷуд дорад. Ҳол шумо мехоҳед исми инро ҳам ғариза бигузоред, бигузоред. Ин, баҳси луғавӣ мешавад. Мо фақат хостем бигӯем, ки маъмулан дар ин гуна маворид луғати “ғариза”-ро итлоқ намекунанд. Касе ҳам бихоҳад луғати “ғариза”-ро итлоқ кунад, бикунад. Маъмулан, дар мавриди ҳайвонот “фитрат” намегӯянд, касе бихоҳад луғати “фитрат”-ро ҳам ба кор бибарад, ба кор бибарад. Пас баҳс, баҳси луғавӣ нест.

Аммо дар он ҷиҳат, ки гуфтаанд он чи, ки дар инсон ҳаст огоҳона аст ва дар ҳайвон огоҳона нест, баҳсе нест, ки якчунин тафовуте ҳам дар кор ҳаст. Пас ин набояд барои мо маншаи эрод ва суол ва ишкол шавад. Ҳол ба идомаи баҳси худамон мепардозем.

## Инсон ношинохтатарин мавҷуд

Дар миёни мавҷудоти ҷаҳон ҳеҷ мавҷуде ба андозаи инсон ниёзманд ба тафсир нест. Гуфтем, мавзӯоте, ки дар фалсафа рӯи онҳо баҳс мешавад — яъне ҳамаи фалсафаҳои ҷаҳон дар атрофи онҳо баҳс мекунанд — Худо, ҷаҳон ва инсон аст. Ҳол, баъзе фалсафаҳо бештар роҷеъ ба Худо баҳс кардаанд, баъзе бештар роҷеъ ба ҷаҳон баҳс кардаанд ва баъзе бештар роҷеъ ба инсон.

---

[1]) *Албатта “коре надорем” ба ин маъно, ки мехоҳем бигӯем, луғат таъсире дар муддаои мо надорад, вале бо луғат ҳам кор дорем.*

Инсон дар миёни аҷзоъи ҷаҳон чӣ имтиёзе дорад, ки мегӯем "ҷаҳон" ва "инсон". Магар инсон ҷузъи ҷаҳон нест? Бале, инсон ҷузъи ҷаҳон аст, вале ин ҷузъ бо ҳамаи ҷузъҳои дигар тафовутҳое дорад — ё бигӯем, печидагиҳое дорад — ки аз ҳамаи аҷзоъи дигари ҷаҳон бештар ниёзманд ба тафсиру тавҷеҳ аст. Як филиз ҳам як шайъ аст. Оҳан ва пӯлод ва тилло ва нуқра ва гиёҳ ҳам аз аҷзоъи ҷаҳон ҳастанд, вале инҳо ин қадр ниёзманд ба тафсиру тавҷеҳ нестанд, ки лозим бошад як силсила фарзиёт, назариёт ва тарҳҳо барои шинохти онҳо ба кор бурда шавад. Ба ҳамин хотир алъон ҳам муддаӣ ҳастанд, ки инсон ношинохтатарини мавҷудоти ҷаҳон аст.

Китобе ҳаст аз Олексис Корел (*Alexis Carrel = Алексис Каррель*) ба номи "*Инсон мавҷуди ношинохта*" ("*Man, the Unknown*"). Исми хубест. Таъаҷҷуб аст, ки бо ин ки инсон худаш омили шинохти ашёи дигар аст ва ашёи бисёр-бисёр дур аз худро шинохтааст ва аҳёнан муддаӣ аст, ки маҷҳуле дар мавриди онҳо надорад, дар мавриди наздиктарини мавҷудот ба худаш — ки худ ҳамон омили шиносоӣ яъне инсон бошад — маҷҳулоти зиёде дорад.

Яке аз маҷҳулот дар мавриди инсон ҳамин масъалаи фитриёти[1] инсон аст, ки дар ду қисмат аст: яке, дар ноҳияи шинохтҳо, даркҳо, дарёфтҳо ва дигар, дар ноҳияи хостҳо ва майлҳо.

## Фитриёти инсон дар ноҳияи шинохтҳо

Дар ноҳияи дарёфтҳо ва шинохтҳо ин масъала ҳаст, ки оё инсон дорои як силсила маълумоти фитрӣ — яъне маълумоти ғайри иктисобӣ — ҳаст ё хайр? Мо алъон ҳазорҳо тасаввур ва тасдиқ дар зеҳни худамон дорем, ки бидуни шак аксарияти қариб ба иттифоқи инҳо иктисобӣ аст.

Аз ин ояти Қуръон, ки дар сураи муборакаи Наҳл аст:

وَاللَّهُ أَخْرَجَكُمْ مِنْ بُطُونِ أُمَّهَاتِكُمْ لَا تَعْلَمُونَ شَيْئًا وَجَعَلَ لَكُمُ السَّمْعَ وَالْأَبْصَارَ وَالْأَفْئِدَةَ لَعَلَّكُمْ تَشْكُرُونَ

(*"Ва Худо шуморо аз батни модарон берун овард, дар ҳоле, ки ҳеч намедонистед ва ба шумо гӯш, чашм ва қалб эъто кард, то магар (доно шавед ва) шукр (-и ин неъматҳо) ба ҷой оред." Сураи Наҳл, ояти 78*)) — баъзе хостаанд, истинбот кунанд, ки ҳамаи маълумоти инсон иктисобӣ аст ва маълумоти фитрӣ дар кор нест.

---

[1]) *Агар ҳам дилатон мехоҳад, мисли баъзе аз равоншиносҳо калимаи "ғароиз"-ро ба кор бибаред.*

Зоҳири оят ин аст, ки вақте Худо шуморо аз шиками модаронатон берун овард, ҳеч чиз намедонистед, яъне лавҳи замири шумо софу пок буд ва ҳеч нақше дар он набуд; чашму гӯш ба шумо дода шуд — ки мусалламан ба унвони намунае аз ҳавосс аст ва мунҳасир ба чашму гӯш нест — ва дил ба шумо дода шуд, ки мақсуд мояи тафаккур аст. Яъне дар лавҳи замири шумо чизе навишта нашуда буд, бо қалами ҳавосс ва бо қалами дил ва ақл аст, ки рӯи ин лавҳи соф чизҳое навишта мешавад. Ин як назария аст.

## Назарияи Афлотун

Назарияи дигаре аст, ки аз Афлотун аст ва акси ин назария аст. Мегӯяд, инсон вақте, ки ба ин дунё меояд, ҳама чизро медонад; чизе, ки надонад вуҷуд надорад.

Руҳи инсон қабл аз бадан дар дунёи дигаре вуҷуд доштааст. Он дунё ба қавли ӯ, дунёи “мусул” аст ва руҳи инсон дар дунёи “мусул” — ки ба ақидаи ӯ, ҳақоиқи мавҷудоти ин олам ҳастанд — мусулро дарк карда ва ба ҳақоиқи ашё расидааст. Баъд, ки ба бадан таъаллуқ мегирад, як навъ ҳиҷоб миёни ӯ ва маълумоти ӯ барқарор мешавад ва мусули одамӣ мешавад, ки як чизҳое медонад, вале муваққатан фаромӯш кардааст. Ба ақидаи ӯ, ҳар касе, ки ба дунё меояд, ҳамаи улум (масалан риёзиёт)-ро медонад. Пас таълим ва таъаллум чист? Мегӯяд, таълиму таъаллум тазаккур ва ёдоварӣ аст, муаллим музаккир аст, яъне он чиро, ки (мутаъаллим) дар ботин медонад, ба ӯ ёдоварӣ мекунад ва ӯ ба ёди он чи қаблан медонистааст меафтад.

Аз ин рӯст, ки “таълим” дар мактаби ӯ фақат тазаккур асту бас. Ин ҳам назарияи дуввум, ки дуруст нуқтаи муқобили назарияи аввал аст.

## Назарияи ҳукамои исломӣ

Назарияи севвум ин аст, ки инсон баъзе чизҳоро билфитра медонад, ки албатта онҳо кам ҳастанд. Усули тафаккури инсонӣ, ки усули муштараки тафаккуроти ҳамаи инсонҳост, усули фитрӣ ҳастанд ва фурӯъ ва шохаҳои тафаккурот иктисобӣ. Вале инҳо ҳам, ки мегӯянд, усули тафаккурот фитрӣ ҳастанд, боз на ба он мафҳуми афлотунӣ мегӯянд, ки руҳи инсон дар дунёи дигар инҳоро ёд гирифта ва инҷо фаромӯш кардааст. Балки мақсуд ин аст, ки инсон дар ин дунё мутаваҷҷеҳи инҳо мешавад, вале дар донистани инҳо ниёзманд ба муаллим ва ниёзманд ба суғро ва кубро чидан ва тартиби қиёс додан ё таҷриба кардан ва амсоли инҳо нест, яъне сохтмони фикрии инсон ба гунаест, ки сирфи ин ки ин масоил арза бишавад, кофист барои ин ки инсон онҳоро

дарёбад; эҳтиёҷ ба истидлол ва далел надорад, на ин ки инсон инҳоро қаблан медонистааст. Ин, назарияи дигар аст, ки маъмулан ҳукамои исломӣ ҳамин назарияро доранд. Арасту низ ҳамин назарияро — бо ихтилоф дар баъзе хусусиёт — доштааст.

Дар миёни фалосифаи ҷадид низ ин ихтилофи назар вуҷуд дорад. Албатта, шояд касе он назарияи афлотуниро дар давраи ҷадид мӯътақид набошад, вале дар давраи ҷадид ҳам баъзе аз файласуфон бархе аз маълумотро барои инсон фитрӣ ва қаблӣ медонанд ва баъзе дигарро баъдӣ ва таҷрибӣ. Қаҳрамони ин назария, файласуфи бисёр бузурги маъруфи дунё дар қуруни ҷадид яъне Конт (*Immanuel Kant*) аст, ки ӯ мӯътақид аст ба як силсила маълумоти қаблӣ ва ғайри ҳосил аз таҷриба ва ҳавосс, яъне маълумоте, ки ба ақидаи ӯ, лозимаи сохтмони зеҳн аст.

Дар миёни файласуфони Олмон ин фикр вуҷуд доштааст, вале ағлаби файласуфони англисӣ, ки бештар ҳиссӣ будаанд (мисли Ҷон Лок (*John Locke*) ва Ҳюм (*David Hume*)) назарашон акси ин аст. Мегӯянд, ҳеч маълуме дар лавҳи замири инсон нест ва ҳама чизро инсон аз берун дарёфт мекунад ва ҳама чиз омӯхтанӣ аст.

Нуктае, ки арз кардам — ки мо дар "Усули фалсафа" ҳам онро зикр кардаем – бисёр-бисёр дақиқ аст. Файласуфони исломӣ қоил ба ин ҳастанд, ки усули аввалияи тафаккури инсон омӯхтанӣ ва истидлолӣ нест ва бениёз аз истидлол аст, вале дар айни ҳол ин усулро зотӣ намедонанд, он чунон, ки Афлотун ва ё Конт зотӣ медонанд. Ҳукамои исломӣ мегӯянд, дар ибтидо, ки инсон мутаваллид мешавад, ҳатто ҳамон усули тафаккурро ҳам надорад, вале усули аввалияи тафаккур, ки баъд пайдо мешавад, аз роҳи таҷриба пайдо намешавад, аз роҳи истидлол ҳам пайдо намешавад, аз роҳи муаллим ҳам пайдо намешавад, балки ҳамин қадр, ки инсон ду тарафи қазоё (мавзӯъ ва маҳмул)-ро тасаввур кунад, сохтмони зеҳн ин тавр аст, ки билофосила ба таври ҷазм ҳукм ба робита миёни мавзӯъ ва маҳмул мекунад. Масалан, агар бигӯем, "кулл аз ҷузъ бузургтар аст", Афлотун мегӯяд, инро монанди ҳамаи масоили дигар аз азал рӯҳҳо медонистаанд. Конт мегӯяд, дар ин ки мегӯем, "кулл аз ҷузъ бузургтар аст", як силсила аносури зеҳнии фитрӣ ҳаст, ки дар сохтмони он дахолат дорад; як миқдораш аз берун гирифта шуда ва як миқдораш аз худи зеҳн аст. Ҳукамои исломӣ мегӯянд, навзод вақте, ки ба дунё меояд, ҳеч чиз намедонад, ҳатто қазияи мазкурро ҳам намедонад, чун тасаввуре аз "кулл" надорад, тасаввуре ҳам аз "ҷузъ" надорад. Вале ҳамин қадр, ки тасаввуре аз кулл ва тасаввуре аз ҷузъ пайдо кард ва ин дуро баробари ҳам гузошт, дигар

бидуни ниёз ба далел ва муаллим ва таҷриба, ҳукм мекунад, ки “кулл аз ҷузъ бузургтар аст”.

Пас, дидем, ки дар бахши дарёфтҳо ихтилофи назарҳое то ин ҳудуд вуҷуд дорад, ки оё мо дарёфте, ки фитрӣ бошад — ё ба маънои афлотунӣ ва ё ба маънои ҳукамои исломӣ — дорем ё надорем? Дар ин ҳудуд маҳалли баҳс ва сухан аст.

## Назари Қуръон

Аммо бибинем, назари Қуръон чист. Мо аз як тараф дидем, ки Қуръон мефармояд:

وَاللَّهُ أَخْرَجَكُمْ مِنْ بُطُونِ أُمَّهَاتِكُمْ لَا تَعْلَمُونَ شَيْئًا وَجَعَلَ لَكُمُ السَّمْعَ وَالْأَبْصَارَ وَالْأَفْئِدَةَ لَعَلَّكُمْ تَشْكُرُونَ

Вақте навзод ба дунё меояд, лавҳи замираш аз ҳама чиз софу пок аст. Вале дар айни ҳол, Қуръон баъзе аз масоилро ба шакле тарҳ мекунад, ки фаҳмида мешавад, ки он масоил бениёз аз истидлол аст. Масалан, худи масъалаи тавҳид дар Қуръон чӣ гуна матраҳ шуда ва ин оятҳо чӣ гуна бо якдигар ҷур дармеоянд? Масъалаи тавҳид дар Қуръон — ки баъд оятҳояшро мехонем — амрест фитрӣ. Пас, ин:

لَا تَعْلَمُونَ شَيْئًا

— ва ин матлаб, ки шумо Худоро ба навъе дар ботин ва дар замир мешиносед, чӣ гуна бо ҳам ҷамъ мешаванд? На, инҳо бо якдигар қобили ҷамъанд.

Боз аз хусусиёти Қуръон аст, ки дам аз “тазаккур” мезанад. Хеле аҷиб аст! Дар айни ин ки он назарияи афлотунӣ ба он шиддат дар Қуръон рад шудааст, мебинем Қуръон ба Пайғамбар мефармояд:

فَذَكِّرْ

*“Ёдоварӣ кун!”*

إِنَّمَا أَنْتَ مُذَكِّرٌ. لَسْتَ عَلَيْهِمْ بِمُصَيْطِرٍ

(*Сураи Ғошия, оятҳои 21 ва 22*) Оятҳои зикр, ки яке ва ду то ҳам нест. Ҳатто худи Қуръон “зикр” ном гирифтааст. Ҳамчунин ба худи Расули Акрам калимаи “зикр” итлоқ шудааст:

قَدْ أَنْزَلَ اللَّهُ إِلَيْكُمْ ذِكْرًا. رَسُولًا

(*Сураи Талоқ, оятҳои 10 ва 11*) Пас, ин оятҳо нишон медиҳад, ки дар айни ҳол Қуръон қоил ба масоилест, ки барои он масоил тазаккур ва ёдоварӣ кофӣ аст ва истидлол намехоҳад. Масалан, дар ояти:

هَلْ يَسْتَوِي الَّذِينَ يَعْلَمُونَ وَالَّذِينَ لَا يَعْلَمُونَ

(*Сураи Зумар, ояти 9*) истифҳоми тақрирӣ мекунад.[1] Қуръон дар ин равиши худ — ки як равиши хоссе дар Қуръон аст — масоилро ба сурати суол тарҳ мекунад.

Вақте мехоҳад даъват ба имон ва амали солеҳ кунад, мефармояд:

أَمْ نَجْعَلُ الَّذِينَ آمَنُوا وَعَمِلُوا الصَّالِحَاتِ كَالْمُفْسِدِينَ فِي الْأَرْضِ أَمْ نَجْعَلُ الْمُتَّقِينَ كَالْفُجَّارِ

(*Сураи Сод, ояти 28*) Яъне мо суол мекунем, шумо худатон ҷавобашро бидиҳед. Дар дунболаи ҳамин навъ оятҳо аст:

---

1) *Инро дар метод, таълиму тарбияти "равиши суқротӣ" мегӯянд. Мегӯянд, Суқрот дар таълимоти худаш аз ҳамин равиш истифода мекардааст. Вақте мехост матлаберо ба тараф собит кунад, аз бадеҳитарин масоил шурӯъ мекард ва ба сурати суол мегуфт: оё ин матлаб ин тавр аст ё он тавр? Чун масъала равшан буд, ӯ ҳамон тараферо, ки Суқрот мехост, интихоб мекард. Ҳамин, ки онро ба сафҳаи равшани зеҳни тараф меовард, як суоли болотаре матраҳ мекард. Боз ӯ ҳамон тараферо, ки Суқрот мехост, интихоб мекард. Баъд, ки инро ҳам дар сафҳаи равшани зеҳнаш меовард, як суоли дигар тарҳ мекард ва боз ҷавоб мегирифт. Ин корро идома медод, то ин ки як дафъа тарафи муқобил мутаваҷҷеҳ мешуд, ки худаш ба муддаои Суқрот эътироф карда бидуни ин ки Суқрот як калима ҳарф зада бошад. Яъне аз даруни мухотаб ҷавобҳоро берун мекашид. Чун устоди фанн ва як равоншиноси бисёр дақиқ буд ва равон ва сайри зеҳн ва сайри фикрро хеле хуб мешинохт, аз як муқаддамоте шурӯъ мекард, ки бидуни ин ки як калима ҳарф зада бошад, зеҳни мухотаб худаш қадам ба қадам пеш меомад.*

*Модари Суқрот момо будааст. Худаш мегуфтааст, ман монанди модарам момогарӣ мекунам. Момо баччаро ба дунё намеоварад, табиати модар аст, ки баччаро ба дунё меоварад. Кори момо фақат ин аст, ки модарро роҳнамоӣ мекунад: ин тавр бинишин, ин тавр ҳаракат кун. Ӯро кӯмак медиҳад, то навзод аз ӯ мутаваллид шавад. Кори ӯ ин нест, ки бо дасти худаш баччаро бигирад ва берун бикашад; он, кори ноқисе аст. Ӯ бояд сабр кунад, ки ба сурати худкор бачча мутаваллид шавад. Суқрот мегуфт, кори ман ҳамон момогарӣ аст, яъне коре мекунам, ки зеҳн фикрро тавлид мекунад, ҳамон тавр, ки модар баччаро мезояд; ман фақат зеҳнҳоро кӯмак мекунам, ки фикрҳои ҷадидро бизоянд.*

إِنَّمَا يَتَذَكَّرُ أُولُو الْأَلْبَابِ

*“Соҳибони ақлҳо худашон мутазаккир мешаванд.”* (*Сураи Зумар, ояти 9*)

Пас, фитриёте, ки Қуръон қоил аст, аз навъи фитриёти афлотунӣ нест, ки бачча қабл аз ин ки мутаваллид шавад, инҳоро медониста ва муҷаҳҳаз ба инҳо ба дунё меояд, балки ба маънои ин аст, ки истеъдоди инҳо дар ҳар касе ҳаст, ба тавре, ки ҳамин қадр, ки бачча ба марҳилае расид, ки битавонад инҳоро тасаввур кунад, тасдиқи инҳо барояш фитрӣ аст. Пас, ояти:

وَاللَّهُ أَخْرَجَكُمْ مِنْ بُطُونِ أُمَّهَاتِكُمْ لَا تَعْلَمُونَ شَيْئًا وَجَعَلَ لَكُمُ السَّمْعَ وَالْأَبْصَارَ وَالْأَفْئِدَةَ لَعَلَّكُمْ تَشْكُرُونَ

— бо ин масъала, ки тавҳид фитрӣ аст ва бо ин масъала, ки Қуръон бисёре аз масоилро ба унвони “тазаккур” зикр мекунад мунофот надорад. Чун “фитрӣ аст” ба маънии ин аст, ки эҳтиёҷ ба омӯзиш ва истидлол надорад, на ба ин маъно, ки қабл аз омадан ба ин дунё онҳоро медониста, то дар ин сурат ин ду оят бо якдигар мунофот дошта бошанд. Ин дар боби фитриёти илмӣ.

## Назари мункирин ва натиҷаи он

**Тазаккур**: Қабл аз овардани матолиби ин фасл яъне суханони шаҳид Мутаҳҳарӣ, банда (*Сайидюнуси Истаравшанӣ*) лозим донистам, манзури эшон дар ин бобро аз онҷо, ки каме печида ҳастанд, ба забони хеле содда баён бикунам.

Эшон мехоҳад бигӯяд, агар мо назари мункирони фитриёт дар ноҳияи шинохтҳоро дуруст бидонем ва бипазирем, дар ин сурат, ҳамаи фалсафаҳо ва ҷаҳонбиниҳо беэътибор мегарданд ва ба ҳеч фалсафае аз ҷумла фалсафаи худи мункирон наметавон қатъ ҳосил кард, дар ҳоле, ки онҳо фалсафаи худро дуруст медонанд. Ва ба қавли шаҳид Мутаҳҳарӣ:

*“Фалсафаҳое, ки ҳам ба фитрӣ набудани усули аввалияи тафаккур қоиланд ва ҳам мехоҳанд бигӯянд, мо ба як фалсафа – масалан, материализми диалектик — қоил ҳастем ва ҷаҳон ҷуз модда чизе нест, бояд ба инҳо гуфт, худи ҳамин низ фикрест, ки ҳеч эътибор надорад, қатъи назар аз эродҳои дигаре, ки касе бихоҳад ба муҳтавояш бигирад. Зеро ин мабное, ки бароят сохтаед, мабно нест. Яъне ту дар ҳукми ҳамон шахсе ҳастӣ, ки рӯи шохаи дарахт нишаста ва зери пойи худро мебурад.”*

Албатта, лозим ба ёдварист, фалосифаи исломӣ дар хусуси фитриёти башар, ҳарфашон мисли ҳарфи Афлотун нест. Афлотун мӯътақид буд, инсон вақте ба ин дунё

меояд, ҳама чизро медонад; чизе, ки надонад вуҷуд надорад. Руҳи инсон қабл аз бадан, дар дунёи дигаре вуҷуд доштааст. Он дунё ба қавли ӯ, дунёи “мусул” аст ва руҳи инсон дар дунёи “мусул” — ки ба ақидаи ӯ, ҳақоиқи мавҷудоти ин олам ҳастанд — мусулро дарк карда ва ба ҳақоиқи ашё расидааст. Баъд ки руҳ ба бадан таъаллуқ мегирад, як навъ ҳиҷоб миёни ӯ ва маълумоти ӯ барқарор мешавад ва “мусул” мешавад, ки як чизҳое медонад, вале муваққатан фаромӯш кардааст.

Ва ҳамчунин фалосифаи исломӣ дар ин хусус, мисли Конт намегӯянд. Конт (*Immanuel Kant*) мӯътақид ба як силсила маълумоти қаблӣ ва ғайри ҳосил аз таҷриба ва ҳавосс, яъне маълумоте, ки ба ақидаи ӯ, лозимаи сохтмони зеҳн аст, буд.

Балки он чи фалосифаи исломӣ мегӯянд, хулосааш ин аст, ки навзод вақте ба дунё меояд, ҳеч чиз намедонад, ҳатто қазияи “кулл аз ҷузъи худ бузургтар аст”-ро ҳам намедонад, чун на тасаввуре аз “кулл” дорад ва на тасаввуре ҳам аз “ҷузъ”. Вале замоне ки тасаввуре аз кулл ва тасаввуре аз ҷузъ пайдо кард ва ин дуро баробари ҳам гузошт, дигар бидуни ниёз ба далел ва муаллим ва таҷриба, ҳукм мекунад, ки “кулл аз ҷузъ бузургтар аст”. Ба сухани дигар, фалосифаи исломӣ ба фитриёт дар ноҳияи тасаввур қоил нестанд, вале дар ноҳияи тасдиқ ба он қоиланд.

Дар ҳоле, ки мункирони фитриёт мисли Ҷон Лок (*John Locke*) ва Дэвид Ҳюм (*David Hume*) ва қоилон ба материализми диалектик мӯътақиданд, ки ҳеч маълуме (ҳатто он чи фалосифаи исломӣ дар ноҳияи тасдиқ ба он қоиланд) дар лавҳи замири инсон нест ва ҳама чизро инсон аз берун дарёфт мекунад ва ҳама чиз омӯхтанӣ аст.

Мункирони фитриёт мегӯянд, ин ки мо чизеро фитрӣ медонем, мисли масоили риёзӣ масалан 2×2=4-ро, ба ин далел аст, ки дар муҳите қарор дорем, ки 2×2-ро 4 меёбад, яъне сохтмони мағзи мо тавре сохта шудааст, ки дар муҳите, ки қарор дорем, ки ин тавр меёбад. Агар муҳит иваз шавад, масалан агар дар як сайёраи дигаре бошем, мумкин аст бигӯем, 2×2=5 аст.

Хуб, инак айни он чи дар китоб омада:

Онҳое, ки ба таври куллӣ мункири фитриёт ҳастанд, мегӯянд, ки фикри инсон як силсила усули собит, ки лозимаи тарзи кор кардани ақл — на лозимаи сохтмони ақл он тавр, ки Конт мегӯяд – бошад, надорад.

Масалан, дар боби усули фикр аз ҷумла мегуфтанд, “таноқуз — яъне ҷамъ миёни ду нақиз — маҳол аст”, яъне як шайъ маҳол аст дар они воҳид, ҳам бошад ва ҳам набошад

бад-ин маънӣ, ки як фикр ва назария маҳол аст, ки дар они воҳид ҳам мутобиқ бо воқеъ бошад ва ҳам мутобиқ бо воқеъ набошад[1] ё мегуфтанд, “кулл аз ҷузъ бузургтар аст”, “тараҷҷуҳи било мураҷҷеҳ маҳол аст” ва ғайра, “тараҷҷуҳи било мураҷҷеҳ маҳол аст” яъне ин ки агар ду имкони мухолифи якдигар дар баробари як шайъ вуҷуд дошта бошанд ва нисбати ин шайъ бо ҳар ду имкон мутасовӣ бошад, чарбидани ин шайъ ба як тараф ниёзманд ба як омили хориҷӣ аст, агар омили хориҷӣ дахолат накунад, тарҷеҳ пайдо кардани як тараф бар тарафи дигар маҳол аст.

Дар мақоми мисол ин тавр мегӯем: фарз кунем, ду каффаи як тарозуи бисёр дақиқ ва ҳассос ба ҳоли таъодул истодаанд.[2] Агар ҳеч омиле дахолат накунад – ҳол, он омил мехоҳад ҳаракати ҳаво бошад ва ё вазнае бошад, ки дар яке аз каффаҳо мегузоранд ва ё зарбае бошад, ки ба яке аз каффаҳо ворид мешавад ва ё нерӯи мегнотис бошад ва ё иродаи як инсони қавиирода, ки бо иродаи худаш метавонад дар табиат асар бигузорад ва ғайра[3] — ва дар айни ҳол ин каффа бихоҳад пойин ё боло биравад, ақл мегӯяд, ки ин амр маҳол аст.

Аз ин навъ мисолҳо боз ҳам вуҷуд дорад. Масалан, мумкин нест як шайъи макониӣ дар они воҳид ду маконро ишғол кунад ва қаҳран нуқтаи муқобилаш ҳам ҳаст, яъне ду шайъи маконӣ дар они воҳид наметавонанд як маконро ишғол кунанд.

Инҳо чизҳоест, ки намешавад барои онҳо далел овард, вале на ба ин маъно, ки инҳо маҷҳулоте аст, ки намедонем оё чунин чизе ҳаст ё на.

Барои як чизҳое намешавад далел овард ва мо ҳам намедонем он тавр ҳаст ё на. Масалан, роҷеъ ба абъоди олам, ки оё мутаноҳӣ аст ё номутаноҳӣ, мумкин аст касе бигӯяд, ман намедонам мутаноҳӣ аст ё номутаноҳӣ, чун наметавон барои он далел овард. Ё мисоли

---

[1]) *Албатта, роҷеъ ба ин масъала ҳарфҳое дар фалсафаи Ҳегел (Hegel) ва баъд дар морксизм омадааст, ки ин ҳарфҳо ба куллӣ аз мавзӯи баҳс хориҷ аст, ки агар бихоҳем вориди инҳо ҳам бишавем, баҳсҳо бисёр тӯлонӣ мешавад.*

[2]) *Ҳол нагӯед, ки дар табиат намешавад тарозу он қадр ҳассос бошад ва билохира сохти башар аст. Фарз кунед, масалан ба андозаи як милюним грамм ҳассосият дорад. Мо аз марзи ҳассосият ба ин тараф ҳисоб мекунем.*

[3]) *Масалан, аз яке чизе кам мешавад, яке кӯҳна мешавад ва чизе аз он мерезд. Инҳо ҳама ҷузъи омилҳост, иштибоҳ нашавад.*

маъруфе, ки мезананд: агар касе бигӯяд, ҳамаи ашё доранд ба як нисбат бузург мешаванд, чунончи дигаре дар ҷавоби ӯ бигӯяд, агар ман дорам бузург мешавам, пас чӣ тавр қаблан саду ҳафтод сантиметр будам ва ҳол, ки андоза мегирам, масалан саду ҳаштод сантиметр нестам? Ӯ мегӯяд, метр ҳам ба нисбати ту бузург шудааст. Ин суханро (ки ҳамаи ашё ба як нисбат доранд бузург мешаванд) бо далел наметавон рад кард.

Ҳамчунин агар касе акси қазияро гуфт; иддао кард, ки ҳамаи ашё ба нисбати воҳид доранд кучак мешаванд, инро низ на мешавад нафй кард ва на исбот ва барои инсон ба сурати як маҷҳул боқӣ мемонад.

Аммо ин сухан, ки "ин ҷисм дар они воҳид ду маконро ишғол кардааст", намешавад барои радди он далел овард, на ин ки ба сурати як маҷҳул боқӣ мондааст. Қатъан чунин чизе дурӯғ аст, яъне маҳол аст.

Онҳое, ки қоил ба усули тафаккури фитрӣ ҳастанд, ночор ин усули аслии тафаккуротро лоятағайяр ва ғайри қобили хато ва иштибоҳ медонанд; мегӯянд, инҷо, ки ҳастем, ин асл дуруст аст ва агар моро аз инҷо ба як шароит ва муҳити дигар (масалан, ба як кураи дигар) бибаранд, онҷо ҳам матлаб ҳамин тавр аст.

Матолиби дигаре вуҷуд дорад, ки агарчӣ бадеҳӣ нест ва наздик ба бадеҳӣ аст, аммо аз ҳамин қабил аст, мисли 2×2=4. Дар дунё 2×2=4 аст ва дар охират ҳам 2×2=4 аст. Дар ин аср 2×2=4 аст ва дар вақте ҳам, ки кураи замин мултаҳиб буда 2×2=4 будааст. Агар милёрдҳо соли дигар ҳам аз умри олам бигузарад, боз 2×2=4 аст.

Агар мо ба чунин усули фитрӣ барои тафаккур қоил шавем, метавонем барои фурӯъ арзиш қоил бошем, чун фурӯъ бар ҳамин усул бино шудааст.

Ҳол, мумкин аст касе бигӯяд, худи ин усул ҳам иктисобӣ аст, ба ин маъно, ки як омиле сабаб шуда, ки мо ин усулро бадеҳӣ талаққӣ кунем ва вазъи он омил иқтизо мекунад, ки мо ин тавр фикр кунем. Мо мисли ойинае ҳастем, ки дар муқобили суратҳое қарор гирифтаем. Чун феълан дар муқобили он суратҳо ҳастем ва ҳамеша ҳам дар муқобили он суратҳо будаем ва акнун онҳоро мебинем, ин тавр фикр мекунем. Агар онҳоро аз муқобили мо бардоранд ва чизи дигаре бигузоранд, акси матлабро мебинем. Алъон мегӯем, кулл аз ҷузъ бузургтар аст. Ин шароити муҳит аст, ки иқтизо карда ин тавр бигӯем. Агар муҳит иваз шавад, мумкин аст аксашро фикр кунем ва бигӯем, ҷузъ аз куллаш бузургтар аст. (Ман феълан фақат мехоҳам бигӯям, натиҷа чӣ мешавад).

Агар мо усули фитрии тафаккуротро мункир бошем, барои ҳеч дарёфте ва ҳеч илме арзише боқӣ намемонад. Тамоми риёзиёт бар асоси як силсила усули мутаораф аст. Тибқи назари инҳо, худи ин усули мутаораф эътиборе надорад ва масалан, марбут ба сохтмони махсуси мағзи мост. Бинобар ин, агар мағзи моро ҷури дигаре бисозанд, мо ҳам ҷури дигаре мегӯем. Ин усул марбут ба ин аст, ки мо дар замин зиндагӣ мекунем, агар дар Миррих зиндагӣ кунем, ҷури дигаре фикр мекунем. Қаҳран тибқи ин назар, ҳеч фалсафае эътибор надорад. Пас, мо ин натиҷаро аҷолатан мегирем, ҳол намехоҳам ин натиҷаро исбот кунам.

Он касоне, ки мункири усули аввалияи фикр ҳастанд, қадри мусаллам наметавонанд як “ҷаҳонбинӣ” дошта бошанд; як фалсафае дошта бошанд, ки ба таври ҷазм ҳукм кунанд, ки мо ҷаҳонро шинохтем ва матлаб ҳамин аст.

Аз қазо ин ҷур ҳам ҳаст, яъне худашон мутаваҷҷеҳ нашуданд. Достони инҳо достони он одаме аст, ки болои шохаи дарахте нишаста буд ва зери пойи худашро арра мекард ва худаш мутаваҷҷеҳ набуд, ки ин кор сабаб мешавад, худаш суқут кунад.

Фалсафаҳои материалистӣ чорае надоранд ҷуз ин ки ҳиссии маҳз бошанд ва агар ҳиссии маҳз бошанд, чорае надоранд ҷуз ин ки тамоми андешаҳоро маҳсули авомили хосси берунӣ бидонанд. Ва бинобар ин барои тафаккур усули мусаллам ва қатъӣ ва аввалияи лоятахаллаф қоил нестанд. Яъне ҳамаи ҳарфҳо ва ҳамаи шохаҳо, ки мо мегӯем, бар ин пояҳои беэътибор гузошта шудааст, пас худи ин фалсафа ҳам, ки бар ин пояҳо гузошта шуда эътибор надорад ва ҳеч фалсафае (ба қавли онҳо) эътибор надорад ва натиҷаи ин ҳарфҳо фалсафаи шак аст, нафйи илм ва нафйи фалсафа аст, на гароиш ба як исми хосс. Шояд ҳар чи ки медонам, ҳама сохтаҳо ва пардохтаҳои шароити хосси муҳит бошад.

Пас, то инҷо баҳси мо роҷеъ ба фитриёт дар ноҳияи дарёфтҳо буд. Он чи ки то кунун натиҷагирӣ кардаем ин аст, ки баъд аз он ки назариётро гуфтем ва як назарияро интихоб кардем, ки “усули тафаккур фитрӣ аст” ва тавзеҳ додем, ки ин “фитрӣ”, ки мо мегӯем, ғайр аз фитриест, ки Конт ё Афлотун гуфтаанд (яъне модарзодӣ) ва фитрӣ ба маънии модарзодиро намегӯем, расидем ба ин натиҷагирӣ, ки **ягона роҳ барои арзиш доштани илми башар, фикри башар ва фалсафаи башар қабул кардани фитрӣ будани усули аввалияи тафаккур аст**. Бо гирифтан ин, барои мо ҷуз шакки мутлақ чизе боқӣ намемонад.

Пас, фалсафаҳое, ки ҳам ба фитрӣ набудани усули аввалияи тафаккур қоиланд ва ҳам мехоҳанд бигӯянд, мо ба як фалсафа – масалан, материализми диалектик — қоил ҳастем ва ҷаҳон ҷуз модда чизе нест, бояд ба инҳо гуфт, худи ҳамин низ фикрест, ки ҳеч эътибор надорад, қатъи назар аз эродҳои дигаре, ки касе бихоҳад ба муҳтавояш бигирад. Зеро ин мабноե, ки барояш сохтаед, мабно нест. Яъне ту дар ҳукми ҳамон шахсе ҳастӣ, ки рӯи шохаи дарахт нишаста ва зери пойи худро мебурад. Зери пойи худатро қаблан буридаӣ ё машғули буриданаш ҳастӣ, дигар наметавонӣ онҷо биистӣ ва худат аз онҷо суқут кардаӣ.

## Фитриёт дар ноҳияи хостҳо

Қисмати дуввум, фитриёт дар ноҳияи хостҳост. Оё инсон дар ноҳияи хостҳои худаш як силсила фитриёт дорад ё надорад? Қисмат аввал, шинохтҳо буд…

Ин қисматро ибтидо ман тақсим мекунам ба ду қисм. (Ба лафзаш ҳам кор надорам, ки инҷо "ғариза" бояд гуфт ё "фитрат" ва ё чизи дигар). Хостҳои фитрӣ ё ғаризии инсон ду навъ аст: ҷисмӣ ва руҳӣ. Мақсуд аз хости ҷисмӣ, тақозое аст, ки сад дар сад вобаста ба ҷисм бошад, мисли ғаризаи гуруснагӣ ё хӯрдан, ғизо хостан, майл ба ғизо ба дунболи гуруснагӣ. Ин як амри моддӣ ва ҷисмонӣ аст, вале ғаризӣ аст, яъне марбут ба сохтмони бадании инсон ва ҳар ҳайвоне аст. Инсон баъд аз ин ки ба истилоҳи қудамо, ниёз ба "бадали моятаҳалл" пайдо кард — ғизо ҳазм шуд ва эҳтиёҷ ба ғизои ҷадид пайдо шуд — як силсила тарашшуҳот дар меъдаи ӯ пайдо мешавад, баъд инҳо ба сурати як эҳсос дар шуъури инсон мунъакис мешавад, ҳарчанд инсоне, ки аслан надонад меъда дорад, мисли бачча. Баъд ӯ барои ин ки ин эҳсоси худашро хомӯш кунад, шурӯъ мекунад ба ғизо хӯрдан ва вақте ғизо хӯрд, дигар эҳсос ҳам аз байн меравад, балки як ҳолати нафрате ҳам пайдо мекунад.

Ва ҳамин тавр аст ғаризаи ҷинсӣ. Ғаризаи ҷинсӣ то он ҷо, ки ба шаҳват марбут аст[1] ва то он ҷо, ки ба ҳурмунҳои баданӣ ва тарашшуҳоти ғуддаҳо марбут аст, шак надорад, ки як амри ғаризӣ аст — хоҳ исмашро "фитрӣ" бигузоред ва хоҳ нагузоред — яъне амрест, ки иктисобӣ нест ва ба сохтмони инсон марбут аст. Ҳамчунин "хоб" — моҳияти хоб ҳар чи

---

[1]) *Чун ин ки масъалаи ишқ бо масъалаи шаҳват оё яке аст ё ду то, ҳатто дар робитаи ду инсон бо якдигар оё ишқ аз мақулаи шаҳват аст ё на, дар он баҳс аст; мо феълан махлут намекунем.*

мехоҳад бошад; хастагии селулҳо ё масмум шудани селулҳо дар асари кори зиёд ва ё масраф шудани энержӣ, ки боз бадан бояд энержӣ бигирад, ҳар чи ҳаст, билохира — марбут ба сохтмони ҷисмонии инсон аст. Инҳоро маъмулан мегӯянд, “умури ғаризӣ”. Мо феълан ба ин умури ғаризӣ ё фитрии ҷисмонӣ коре надорем. Инҳо аз баҳси мо хориҷ аст.

Як силсила ғароиз ё фитриёт аст дар ноҳияи хостҳо ва майлҳо, ки ҳатто равоншиносӣ ҳам инҳоро “умури руҳӣ” меномад ва лаззоти ношӣ аз инҳоро низ “лаззоти руҳӣ” меномад, мисли майл ба фарзанд доштан. Майл ба фарзанд доштан ғайр аз ғаризаи ҷинсӣ аст, ки марбут ба ирзои шаҳват аст. Ғайр аз ин, ҳар касе моил аст фарзанд дошта бошад ва лаззате, ки инсон аз доштани фарзанд мебарад, як лаззате аст, ки шабеҳи ин лаззатҳо нест, яъне лаззати ҷисмонӣ нест ва ба ҳеч узве вобаста намебошад. Ҳол, фарқе ҳам, ки худи равоншиносҳо миёни лаззоти руҳӣ ва лаззоти ҷисмӣ гузоштаанд, ба ҷои худ; аз баҳси мо хориҷ мешавад.

Бартариталабӣ, тафаввуқхоҳӣ ва қудратталабӣ низ дар инсон як ъаташи руҳӣ аст. Инсон ҳар миқдор қудрат дошта бошад, боз мехоҳад қудрати бештаре дошта бошад ва ин амр ҳатто беинтиҳо ҳам ҳаст. Саъдӣ мегӯяд:

*Ним ноне гар хӯрад марди Худой,*
*Базли дарвешон кунад ними дигар.*
*Мулку иқлим ар бигирад подшоҳ,*
*Ҳамчунон дар банди иқлиме дигар.*

Ҳар инсоне агар биафтад дар масири қудратталабӣ ва бартариталабӣ ва басти султаи худ, ин амр ниҳоят надорад. Агар тамоми замин ҳам тахти қудрат ва тасаллуташ дарояд, боз агар бишнавад, ки дар як кураи дигар низ инсонҳое ҳастанд ва тамаддунҳое ҳаст ва султае ҳаст, дар фикри ин аст, ки ба онҷо лашкаркашӣ кунад ва биравад онҷоро ҳам бигирад.

Ҳамин тавр аст ҳақиқатхоҳӣ, ҳақиқатҷӯӣ, масъалаи илм, доноӣ ва кашфи ҳақоиқ, ҳунар ва зебоӣ, халлоқият ва фаннония ва ибдоъ ва офаринандагӣ. Ва аз ҳама болотар он чи, ки мо онро “ишқ ва парастиш” меномем. Аслан, парастиш он парастишест, ки дар заминаи ишқ пайдо мешавад. Парастишҳое, ки аз роҳи тамаъ ё тарс аст, медонем, ки аз назари исломӣ ҳам арзиши зиёде надорад, яъне арзишаш арзиши муқаддамотӣ аст ва барои ин аст, ки баъд инсон ба марҳилаи болотар бирасад; мисли ин аст, ки инсон

баччаи кучакро бо таҳдид ё татмеъ ба мадраса мефиристад, вале на аз боби ин ки воқеан мадраса рафтан амрест, ки қобили харидуфурӯш аст ва бояд музде ба ӯ дод. Воқеан ин ҷур нест, он, арзиши зотӣ дорад, вале аз боби ин ки ӯ бачча аст ва ҳанӯз ақлу шуъураш намерасад, бояд бо нахӯдак ё харидани сечарха ӯро ба мадраса фиристод.

Инҳо як силсила хостҳост, ки инҳоро боз мавриди баҳс қарор медиҳем, ки оё ин хостҳо фитрӣ аст ё фитрӣ нест.

Бо инкори дарёфтҳои фитрӣ дар ноҳияи илму идрок, мо ба он дарраи ҳавлнок расидем: дарраи ҳавлноки шакки мутлақ, он ҳам шакке, ки моро ба суфастоигарӣ, нафйи илм ва нафйи дарки ҳақиқат ба таври куллӣ мекашонад.

Ҳол, биёем бибинем, ки дар миёни хостҳо оё хостҳои фитрӣ дорем ё надорем? Онҷо ҳам ҳамин тавр баҳс мекунем. Қабл аз ин ки исбот кунем, ки хостҳои фитрӣ дорем ё надорем, мехоҳем бибинем агар чунин хостҳое дошта бошем, ба куҷо хоҳем расид ва чӣ дар дасти мо хоҳад буд? Ва агар надошта бошем, чӣ бароямон боқӣ мемонад? Оё ҳамин тавр, ки дар ноҳияи илму дарёфт, иддае усули аввалияи тафаккурро инкор карданд ва дар айни ҳол беҷиҳат часпидаанд ба шоха, дар инҷо ҳам бо инкори ин фитриёт ва ин асолатҳо боз мо мерасем ба афроде, ки мебинем решаро қатъ карда ва рӯи шоха нишастаанд, муҳкам ҳам часпидаанд ва намедонанд, ки худашон решаашро қатъ кардаанд, ё на? Он гоҳ меравем ба марҳилаи баъд, яъне мақоми исбот.

Ҳол, мумкин аст касе бигӯяд, ман ба фитриёт дар боби илм қоил нестам, ман ҳамон суфастоӣ ва ҳамон шаккоки мутлақам ва низ бигӯяд, ман ба фитриёт дар боби хостҳо қоил нестам, аслан ба инсоният ҳам ҳеч эътиқод надорам ва ба иборати дигар, ба мо бигӯяд, шумо доред аз он чи, ки уламои мантиқ "ҷадал" меноманд истифода мекунед, яъне ҳамон умуреро, ки худашон (тарафҳои муқобил) қабул доранд, алайҳи онҳо ба кор мебаред. Мо аслан он чиро, ки онҳо қабул доранд, қабул надорем; оё шумо мустақиллан метавонед инҳоро барои мо исбот кунед ё на? Арз мекунем, бале метавонем исбот кунем, то баъд бирасем ба матолиби дигар.

## Гароишҳои муқаддас

Ду суол инҷо расидааст. Чун ҳар ду суол ҷузъи баҳсҳои мо ҳаст, ночорем, ки феълан вақти худамонро сарфи ҷавоби инҳо накунем. Ҳамин қадр хостам иҷмолан арз кунам, ки чунин суолоте ҳаст. Яке дар воқеъ дар маънии фитрӣ будани ҷустуҷӯй аз Худост, ки

зимнан матлаберо аз китобе ба номи “*Худо аз дидгоҳ Қуръон*”[1] нақл кардаанд, ки инсонҳо падидаҳои табииро, ки медиданд, дар ҷустуҷӯи иллати онҳо буданд ва ҳар иллатеро, ки ба даст меоварданд, ба навбаи худ ба дунболи иллати дигаре барои он буданд ва ҳамин амр билохира башарро расондааст ба ин ки пас ин силсилаи иллатҳо бояд дар ҷойе мунтаҳӣ бишавад, чун агар бино бишавад, ки ҳар падидае худаш маълули падидаи дигаре бошад, ки он падидаи дигар монанди худи ин ҳаст, ба истилоҳ ҳамон имтинои тасалсул пеш меояд, пас дар ниҳояти амр фикрашон ба инҷо мунтаҳӣ шудааст, ки бояд як нуқтаи марказӣ вуҷуд дошта бошад, ки он, иллатулилал бошад ва ҳамаи иллатҳо аз онҷо пайдо шуда бошад. Инро аз онҷо нақл кардаанд ва баъд навиштаанд, ки:

Бинобар ин дар инҷо дидем, ки падидаҳои хориҷӣ инсонҳоро ба ҷустуҷӯи мабдаи аввалия савқ доданд. Агар мегӯем, ки ҷустуҷӯи Худо ва ба қавли шумо — дар ҷилди панҷуми “*Усули фалсафа*” — баҳс аз Худо фитрӣ аст, пас дахолати падидаҳои хориҷиро дар савқ додани инсон ба баҳс аз Худо чӣ гуна тавҷеҳ мекунем? Ба иборати дигар, оё мо худ эътироф намекунем, ки падидаҳои хориҷӣ инсонро ба баҳс аз Худо мутаваҷҷеҳ менамоянд ва на омиле дар вуҷуди инсон?

Хаёл мекунам, ки агар ҳамон “*Усули фалсафа*”-ро ба диққат мутолеа карда бошед, ҷавоби ин суол дар онҷо ҳаст. Он тавр, ки иҷмолан ёдам ҳаст, як баён, ки дар онҷо кардаем, аз роҳи иллияти омма аст. Яъне, **ин ки башар дар ҷустуҷӯи Худо баромадааст, ба иллати ҳамин будааст, ки “асли иллият” бар руҳаш ҳоким буда, яъне дар ҷустуҷӯи иллатҳо будааст ва ҳамин ҷустуҷӯй аз иллатҳо ӯро ба иллатулилал расондааст**. Ин айни ин матлаб аст, ки “омил” дар вуҷуди инсон аст. Яъне агар дар инсон ин ангеза набуд, ки иллатҳоро кашф кунад ва ба сарчашмаи иллатҳо бирасад, падидаҳои хориҷиро, ки медид, ҳамин ҷур бетафовут аз канори онҳо мегузашт. Баҳс ин аст, ки вақте инсон падидаи хориҷиро мебинад, он чи ӯро водор мекунад ба ҷустуҷӯи иллати он бипардозад чист? Он падидаи хориҷӣ, ки худашро бар инсон арза медорад, бар ҳайвон ҳам арза медорад, яъне он чи, ки инсон мебинад, ҳайвон ҳам мебинад, вале он чизе, ки баъд аз дидани ин падидаҳои хориҷӣ, инсонро водор мекунад, ки дар ҷустуҷӯи иллатҳо барояд ин аст, ки чунин ҳиссе дар инсон ҳаст, ки ҳар падидае ниёзманд ба иллат аст ва қаҳран он иллат ҳам агар монанди ин падида худ падидае бошад ва ниёзманд ба

---

[1]) *Навиштаи шаҳид дуктур Биҳиштӣ.*

иллат, ин фикр барои башар пайдо мешавад, ки оё ҳамаи иллатҳо як сарчашма дорад? Сарчашмае, ки он, иллате бошад, ки худ падида набошад? Ва ин айни маънии фитрӣ будан аст; на танҳо бо ин матлаб мунофот надорад, балки онро таъйид мекунад.

Ҳол, тафсилаш бошад, то мо баъд баҳс кунем.

**Суоли дуввум** роҷеъ ба алоими фитрӣ будан аст. Қаблан ҳам арз кардем, ки ин, баҳсест, ки мо дар оянда дорем, ки алоими фитрӣ будани як хислат чист? Мо аз куҷо бифаҳмем, ки фалон сифат, фалон хислат дар башар, фитрии башар аст ё маълули як силсила авомили хориҷӣ — авомили иҷтимоӣ ё авомили фардӣ — аст? Мепардозем ба идомаи баҳс.

Гуфтем, он чи мусаллам аст ва ҷойи ҳеч шакку баҳсе дар он нест ин аст, ки инсон бо ҳамаи мавҷудоти дигаре, ки мо мешиносем, ин тафовутҳоро дорад:[1] яке ин ки мавҷудест, ки ҷаҳони хориҷро дарк мекунад, ба иборати дигар, дар бораи ҷаҳони хориҷ меандешад, ба таъбири дигар, мавҷудест, ки фикр мекунад ва ба таъбири имрӯзӣ, мавҷудест огоҳ, ҳам аз худ огоҳ аст ва ҳам аз ҷаҳон огоҳ аст. Инсон ба ҳукми ин хислати худаш, як силсила дарёфтҳо аз ҷаҳони хориҷ дорад, ки мо аз онҳо таъбир ба "идрок" мекунем ва чӣ калимаи хубе ҳам аз қадим интихоб шудааст, чун "идрок" яъне дарёфтан ва расидан. Фалосифа ҳам рӯи решаи луғавии ин калима такя кардаанд. Дар забони арабӣ агар касе дар ҷустуҷӯи чизе бошад ва ба он бирасад, мегӯянд: "адрака". Масалан, агар инсоне инсонеро таъқиб кунад, ӯ фирор мекунад, ин ҳам ба дунболаш медавад, як вақт ба ӯ мерасад ва як вақт ба ӯ намерасад. Агар ба ӯ бирасад, мегӯянд: "адрака".

Дарёфти инсон ҷаҳони хориҷро навъе иттисол ва иртибот аст миёни инсон ва ҷаҳони хориҷ, ки гӯӣ инсон то вақте, ки ҷоҳил аст, миёни ӯ ва ҷаҳон парда ва монеъе аст, ҳамин қадр, ки ба ҷаҳон олим мешавад, ба ҷаҳон мерасад; навъе расидан аст.

Бидуни шак дар ин ҷиҳат на ҷамодот, на наботот ва на ҳайвонот бо инсон шарик нестанд. Ҳайвонот як навъ огоҳии мубҳаме аз ҷаҳони хориҷ доранд, вале он огоҳӣ қадри мусаллам ин аст, ки дар сатҳи огоҳии инсон нест. Лоақалл онҳо фикр намекунанд, чун фикр кардан яъне як мавҷуд бо сармояҳои дарёфтие, ки дорад, ба як сармояи ҷадид даст ёбад, яъне аз он чи ки медонад чизеро, ки намедонад кашф кунад. Шумо вақте, ки менишинед ба фикр кардан дар бораи мавзӯе; вақте, ки мушкиле доред, баъд

---

[1]) *Намехоҳем соири тафовутҳоро нафй карда бошем.*

менишинед фикр мекунед ва роҳи ҳалле кашф мекунед. Ин “фикр кардан” чӣ амале аст? Амали ин аст, ки бо навъе барқарор кардани робита миёни маълумоте, ки доред, маҷҳулеро табдил ба маълум мекунед, яъне як роҳи ҳалли ҷадид кашф мекунед, дуруст мисли ҳолати таволуду таносул дар олами модда ва дар олами ҷисм, ки ду мавҷуд — музаккар ва муаннас — бо якдигар издивоҷ мекунанд ва аз издивоҷи онҳо мавлуди ҷадиде ба вуҷуд меояд. Инсон ҳангоме, ки фикр мекунад, он сармояҳоро бо ҳамдигар ҷуфту ҷур мекунад, аз ҷуфту ҷур кардани онҳо пуле ва иртиботе барқарор мекунад ва дар натиҷа, фикри ҷадид ва роҳи ҳалли ҷадид барояш пайдо мешавад. Ҳайвон инҳоро надорад, ҳайвон фақат ҳисс мекунад, ҳамин мушоҳидаи сатҳӣ, масалан рангҳоро, ки мо мебинем, онҳо ҳам мебинанд, ҳароратро, ки мо эҳсос мекунем, онҳо ҳам эҳсос мекунанд; аз ин бештар нест, вале фикр кардан аз мухтассоти инсон аст.

## Имтиёзоти инсон

Масъалаи дуввум, дар мавриди имтиёзи инсон аз ғайри инсон аст. Як силсила гароишҳои хосс дар инсон аст, ки ин гароишҳоро аз як тараф метавон “гароишҳои муқаддас” номид ва аз тарафи дигар метавон гароишҳое донист на бар асоси худмеҳварӣ. Яъне инсон як силсила гароишҳо дорад, ки ин гароишҳо аз “худмеҳварӣ” берун аст.

“Худмеҳварӣ” яъне чӣ? Яъне гароишҳое, ки дар ниҳояти амр, худфардӣ бошад. Ин дар ҳайвон ҳам ҳаст, дар инсони оддӣ ҳам ҳаст. Ҳайвон ҳам гароиш ба тағзия дорад, вале ин гароиш ба тағзия, гароиш ба сӯи худи ӯст, яъне гароиш дорад ба ҷазби ғизо барои худ. Инсон ҳам албатта як силсила гароишҳое бар асоси худмеҳварӣ дорад, чун инсон дар айни ин ки инсон аст, ҳайвон аст, балки аввал ҳайвон аст, баъд инсон аст. Ингуна гароишҳо дар инсон ҳам ҳаст.

Ҳол, масъала ин аст, ки инсон як силсила гароишҳои дигаре дорад, ки ин гароишҳо аввалан бар асоси худмеҳварӣ нест. Ва сониян, инсон дар виҷдони худ барои ин гароишҳо як навъ қадосат қоил аст, яъне барои инҳо як бартарӣ ва сатҳи олӣ қоил аст, ки ҳар инсоне ба ҳар мизоне, ки аз ин гароишҳо (бештар) бархӯрдор бошад, ӯро инсон мутаъолитар талаққӣ мекунад.

Гароишҳои ҳайвон ё худмеҳварии маҳз аст, мисли гароиш ба хоб, хӯрок ва амсоли инҳо. Ва ё агар “ғайрмеҳварӣ” ҳаст, дар ҳудуди бақои навъ аст, яъне дар ҳудуди таволуду таносул — он ҳам дар ҳудуди ғариза – аст… Ин хеле маҳсусу мушоҳад аст. Масалан, мо

аспро дар назар мегирем. Асп баччааш, ки мутаваллид мешавад — ҳар чи ҳам, ки наздиктар ба таваллуд бошад, бештар — як гароиши шадиде ба он бачча дорад, ки Худо медонад. Вақте, ки ин бачча ҳаст ва ин аспро савор мешавед, ин ҳайвон намехоҳад ҳаракат кунад, нигарони баччааш аст, доиман рӯяшро бармегардонад ба тарафи ӯ ва агар ду қадам ӯро дур кунем, медавад дунболаш. То тадриҷан ин бачча бузург мешавад. Ҳар андоза ин бачча бузург мешавад, аз гароиши ин ҳайвон ба ӯ коста мешавад. Баъд, ки ӯ ба сурати як ҷавон дармеояд, ҳеч гароише ба ӯ надорад. Аспе, ки масалан 7 сол дошта бошад ва як кураи масалан 2-сола дошта бошад,[1] бояд вақте ба ҷавонаш нигоҳ мекунад, лаззат бибарад, дар ҳоле, ки аслан ба ӯ гароиш надорад ва агар биёяд ҷилав, ба ӯ лагад мезанад ва тардаш мекунад, чаро? Зеро ин ғариза фақат дар ҳадди ҳимояти он бачча буда; фақат барои ин буда, ки ин насл идома пайдо кунад ва беш аз ин чизе набудааст. Акнун, ки ӯ рӯи пойи худаш истода ва шуда мисли модар, дар назари ӯ бо як бегона ҳеч фарқ намекунад.

Ҳайвоноте ҳам, ки иҷтимоӣ зиндагӣ мекунанд, боз амалашон амали интихобӣ нест, балки амали интисобӣ аст. Яъне аз ноҳияи табиат барои ин кор интихоб шудаанд ва корашонро ба сурати ҷабрӣ, яъне ба сурати лоятахаллаф, ки имкони тахаллуф нест, анҷом медиҳанд. Масалан, занбӯри асал ё баъзе аз мӯрчаҳо ҳайвонҳои иҷтимоӣ ҳастанд, ҳамчунин оҳуҳо то ҳадди зиёде ҳайвонҳои иҷтимоӣ ҳастанд. Вале инҳо ҳам ин амалашон як навъ амали ғаризӣ аст, яъне як навъ амали худ ба худӣ ва нимаогоҳона аст ва на интихобӣ, балки аз аввал аз ноҳияи табиат таъйин шудаанд ва наметавонанд аз он чи, ки ҳастанд, тахаллуф кунанд. Ин аст гароишҳои ҳайвон.

Вале инсон гароишҳое дорад, ки он гароишҳо аввалан бо "худмеҳварӣ" қобили тавҷеҳ нест ва агар тавҷеҳоте кардаанд, ин тавҷеҳот ҳама маҳалли баҳс ва қобили эроду ишкол аст. Ва сониян, шакли интихобӣ ва огоҳона дорад.

Ва ба ҳар ҳол, инҳо умурест, ки милоку меъёри инсоният шинохта мешавад. Агар тамоми мактабҳои ҷаҳон аз "инсоният" дам мезананд, "инсоният" яъне ҳамин гароишҳо ва ҳамин умур, яъне ғайр аз инҳо чизе нест. Имрӯз ҳам тамоми мактабҳои

---

[1]) *Ман намедонам, аспҳо ва мардҳои замони Фирдавсӣ чӣ гуна будаанд, ки гуфтааст: "Се панҷсола асп ва се даҳсола мард". Ҳоло, ки мардҳои се даҳсолааш пиранд, аспҳои се панҷсолааш, ки дигар аслан чунин аспе вуҷуд надорад.*

дунё, аъамм аз мактабҳои илоҳӣ, моддӣ ва шаккок — ҳар чи бигӯед — билохира масоилеро дар мавриди инсон матраҳ мекунанд, ки ин масоил, масоили мофавқи ҳайвонӣ талаққӣ мешаванд.
Мо ибтидо бояд ин масоилро матраҳ кунем, баъд бибинем, оё инҳо барои инсон фитрӣ ҳастанд ё фитрӣ нестанд? Агар фитрӣ набошанд, чӣ бояд натиҷа бигирем. Ва агар фитрӣ бошанд, чӣ гуна натиҷа бигирем? Ва баъд биравем дунболи далел бар фитрӣ будан ё набудани инҳо.

## Фитриёти эҳсосӣ

### 1) Ҳақиқатҷӯӣ:

Ин гароишҳо — ки гуфтем, аҳёнан "муқаддасот" ҳам номида мешаванд — иҷмолан панҷ мақула ҳастанд ё лоақалл мо феълан панҷ мақула аз инҳоро мешиносем. Яке аз онҳо, мақулаи "ҳақиқат" аст. Мақулаи ҳақиқатро мо метавонем мақулаи "доноӣ" ё мақулаи "дарёфти воқеияти ҷаҳон" ҳам биномем. Мақсуд ин аст, ки дар инсон чунин гароише вуҷуд дорад; гароиш ба кашфи воқеиятҳо ончунон, ки ҳастанд; дарки ҳақоиқи ашё ончунон, ки ҳастанд; ин ки инсон мехоҳад ҷаҳонро, ҳастиро, ашёро ончунон, ки ҳастанд дарёфт кунад. Аз дуоҳои мансуб ба Пайғамбар Акрам (с) аст, ки мефармудааст:

اللّهمّ أرني الأشياء كما هي

Асосан, он чизе, ки ба номи "ҳикмат" ва "фалсафа" номида мешавад, ҳадафаш ҳамин аст. Аслан, агар башар дунболи фалсафа рафтааст, барои ҳамин ҳисс будааст, ки мехоста ҳақиқатро ва ҳақоиқи ашёро дарк кунад. Мо номи ин ҳиссро метавонем "ҳисси фалсафӣ" ҳам бигузорем. Мехоҳед бигӯед "ҳақиқатҷӯӣ", мехоҳед бигӯед "мақулаи ҳақиқат", "мақулаи фалсафӣ" ё "мақулаи доноӣ".
Ҷумлае ҳаст — ки ман дидам, қадимтарин касе, ки ин таъбирро ба кор бурдааст, Бӯалӣ Сино буда ва дигар ман иттилоъ надорам, ки қабл аз ӯ ҳам чунин таъбире будааст ё на. Баъдҳо Шайхи Ишроқ (Сухравардӣ) ва дигарон низ ин таъбирро ба кор бурдаанд — дар мавриди ғоят ва ҳадафи фалсафа ё таърифи фалсафа ба ҳасби ғоят ва натиҷааш. Мегӯяд:

صيرورة الانسان عالما عقليّا مضاهيا للعالم العينىّ

Яъне натиҷаи ниҳоии файласуф шудан ин аст, ки инсон ҷаҳоне ақлонӣ бишавад шабеҳи ҷаҳони айнӣ. Яъне ин ҷаҳони айниро дарёфт кунад ончунон, ки ҳаст, баъд худаш

бишавад як ҷаҳоне. Вале он ҷаҳони берун, ҷаҳони айнӣ аст, ин ҳамон ҷаҳон бошад, вале сурати ақлии ҳамон ҷаҳон.

Ин масъалаи ҳақиқат ё ҳақиқатҷӯӣ, аз назари файласуфон ҳамон камоли назарии инсон аст ва инсон фитратан мехоҳад камоли назарӣ пайдо кунад, яъне ҳақоиқи ҷаҳонро дарк кунад. Чунин гароише дар инсон барои расидан ба ҳақоиқи ҷаҳон вуҷуд дорад.

Дар равоншиносӣ ҳам мебинед, ки ин ҳиссро ба номи "ҳисси ҳақиқатҷӯӣ" ё "ҳисси ковиш" матраҳ мекунанд. Вақте масъаларо дар як сатҳи густурда тарҳ мекунанд, исмашро мегузоранд "ҳисси ковиш" ва мегӯянд, ин ҳамон чизе аст, ки ҳатто дар кӯдак ҳам вуҷуд дорад. Дар кӯдак байни дусолагӣ ва сесолагӣ — ба тафовут миёни кӯдакон — ин ҳисс пайдо мешавад; ҳисси суол, ки бачча ба синни сесолагӣ, ки мерасад, доиман мепурсад. Дар таълиму тарбият низ ба падару модарҳо тавсия мекунанд, ки то ҳадди мумкин посухи кӯдакони худро бидиҳанд ва онҳоро тард накунанд. Падару модарҳои нодон ва холӣ аз таваҷҷӯҳ, вақте мебинанд бачаи се чаҳорсолаашон доиман суол мекунад, инро фузулӣ талаққӣ мекунанд; мегӯянд: "Бачча! Ин қадр фузулӣ накун, ҳарф назан!" Ин иштибоҳ аст. Ин, ҳисси суол аст, ҳисси ковишгарӣ аст, ҳисси ҳақиқатҷӯӣ аст, ки дар ӯ тоза зинда шудааст ва ӯ мепурсад ва ҳақ дорад бипурсад ва ҳатто агар аз чизҳое мепурсад, ки наметавонед ҷавоб бидиҳед ё ӯ наметавонад ҷавобашро дарёфт кунад, дар айни ҳол набояд бо ташар задан ва манкуб кардан ва саркӯб кардани ин ҳисс, ҷавобашро дод, ки ҳарф назан, фузулӣ накун! Боз бояд то ҳадди мумкин, ҷавобе, ки бишавад ӯро ирзо ва иқноъ кард, ба ӯ дод. Ва ҳатто мегӯянд, бисёре аз хаpобкориҳои бачча, маълули ҳамин ҳисс аст. Чун ин худаш як масъалае аст:

Бачча харобкор аст, ба ҳар чи мерасад, даст мезанад, инро муҳкам мекӯбад рӯи он, онро мезанад ба ин… Оё инсон табъан харобкор аст, баъд, ки бузург мешавад, ислоҳ мешавад, ё на? Мегӯянд, ин маълули ҳамон ҳисси ковиши ӯст. Мехоҳад инро бизанад ба он, бибинад чӣ мешавад. Ҳол, мо (бузургтарҳо) намезанем, чун медонем чӣ мешавад, борҳо таҷриба кардаем, бинобар ин барои мо мушкил ҳал шуда ва суоле боқӣ намонда, вале ӯ ҳанӯз ин масъала барояш равшан нест, мезанад бибинад чӣ мешавад. Масъалаи "истифҳом" худ масъалае аст. Ҳол, он чи, ки фалосифа тарҳ мекунанд, дар сатҳи болотаре аст, равоншиносҳо онро умумият медиҳанд ҳатто ба кӯдак; ин ки инсон ба ҳар ҳол гароиш дорад ба донистан, ки ҳақиқатеро ва ҳақоиқеро бидонад.

Достони маъруфи Абӯрайҳони Берунироо шояд шунида бошед, ки дар маразп мавташ буд ва ҳамсояе фақеҳ дошт. Ҳамсоя омада буд ба иёдати Абӯрайҳон. Дид, ки дигар дар бистар аст ва ҳолати рӯ ба қибла дорад ва чизе аз умраш боқӣ намондааст. Абӯрайҳон аз ӯ масъалае дар боби ирс пурсид. Фақеҳ таъаҷҷуб кард, гуфт, ҳоло чӣ вақти суол кардани масъала аст?! Абӯрайҳон ба ӯ гуфт, ман медонам, ки мехоҳам бимирам, вале аз ту мепурсам: агар ман бимирам ва посухи ин масъаларо бидонам беҳтар аст ё бимирам ва надонам? Гуфт: бадеҳӣ аст, ки бимирӣ ва бидонӣ. (Ҳамин худаш як ҳақиқате аст). Гуфт: пас ҷавобамро бидеҳ. Ҷавобашро гуфт. Он фақеҳ муддаӣ аст, ки ман ҳанӯз ба хона нарасида будам, ки садои гиряи занҳо аз хонаи Абӯрайҳон баланд шуд.

Ҳол, ин худ як ҳиссе аст дар башар. Касоне, ки аз ин ҳисс истифода карда ва ин ҳиссро дар худ зинда нигаҳ доштаанд, ба марҳилае мерасанд, ки лаззати кашфи ҳақиқат барои онҳо бартар аз ҳар лаззати дигаре аст. Ва ба иборати дигар, лаззати илм барояшон аз ҳар лаззате болотар аст.[1]

Ҳам дар мавриди марҳум Сайид Муҳаммадбоқири Ҳуҷҷатулислом Шафатии Исфаҳонӣ ин достонро қудамои мо нақл кардаанд ва ҳам дар мавриди Постур (*Pasteur*) зоҳиран айни ин достон омадааст. Марҳум оқо Сайид Муҳаммадбоқир дар шаби зифофаш баъд аз он ки ба истилоҳ арӯсу домодро даст ба даст доданд ва арӯсро бурданд ба ҳиҷла, ки баъд маъмулан занҳо меоянд, рафт ба утоқи дигаре, ки вақте занҳо рафтанд биравад назди арӯс. Бо худ гуфт, акнун фурсате аст, аз ин фурсат истифода кунем ва мутолеа кунем. Шурӯъ кард ба мутолеа кардан. Занҳо рафтанд. Арӯси бечора танҳо монд. Ҳар чи мунтазир монд, ки домод биёяд, наомад. Як вақт марҳум Сайид мутаваҷҷеҳ шуд, ки субҳ шуда. Яъне он чунон ҷозибаи илм ин мардро кашид, ки шаби зифоф аз арӯсаш фаромӯш кард.

Ва айни ин достонро барои Постур (*Pasteur*) нақл кардаанд. Дар бораи ӯ ҳам мегӯянд, ки дар ҳамон шаби зифофаш, як соате то рафтан назди арӯс фурсат пайдо карда буд. Рафт дар лоборотураш барои корҳои худаш, чунон сараш гарм шуд, ки то субҳ ҳамон ҷо монд ва ёдаш рафт, ки имшаб шаби арӯсии ӯст.

---

[1]) *Инҳоро, ки бештар тафсил медиҳам, барои ин аст, ки бидонед, як воқеияте аст дар мавриди инсон ва бояд инҳоро таҳлил кард. Қаблан гуфтам, ҳеч мавзӯе ба андозаи инсон ниёзманд ба тавзеҳу тафсир нест.*

Ҳол, ин чист? Инҳо як воқеиятҳое аст. Ин ҳисс каму беш дар ҳамаи афроди башар вуҷуд дорад. Албатта мисли ҳамаи ҳиссҳои дигар дар афрод шиддату заъф дорад ва низ бастагӣ дорад ба ин ки инсон чӣ қадр онро тарбият карда ва парвариш дода бошад. Ва ба ҳамин хотир инсонро ба далели "донистан", бар ғайри инсон тарҷеҳ медиҳанд. Эстуворт Мил (*John Stuart Mill*) — файласуфи маъруфи англисӣ мегӯяд: "*Агар инсон доное бошад бадҳол, беҳ аз аблаҳест хушҳол.*" Яъне агар амр доир бишавад миёни ин ки ман як доно бошам, вале бадбахт ва дар фақру масканату бадбахтӣ зиндагӣ кунам ва ин ки аблаҳ бошам, вале хушҳол- яъне ҳама чиз бароям фароҳам бошад — ман онро бар ин тарҷеҳ медиҳам…

Ин ҳарфҳо ҳама, арзиши ҳақиқатро барои башар нишон медиҳад. Чун аслан маънои доноӣ чист? Магар ғайр аз огоҳӣ ва расидан ба ҷаҳон ва дарк кардани ҷаҳон аст? Ин як гароиш, ки аз мақулаи ҳақиқат аст.

## 2) Гароиш ба хайру фазилат:

Гароиши дигаре дар инсон ҳаст, ки ба истилоҳ, аз мақулаи "хайру фазилат" аст, ба таъбири дигар, аз мақулаи ахлоқ аст; он чи, ки мо дар истилоҳи худамон, "ахлоқ" меномем.

Инсон ба бисёре аз умур гароиш дорад ба ҳукми он ки манфиат ва суд аст. Инсон ба пул гароиш дорад барои ин ки пул барои инсон манфиат аст, яъне василае аст, ки метавонад ниёзҳои моддии ӯро рафъ кунад… Гароиши инсон ба манфиат, ҳамон "худмеҳварӣ" аст, яъне инсон ба чизе гароиш пайдо мекунад барои ин ки онро ҷазб кунад ба худ барои идома ва бақои ҳаёташ. (Албатта, ҳамин "гароиши мавҷуди зинда ба ин ки ҳаёти хешро ҳифз кунад" чист ва чӣ рамзе дорад, худ масъалае аст). То ин андоза, таҳлили он каме соддатар аст.

Аммо умуре ҳаст, ки инсон ба онҳо гароиш дорад на ба далели ин ки манфиат аст, балки ба далели ин ки фазилат ва "хайри ақлонӣ" аст. Манфиат хайри ҳиссӣ аст ва фазилат хайри ақлӣ. "Фазилат" монанди гароиши инсон ба ростӣ аз он ҷиҳат, ки ростӣ аст ва дар муқобил, танаффур аз дурӯғ. Гароиши инсон ба тақво ва покӣ.

Ба таври куллӣ, ин гуна гароишҳо, ки фазилат аст, ду навъ аст: баъзе фардӣ аст ва баъзе иҷтимоӣ. "Фардӣ" мисли гароиш ба назму инзибот, гароиш ба тасаллут бар нафс; он чи, ки мо "моликияти нафс" меномем, бар худ мусаллат будан ва бисёре дигар аз мафоҳими ахлоқи фардӣ, ҳатто шуҷоат — ба маънии қуввати қалб на зӯри бозу, ки он

аз мақулаи ахлоқ нест; шуҷоат дар муқобил ҷубн — ва амсоли инҳо. Ва "иҷтимоӣ" монанди гароиш ба таъовун, кӯмаки дигарон кардан, бо якдигар як кори иҷтимоӣ кардан, гароиш ба эҳсону некӯкорӣ, гароиш ба фидокорӣ (ки ҳеч бо мантиқи манфиат ҷур дарнамеояд, зеро фидокорӣ яъне фидо кардани худ, ҳатто ҷони худ), гароиш ба исор (аз худ гузаштагӣ):

وَيُؤْثِرُونَ عَلَى أَنْفُسِهِمْ وَلَوْ كَانَ بِهِمْ خَصَاصَةٌ

(*"Ва онҳоро бар худ муқаддам медоранд, ҳарчанд шадидан фақир бошанд…" (Сураи Ҳашр, ояти 9)*) — ин ки инсон дар ҳоле, ки камоли эҳтиёҷ ба чизеро дорад, дигариро бар худ муқаддам бидорад.

وَيُطْعِمُونَ الطَّعَامَ عَلَى حُبِّهِ مِسْكِينًا وَيَتِيمًا وَأَسِيرًا. إِنَّمَا نُطْعِمُكُمْ لِوَجْهِ اللَّهِ لَا نُرِيدُ مِنْكُمْ جَزَاءً وَلَا شُكُورًا

(*"Ва ғизо (-и худ)-ро бо ин ки ба он алоқа (ва ниёз) доранд, ба мискин ва ятим ва асир медиҳанд (ва мегӯянд:) мо шуморо барои Худо итъом мекунем ва ҳеч подош ва ташаккуре аз шумо намехоҳем." (Сураи Инсон, оятҳои 8 ва 9)*)

Пас, ба таври куллӣ гароиш ба фазилат ё гароишҳои ахлоқӣ ё ба таъбире дигар, гароишҳое, ки аз мақулаи фазилат ва хайри ахлоқӣ аст, дар инсон ҳаст.

### 3) Гароиш ба ҷамол ва зебоӣ:

Севвум: мақулаи зебоӣ. Дар инсон гароише ба ҷамол ва зебоӣ — чӣ ба маънии зебоидӯстӣ ва чӣ ба маънии зебоиофаринӣ, ки номаш ҳунар аст — ба маънии мутлақ вуҷуд дорад. Ин ҳам худ як гароише аст дар инсон ва ҳеч кас нест, ки аз ин ҳисс фориғ ва холӣ бошад. Инсон либос ҳам, ки мепӯшад, кӯшиш мекунад, то ҳадде, ки барояш мумкин бошад, вазъи зеботаре барои худаш ба вуҷуд биёварад. Утоқашро зебо мекунад. Ҳамин солун (салон)-ро дар назар бигиред. Кори аввалияе, ки ин солун барои он сохта шудааст, чист? Иҷтимои донишомӯзон ё иҷтимои авлиёи (сарпарастони) донишомӯзон барои гузориши корҳо, барои суханронӣ кардан ва хулоса, иҷтимои умумӣ. Ҳол ин, ки он пардаҳо ин ҷур бошад, дигар ҷузъи мавзӯъ нест. Оё он пардаҳо ин ҷур бошад, масалан садоро беҳтар мерасонад? На, вале ин худаш ба худии худ матлуби инсон аст ва аслан зебоӣ барои инсон мавзӯият дорад.

Ҳамчунин инсон сохтмонро дар дараҷаи аввал барои ҳифзи худ аз гармо ва сармо ва дузд ва амсоли инҳо месозад, вале ҳамеша онро бо ҳисси зебоии худаш махлут мекунад,

яъне ҳамеша мехоҳад манзараи он сохтмон ва фарши утоқаш зебо бошад. Ин “зебоидӯстӣ” як чизе аст дар инсон.

Инсон зебоиҳои табиатро дӯст дорад. Як ҷо, ки як оби софу зулол мебинад, як истахр, як дарё, аз диданаш лаззат мебарад. Аз манозири хеле олии табиӣ лаззат мебарад. Аз манзараи осмон, аз уфуқ, аз кӯҳҳо, аз ҳамаи инҳо лаззат мебарад. Яъне инҳоро зебо мебинад ва аз зебоии инҳо лаззат мебарад.

Ва ҳамин тавр аст масъалаи ҳунар, ки худаш халқи навъе зебоӣ аст; умуре, ки аз қадим “санойеъи мустазрафа” номида шудаанд, мисли хатт, ки як ҳунари хеле қадимӣ аст. Хатти бисёр зебо барои инсон арзиши фавқулъодае дорад ва инсон онро ҳифз мекунад. Қуръоне, ки бо хатти бисёр зебо навишта шуда бошад, даҳ бор ҳам агар инсон онро дида бошад, дафъаи ёздаҳум боз мехоҳад бибинад, балки сад бор ҳам дида бошад, дафъаи саду якум боз мехоҳад тамошо кунад.

Марҳум абавии мо (яъне падари мо) ризвонуллоҳи алайҳ, ки хатти худашон ҳам хуб буд, ба “хатт” махсусан алоқаи хоссе доштанд. Эшон мегуфтанд, агар Қуръони хеле хушхатт дасти ман бошад, дигар наметавонам бихонам, чун он қадр хира мешавам ба хатташ ва ба зебоиаш, ки аз хондан мемонам.

Намунаи хатти зебо катибаи Бойсунқур аст (аз авлоди Темур, ки дар Ҳирот ва Машҳад ҳоким буд, дар замони Алишери Навоӣ. С.И) дар ҷилави айвони мақсура (дар ҳарами Имом Ризо); дар он катибаи бузурге, ки ҷилави пешонии айвон аст ва Бойсунқур, ки писари Гавҳаршод буда, худаш дар охири ин катиба навиштааст:

كتبه بايسنقر بن شاهرخ بن امير تيمور گوركان

Гавҳаршод зани Шоҳрух будааст ва Бойсунқур писари ӯ. Дар хатти сулс, дигар назире барои Бойсунқур наомадааст, на қабл аз ӯ касе чунин хатти сулсе навиштааст ва на баъд аз ӯ касе тавониста бинависад. Бо ин ки Алиризо Аббосӣ — ки дар замони Шоҳ Аббоси Сафавӣ мезиста — фавқулъода хаттоти хубе аст ва намунаҳои хатташ, ки акнун дар Исфаҳон ё дар Қум дар мақбараи Шоҳ Аббос ҳаст, фавқулъода зебост, вале ҳаргиз ба пойи Бойсунқур намерасад.

Худи Қуръон яке аз ҷиҳоти оят буданаш аз мақулаи зебоӣ яъне фасоҳату балоғат аст ва яке аз бузургтарин авомили ҷаҳонӣ кардани Қуръон, омили зебоӣ яъне фасоҳату балоғати фавқулъодаи он аст.

Ғараз ин аст, ки гароиш ба зебоӣ ва мазоҳири зебоӣ низ як гароише аст дар инсон.

## 4) Гароиш ба халлоқият ва ибдоъ:

Яке дигар аз гароишҳо, ки гароиши чаҳорум аст, халлоқият ва ибдоъ аст. Ин гароиш дар инсон ҳаст, ки мехоҳад халқ кунад ва биёфаринад; чизеро, ки набудааст ба вуҷуд биёварад. Дуруст аст, ки башар барои рафъи ниёзҳои зиндагиаш ҳам ба кори санъат ва халлоқият ва ибдоъ пардохтааст, вале ҳамин тавр ки илм, ҳам василае буда барои зиндагӣ ва ҳам худаш барои инсон ҳадаф будааст. (Халлоқият низ чунин будааст.)

Масъалае имрӯз матраҳ аст, ки оё илм барои илм, ё илм барои зиндагӣ? Ҷавобаш ин аст: ҳар ду, яъне илм барои башар, ҳам — ба истилоҳи талабаҳо — матлуби биззот аст ва ҳам матлуби билғайр, яъне илм ҳам барои зоти хеш матлуб аст ва ҳам барои он ки василаест барои ҳалли мушкилоти башар. Аз он ҷиҳат, ки илм ва кашфи ҳақиқат аст, матлуби биззот аст ва аз он ҷиҳат, ки дар айни ҳол қудрат аст ва тавоноӣ ва "*Тавоно бувад ҳар ки доно бувад*" ва василаест барои ҳалли мушкилоти зиндагӣ, матлуби билғайр аст.

Халлоқият низ ҳамин тавр аст. Шумо[1] дар донишомӯзон беҳтар таҷриба кардаед ва медонед, як бачча вақте чизеро халқ ва эҷод мекунад, чӣ гуна ба ӯ суруру фараҳ даст медиҳад ва эҳсоси шахсият дар худаш мекунад. Вақте "кори дастӣ" ба ӯ медиҳед, ки ин кори дастиро бисоз, масрур мешавад. Мехоҳад, ки як чизи ҷадиде ба вуҷуд оварда бошад.

Ба таври кулли, ибтикор дар ҳар қисмате, худаш халқ аст. Афродеро шумо мегӯед инҳо ибтикор доранд. Масалан, мегӯед, ки дар кори муаллимӣ, фалон шахс ибтикор дорад, яъне равишеро халқ мекунад. Афроди дигар мумкин аст тобеъ ва муқаллид бошанд, яъне равишҳои дигаронро тақлид ва пайравӣ мекунанд, вале баъзе аз афрод ин қудратро доранд, ки метавонанд равиш биёфаринанд.

Ба таври куллӣ, дар тарҳҳои иҷтимоӣ, тарҳҳои шаҳрсозӣ, дар умуре, ки масалан як шаҳрдорӣ бояд тарҳу ибтикор дошта бошад, дар барномарезиҳо ва таълифи китобҳо, бархе мубтакиранд ва бархе муқаллид. Мебинед хеле аз китобҳо сирфан ҷанбаи тақлидӣ дорад. Масали маъруф, мегӯянд: "*Китобҳои чопиро хаттӣ мекунанд, думартиба хаттиҳоро чопӣ мекунанд*". Яъне ҳарфҳоеро, ки аз китобҳои чопӣ гирифтаанд менависанд ва дубора медиҳанд ба чоп. Бадеҳӣ аст, ки дар ин кор ибтикор нест. Вале

[1]) *Ишора ба ҳозирон дар ҷаласаи дарс аст, ки иборат аз мудирон ва дабирони мадраса буданд.*

афроде ҳастанд, ки китобҳояшон ибтикор аст, халқ ва офаринандагӣ аст. Ва ин тамоюл дар ҳар инсоне ҳаст, ки мехоҳад офаринанда бошад.

Аз инҳо болотар дар назарияҳост. Як касе як назария халқ мекунад, баъд онро исбот мекунад ва баъд дигарон назарияи ӯро мепазиранд. (Ин худаш як навъ қудрат ва халқ аст). Мисли он касе, ки "ҳаракати ҷавҳария"-ро ба унвони як назария халқ кард ва баъд исбот кард ва дигарон пайравӣ мекунанд. Албатта, инро ҳам таваҷҷӯҳ доред, ки дар баъзе умур ду се мақула бо ҳамдигар тавъам мешаванд. Масалан касе, ки шеъре ибтикор мекунад ва мубтакир дар шеър аст, мисли Ҳофиз, дар они воҳид ду кор кардааст, яке ин ки чизеро "халқ" карда яъне он ҳисси халлоқияти худашро ирзо карда. Ва дигар он ки як "зебо" офаридааст — як шеъри зебо — яъне он ҳисси зебоиро ирзо кардааст. Ва мумкин аст ҳисси ҳақиқатҷӯӣ ҳам бо он ирзо шуда бошад. Мунофот надорад, ки як шайъ дар они воҳид аз чанд мақула шумурда шавад.

## 5) Ишқ ва парастиш:

Мақулаи панҷум мақулаест, ки мо феълан номи онро "мақулаи парастиш" ё "мақулаи ишқу парастиш" мегузорем.

Бармегардем ба ҳарфи аввали худамон, ки дар ҷаҳон ҳеч мавҷуде ба андозаи инсон ниёзманд ба тафсиру тавзеҳ нест, чун дар инсон чизҳое дида мешавад, ки дар ғайри инсон дида намешавад ва печидагиҳое мушоҳида мешавад, ки тавзеҳу тафсираш осон нест, балки фавқулъода мушкил аст. Ва ба ҳамин ҷиҳат аст, ки инсонро "олами сағир" номидаанд, яъне ба танҳоӣ худаш як ҷаҳон аст. Урафо инро ҳам қабул надоранд, ки инсон олами сағир бошад; мегӯянд, олам инсони сағир аст ва инсон олами кабир. Мавлавӣ мегӯяд:

*Чист андар хум, ки андар наҳр нест,*

*Чист андар хона, к-андар шаҳр нест.*

Хона ҷузъ аст ва шаҳр кулл, ҳар чи дар хона бошад, дар шаҳр қатъан ҳаст. Вале дар шаҳр мумкин аст чизҳое бошад, ки дар хона набошад, ки ағлаб ҳам ин тавр аст. Ҳамчунин, чизе, ки дар ҷӯйи кучак бошад, дар рӯдхона албатта ҳаст. Баъд натиҷагирӣ мекунад ва мегӯяд:

*Ин ҷаҳон хумасту дил чун ҷӯйи об,*

*Ин ҷаҳон ҳуҷрасту дил шаҳри ъуҷоб.*

На акси қазия, ки бигӯяд, ин инсон (дил яъне инсон) хона аст ва ҷаҳон шаҳр.

Ғаразам аҳаммияти инсон аст ва дар инсон хеле чизҳост, ки ниёзманд ба тафсир аст ва ин соддаангориҳо дар мавзӯи инсон хеле иштибоҳ аст. Ин соддаангориҳоро ҳама кардаанд.

Ҳол, мавзӯе, ки шояд бештар ҳам ниёз бошад, ки мо шарҳ бидиҳем, масъалаи “ишқу парастиш” ва дар воқеъ масъалаи “ишқ” аст. Худи ҳамин ишқ дар инсон як падидаи муъзали аҷибест, ки хеле ниёз ба тафсир дорад. Дар боби ишқ баъзе аслан ишқро ҷуз аз мақулаи шаҳват надониста ва гуфтаанд, ишқ ҳамон ҳаяҷони ғаризаи ҷинсӣ аст; чизи дигаре ғайр аз он нест, яъне мабдааш ғаризаи ҷинсӣ аст, интиҳояш ҳам ғаризаи ҷинсӣ аст.

Назарияи дигаре ҳаст, ки мӯътақид аст, ки ишқҳо аз ғаризаи ҷинсӣ шурӯъ мешавад, вале баъд талтиф мешавад, ҷанбаи ҷинсии худашро аз даст медиҳад ва ҳолати руҳонӣ ба худ мегирад.

Ва як назарияи дигар ҳаст, ки аз асос қоил ба ду навъ ишқ аст: ишқҳои ҷисмонӣ, ки мабдаи ҷисмонӣ ва ғояти ҷисмонӣ дорад ва ишқҳои руҳонӣ, ки аз ибтидо мабдаи руҳонӣ дорад ва ғояташ ҳам руҳонӣ аст.

Масъалаи ишқ хусусан дар он ҷо, ки бо парастиш тавъам мешавад — ва балки ҳар ишқе, ки ба марҳилаи ишқи воқеӣ бирасад (яъне ҳисоби шаҳавотро бояд ҷудо кард), ба марҳилаи парастиш мерасад, яъне ин ду дар воқеъ аз якдигар тафкикпазир нестанд.

Ба ҳар ҳол, масъалаи ишқ ва парастиш дар инсон, масъалаест, ки фавқулъода ниёзманд ба таҳлилу тафсир ва тавзеҳу тавҷеҳ аст. Бояд баррасӣ шавад, ки воқеан чӣ мабдае дорад? Оё ин ҳарфе, ки аз қадим ба Афлотун нисбат додаанд ва ба ҳамин хотир имрӯз ҳам мегӯянд, “ишқи афлотунӣ”, рост аст? Оё дар инсон воқеан як мабдаи ғайри ҷисмонӣ ва ғайри моддӣ барои ишқ вуҷуд дорад? Ва оё ишқҳои руҳонӣ ҳам дар инсон вуҷуд дорад ва агар вуҷуд дорад чист?

## Ишқ ва парастиш // Тавҷеҳи гароишҳои инсонӣ

Баҳс дар бораи як силсила гароишҳо дар инсон буд, ки ин гароишҳо дар ҳайвон вуҷуд надорад ва гуфтем, ҳамин гароишҳост, ки инсонро мавзӯи муҳимме барои тавҷеҳу тафсир ва фалсафа кардааст. Чаҳор то аз ин гароишҳоро қаблан гуфтем. Ҳол, ба як гароиши дигар, ҳарчанд ба таври иҷмол, ишора мекунем. Ин гароиш ҳамон чизе аст, ки гуфтем метавонем номи онро “ишқ ва парастиш” бигузорем ва бигӯем, аз мақулаи “ишқ ва парастиш” аст.

Тавзеҳе бояд арз бикунам. Ва он ин аст, ки ин матлаб як амри бисёр махсусе ҳаст, ки дар инсон заминаи чизе вуҷуд дорад, ки мо онро "ишқ" меномем. Ишқ чизест мофавқи муҳаббат. Муҳаббат дар ҳадди оддӣ дар ҳар инсоне ҳаст. Анвоъи муҳаббатҳо дар инсонҳо вуҷуд дорад, аз қабили муҳаббате, ки ду дӯст нисбат ба якдигар пайдо мекунанд, муҳаббате, ки мурид нисбат ба муроди худаш пайдо мекунад, муҳаббатҳои маъмулӣ, ки дар миёни ҳамсарҳо ҳаст ва муҳаббатҳое, ки миёни волидайн ва авлод ҳаст. Ин замина низ дар инсон вуҷуд дорад; заминаи чизе, ки онро маъмулан "ишқ" меноманд.

Дар забони арабӣ мегӯянд, калимаи "ишқ" дар асл аз моддаи "ашақа" аст ва "ашақа" номи гиёҳест, ки дар форсӣ ба он "печак" мегӯянд, ки ба ҳар чиз бирасад, даври он мепечад. Масалан, вақте ба як гиёҳи дигар мерасад, даври он чунон мепечад, ки онро тақрибан маҳдуду маҳсур мекунад ва дар ихтиёри худаш қарор медиҳад. Як чунин ҳолате дар инсон пайдо мешавад ва асараш ин аст, ки — бар хилофи муҳаббати оддӣ — инсонро аз ҳоли оддӣ хориҷ мекунад, хобу хӯрокро аз ӯ мегирад, таваҷҷӯҳро мунҳасир ба ҳамон маъшуқ мекунад, яъне як навъ ягонагӣ дар ӯ ба вуҷуд меоварад, яъне ӯро аз ҳама чиз мебурад ва танҳо ба як чиз мутаваҷҷеҳ мекунад, ба тавре, ки ҳама чизаш ӯ мешавад, якчунин муҳаббати шадиде.

Дар ҳайвонот чунин ҳолате мушоҳида нашудааст. Дар ҳайвонот, алоиқ (алоқаҳо) ҳадди аксар дар ҳудуди алоиқест, ки инсонҳо ба фарзандонашон доранд ё ҳамсарҳо ба ҳамсарҳо доранд. Агар ғайрат доранд, агар таассуб доранд, ҳар чи, ки нисбат ба инҳо доранд, дар ҳайвонот ҳам каму беш пайдо мешавад. Вале ин ҳолат (яъне ишқ) ба ин шакл, махсуси инсон аст.

Ин ки аслан моҳияти ин ҳолат чист, худ яке аз мавзӯоти фалсафа шудааст. Бӯалӣ Сино рисолаи махсусе дорад дар "ишқ". Ҳамчунин Мулло Садро дар китоби "Асфор" дар бахши илоҳиёт сафаҳоти зиёде — ҳудуди чиҳил сафҳа — ро ихтисос додааст ба тафсири моҳияти ишқ, ки ин ҳолат чист, ки дар инсонҳо пайдо мешавад, чунон ки имрӯз ҳам масъалаи ишқ дар "равонковӣ" таҳлил мешавад, ки воқеан моҳияти ин ҳолат дар инсонҳо чист?

## Назариёт дар бораи моҳияти ишқ

Назариёти мухталифе дар ин бора дода шудааст. Баъзе худашонро бо ин калима халос кардаанд, ки ин як бемори аст, як нохушӣ аст, як мараз аст. Ин назария метавон гуфт,

феълан тобеъ ва пайрав надорад, ки ишқро сирфан як беморӣ бидонем. На танҳо беморӣ нест, балки мегӯянд, як мавҳибат аст.

Он гоҳ масъалаи асосӣ дар инҷо ин аст, ки оё ишқ ба таври куллӣ як навъ бештар нест ё ду навъ аст? Баъзе назариёт ин аст, ки ишқ як навъ бештар нест ва он ҳамон ишқи ҷинсӣ аст, яъне решаи узвӣ ва физиулужик (физиологӣ) дорад ва як навъ ҳам бештар нест, тамоми ишқҳое, ки дар олам вуҷуд дошта ва дорад, бо ҳамаи осор ва хоссиятҳояш — ишқҳои ба истилоҳ, румонтик, ки адабиёти дунёро ин достонҳои ишқӣ пур кардааст, мисли достони Маҷнуни Омирӣ ва Лайлӣ, тамоми инҳо — ишқҳои ҷинсӣ аст ва ҷуз ин чизи дигаре нест.

Гурӯҳе ишқро — ҳамин ишқи инсон ба инсонро, ки баҳс дар бораи он аст — ду навъ медонанд. Масалан, Бӯалӣ Сино, Хоҷа Насируддини Тӯсӣ ва Мулло Садро ишқро ду навъ медонанд; бархе ишқҳоро ишқҳои ҷинсӣ медонанд, ки инҳоро ишқи маҷозӣ меноманд, на ишқи ҳақиқӣ… Баъзе ишқҳо ишқи руҳонӣ яъне ишқи нафсонӣ аст, ба ин маъно, ки дар воқеъ миёни ду руҳ навъе кашиш вуҷуд дорад. Ишқи ҷисмонӣ маншааш ғариза аст; бо расидан ба маъшуқ ва бо хомӯш шудани ғариза ҳам поён меёбад, чун поёнаш ҳамин аст. Агар мабдааш тарашшуҳоти дохилӣ бошад, бо ҷудо шуданаш қаҳран поён меёбад. Аз онҷо оғоз мешавад ва ба инҷо поён меёбад.

Вале инҳо муддаӣ ҳастанд, ки инсон гоҳе ба марҳилае аз ишқ мерасад, ки мофавқи ин ҳарфҳост. Хоҷа Насируддин аз он ба “мушокилаи байнаннуфус” таъбир мекунад, ки як навъ ҳамшаклӣ миёни руҳҳо вуҷуд дорад. Ва дар воқеъ инҳо муддаӣ ҳастанд, ки **дар руҳи инсон як базре барои ишқи руҳонӣ ва маънавӣ ҳаст, ки дар воқеъ, нафсе ҳам агар инҷо вуҷуд дорад, ӯ фақат муҳаррики инсон аст ва маъшуқи ҳақиқии инсон як ҳақиқати моварои табиӣ аст, ки руҳи инсон бо ӯ муттаҳид мешавад ва ба ӯ мерасад ва ӯро кашф мекунад ва дар воқеъ маъшуқи ҳақиқӣ дар даруни инсон аст**. (Феълан мо дорем фарзияҳо ва назариётро мегӯем).

Дар ҳамин замина аст, ки достонҳо нақл мекунанд; мегӯянд, ин ки ишқ мерасад ба он ҷо, ки ошиқ хаёли маҳбубро аз худи маҳбуб азизтару гиромитар медорад, барои он аст, ки худи маҳбуб ва заминаи аввалии таҳрик дар даруни инсон аст ва ӯ дар даруни худаш бо як ҳақиқати дигаре — бо ҳамон сурати маъшуқ, ки дар руҳи ӯ ҳаст ва дар воқеъ сурати ин шайъ (маъшуқи зоҳирӣ) нест, сурати як шайъи дигар аст — хӯ мегирад ва бо ӯ ҳам хуш аст.

Ин достонро ҳатто дар китобҳои фалсафӣ низ нақл мекунанд, ки Маҷнун баъд аз ин ки он ҳама шеърҳо ва ғазалҳо дар фироқи *Лайлӣ* ва дар ишқи ӯ гуфта буд, рӯзе дар биёбон, *Лайлӣ* омад болои сараш ва ӯро садо зад. Маҷнун сарашро баланд кард, гуфт: кӣ ҳастӣ? Гуфт: манам *Лайлӣ*, омадаам суроғат (ба хаёли ин ки дигар ҳоло Маҷнун баланд мешавад ва ин маҳбуберо, ки дар фироқаш ин қадр нолида, чӣ гуна дар оғӯш мегирад). Гуфт: на, бирав:

### لی غنی عنك بعشقك

Ман ба ишқи ту хушам ва аз худат безорам.

Иттифоқан, назири ҳамин қазияро дар шарҳи ҳоли шоири маъруфи замони худи мо Шаҳриёр мехондам. Шаҳриёр донишҷӯи соли охири пизишкӣ буда, дар ҳамин Теҳрон дар хонае понсиун будааст. (Ӯ табризӣ аст). Дар онҷо ошиқи духтари соҳибхона мешавад ва чӣ гуна ҳам ошиқ мешавад! Он духтарро ба ҳар далел ба ӯ намедиҳанд ва ӯ ҳам дигар мисли ҳамон Маҷнун даст аз ҳама чиз, кору шуғлу таҳсил бармедорад ва меафтад дунболи ӯ. Баъд аз солҳо дар яке аз яйлоқот, ҳамон хонум бо шавҳараш ба ӯ мерасанд ва бо ӯ мулоқот мекунанд. Он хонум меояд ба суроғаш. Ӯ дар олами худаш буда. Шаҳриёр ба ӯ мегӯяд: на, аслан ман ба ту коре надорам, ман дигар ҳоло бо он хаёли худам хуш ҳастам ва ба ӯ ҳам хӯ гирифтаам, аз шавҳарат ҳам талоқ бигирӣ, ман ба ту коре надорам. Шеъре ҳам дар ин замина дорад, ки баъд аз ин ки ин хонум ба суроғаш меояд, ин шеърро мегӯяд, яъне васфи ҳоли худашро мегӯяд, дар ҳоле, ки баён мекунад, ки ман чӣ гуна ба ишқи ӯ хӯ кардаам ва илтифоте ба худи ӯ надорам.

Ҳол, инро иҷмолан мегӯям, барои ин ки шумо ба гӯшае аз адабиёти ирфонии исломӣ таваҷҷӯҳ кунед, ки ин масъала аз он масоилест, ки фавқулъода қобили таваҷҷӯҳ ва қобили таҳлил аст. Мулло Садро ашъоре нақл мекунад, ки хаёл мекунам, ин ашъор аз Муҳйиддини Арабӣ бошад, яъне ба ӯ меояд. Намегӯяд, шоири ин ашъор кист, ҳамин қадр мегӯяд чунон ки "қоил" чунин гуфтааст, вале ман ҳадс мезанам аз Муҳйиддин бошад, ба ӯ мехӯрад. Ӯ вақте, ки мехоҳад ин матлабро баён кунад, ки порае аз ишқҳо ҷисмонӣ нест ва нафсонӣ аст, ба ин сурат баён мекунад, (хеле шеъри олие ҳам ҳаст), мегӯяд:

اعانقها والنّفس بعد مشوقة

اليها وهل بعد العناق تدانی

Мегӯяд, дорам бо ӯ (маъшуқа) муонақа (аҷоқ-аҷоқ ба қавли мо) мекунам ва боз мебинам ҳамин ҷур нафс ба ӯ иштиёқ дорад. Магар аз муонақа наздиктар ҳам чизе вуҷуд дорад?! Мехоҳад бигӯяд, агар ду ҷисм якдигарро ба сӯи ҳам мекашанд, дигар ҳоло расидаанд, вақте, ки (ин амр) ба ғояташ расидааст, дигар бояд поён бипазирад.

والثم فاها کی تزول حرارتی

فیزداد ما القی من الهیجان

Мегӯяд, лабҳояшро мебӯсам барои ин ки ҳароратам зоил шавад. Мебинам афзоиш пайдо мекунад ва зиёдтар мешавад.

Ҳол, он натиҷаи фалсафие, ки мехоҳад бигирад ин аст; мегӯяд:

كأنّ فؤادی لیس یشفی غلیله

سوی ان یری الرّوحان یتّحدان

Имкон надорад, ки ин оташи дарунии ман фурӯ бихобад магар он гоҳ, ки ду руҳ бо якдигар муттаҳид гарданд.

Пас, ин назария назарияест, ки ишқро тақсим мекунад ба ишқи ҷисмонӣ ва ишқи нафсонӣ, яъне ба навъе ишқ қоил аст, ки ҳам аз назари мабдаъ бо ишқи ҷисмонӣ мутафовит аст — яъне мабдааш ҷинсӣ нест, решае дар руҳу фитрати инсон дорад — ва ҳам аз назари ғоят бо ишқи ҷинсӣ мутафовит аст, чун ишқи ҷинсӣ бо хомӯш шудани шаҳват хотима пайдо мекунад, вале ин ишқ дар инҷоҳо поён намепазирад. Ин ҳам як назария.

Мо феълан намехоҳем дар мақоми он баҳсҳои фалсафӣ ва истидлолҳое, ки фалосифа кардаанд барои исботи ин гуна ишқ- ки ишқи афлотунӣ ҳам номида мешавад — бароем, фақат қисматҳоеро, ки баҳсҳои содда аст арз мекунем ва он ин аст:

Қадри мусаллам ин аст, ки башар ишқро ситоиш мекунад, яъне як амри қобили ситоиш медонад, дар сурате, ки он чи аз мақулаи шаҳват аст қобили ситоиш нест. Масалан, инсон шаҳвати хӯрдан ё майл ба ғизо — ки як майли табиӣ аст — дорад. Оё ин майл аз он ҷиҳат, ки як майли табиӣ аст ҳеч қобилияти тақдис пайдо карда? То ба ҳол шумо дидаед ҳатто як нафар дар дунё биёяд майлаш ба фалон ғизоро ситоиш кунад? Ишқ ҳам то онҷо, ки ба шаҳват (ҷинсӣ) марбут бошад, мисли шаҳвати хӯрдан аст ва қобили

тақдис нест, вале ба ҳар ҳол ин ҳақиқат, тақдис шудааст ва қисмати бузурге аз адабиёти дунёро тақдиси ишқ ташкил медиҳад. Ин аз назари равонковии фардӣ ё иҷтимоӣ фавқулъода қобили таваҷҷӯҳ аст, ки ин (падида) чист?

## Фанои ошиқ дар маъшуқ

Башар ифтихор мекунад ба ин ки дар заминаи маъшуқ ҳама чизашро фидо кунад, худашро дар муқобили ӯ фонӣ ва нест нишон бидиҳад. Яъне ин барои ӯ азамат ва шукӯҳ аст, ки дар муқобили маъшуқ аз худ чизе надорад ва ҳар чи ҳаст ӯст ва ба таъбири дигар, "фанои ошиқ дар муқобили маъшуқ". Чизест назири он чи ки дар боби ахлоқ гуфтем, ки дар ахлоқ чизест, ки бо мантиқи манфиат ҷур дарнамеояд, вале фазилат аст, мисли исор ва аз худ гузаштан. Исор (аз худ гузаштагӣ) бо худмеҳварӣ ҷур дарнамеояд, фидокорӣ бо худмеҳварӣ ҷур дарнамеояд, вале бо вуҷуди ин мебинед инсон ҷудро, эҳсонро, исорро, фидокориро тақдис мекунад; инҳоро фазилат медонад, азамат ва бузургӣ медонад.

Дар инҷо ҳам масъалаи ишқ бо масъалаи шаҳват мутафовит аст. Чун агар шаҳват бошад, яъне шайъеро барои худ хостан. Фарқ байни шаҳват ва ғайри шаҳват дар ҳамин ҷост. Он ҷо, ки касе ошиқи дигарӣ аст ва масъала масъалаи шаҳват аст, ҳадаф тасоҳуб ва аз висоли ӯ баҳраманд шудан аст. Вале дар "ишқ" аслан масъалаи висол ва тасоҳуб матраҳ нест, масъалаи фанои ошиқ дар маъшуқ матраҳ аст, яъне боз бо мантиқи худмеҳварӣ созгор нест.

Ин аст, ки ин масъала дар ин шакл фавқулъода қобили баҳс ва қобили таҳлил аст, ки ин чист дар инсон? Ин чӣ ҳолате аст ва аз куҷо сарчашма мегирад, ки фақат дар муқобили ӯ мехоҳад таслими маҳз бошад ва аз мани ӯ ва аз худи ӯ чизе боқӣ намонад. Дар ин замина Мавлавӣ шеърҳои хеле хубе дорад, ки дар адабиёти ирфонӣ фавқулъода аст:

*Ишқ қаҳҳор асту ман мақҳури ишқ,*

*Чун шакар ширин шудам аз шӯри ишқ.*

Масъалаи парастиш ин аст, яъне ишқ инсонро мерасонад ба марҳилае, ки мехоҳад аз маъшуқ худое бисозад ва аз худ бандае; ӯро ҳастии мутлақ бидонад ва худро дар муқобили ӯ несту нестӣ ҳисоб кунад. Ин аз чӣ мақулае аст? Воқеият ин ҳолат чист?

Гуфтем, ки як назария ин аст, ки мегӯяд, ишқ ба тavри мутлақ реша ва ғояти ҷинсӣ дорад, рӯи ҳамон хатти ғаризаи ҷинсӣ ҳаракат мекунад ва идома меёбад ва то охир ҳам ҷинсӣ аст.

Назарияи дигар ҳамон назарияе аст, ки арз кардем, ҳукамои мо ин назарияро таъйид мекунанд, ки ба ду навъ ишқ қоил ҳастанд: ишқҳои ҷинсӣ ва ҷисмонӣ ва ишқҳои руҳонӣ ва мегӯянд, заминаи ишқи руҳонӣ дар ҳамаи афроди башар вуҷуд дорад.

Назарияи севвуме вуҷуд дорад, ки хоста ҷамъ кунад миёни ду назария: назарияи Фрейд ва назарияе, ки ба ишқи руҳонӣ қоил аст. Фрейд (*Sigmund Freud*), ин равонкови маъруф, ки ҳама чизро ношӣ аз ғаризаи ҷинсӣ медонад — илмдӯстиро, хайрро, фазилатро, парастишро ва ҳама чизро ва ба тариқи авло ишқро — ҷинсӣ медонад. Вале назарияи ӯро имрӯз дигар қабул намекунанд.

Назарияи дигаре пайдо шудааст. Ин назария дидааст, ки дар "ишқ" аҳёнан кайфиёте пайдо мешавад, ки бо ҷанбаҳои ҷинсӣ созгор нест. Яъне вобаста ба ғалаёни тарашшуҳоти ҷинсӣ нест, ки доир мадори он бошад. Чун амри ҷинсӣ мисли ҳамон гуруснагӣ аст. Гуруснагӣ як ҳолати табиӣ аст. Вақте, ки бадан эҳтиёҷ ба ғизо пайдо кунад ва як силсила тарашшуҳот бишавад, гуруснагӣ ҳаст ва агар чунин набошад, нест. Дар эҳтиёҷи ҷинсӣ ҳам ҳамин тавр аст. Вақте, ки ин эҳтиёҷ моддӣ бошад, дар ҳар ҳадде, ки тарашшуҳот бошад, ҳаст ва агар на, нест. Вале "ишқ" тобеъи ин хусусиёт нест. Аз ин рӯ, ин тавр гуфтанд, ки ишқ аз назари мабдаъ ҷинсӣ аст, вале аз назари мунтаҳо ва кайфият, ғайри ҷинсӣ аст. Яъне ба таври ҷинсӣ шурӯъ мешавад, аввалаш шаҳват аст, вале баъд тағйири кайфият ва тағйири ҳолат медиҳад ва дар ниҳояти амр табдил ба як ҳолати руҳонӣ мешавад.

Вил Дуронт (*Will Durant*) ин муаррихи маъруфи фалсафа, дар китоби "*Лаззоти фалсафа*" баҳсе дар бораи ишқ кардааст. Ӯ ҳамин назарияро интихоб мекунад ва назарияи Фрейдро тарҳ ва рад мекунад. Ӯ мегӯяд, ҳақиқат ин аст, ки ишқ баъдҳо тағйири масир ва тағйири ҷиҳат ва ҳатто тағйири хусусият ва тағйири кайфият медиҳад, яъне дигар аз ҳолати ҷинсӣ ба таври куллӣ хориҷ мешавад. Ӯ асоси назарияи Фрейдро саҳеҳ намедонад.

Назари мо дар тарҳи масъалаи ишқ бештар ба он тамоюлест, ки ошиқ ба фанои дар маъшуқ пайдо мекунад, ки мо онро "парастиш" меномем. Ин ҳам чизест, ки бо ҳисобҳои моддӣ ҷур дарнамеояд.

## Назари Вилём Ҷеймс ва сухани Бертронд Росел

Вилём Ҷеймс (*William James*) дар китоби "*Дин ва равон*" мегӯяд, дар канори як силсила тамоюлот дар мо, ки моро ба табиат вобаста кардааст, як силсила тамоюлоти дигаре

ҳам дар мо вуҷуд дорад, ки бо ҳисобҳои моддӣ ва бо ҳисобҳои табиат ҷур дарнамеояд. Ва ҳамин тамоюлот аст, ки моро ба мовараи табиат марбут мекунад, ки тавҷеҳу тафсираш ҳамон аст, ки ҳукамои исломӣ кардаанд ва мӯътақиданд, ки ин ҳолати фаное, ки ошиқ пайдо мекунад, дар воқеъ марҳилаи такомули ӯст, ин фано ва нестӣ нест. Агар маъшуқи воқеияш ҳамин шайъи моддӣ ва ҷисмонӣ мебуд, фано ғайри қобили тавҷеҳ буд, ки чӣ тавр як шайъ ба сӯи фанои худаш тамоюл пайдо мекунад? Вале дар воқеъ **маъшуқи ҳақиқии ӯ як воқеияти дигар аст ва ин маъшуқи зоҳирӣ намунае ва мазҳаре аз ӯст ва ин дар воқеъ бо комилтар аз худаш ва бо як мақоми комилтар муттаҳид мешавад ва ба ин василаи ин нафс ба ҳадди камоли худаш мерасад**.

Ғарбиҳо ин гуна ишқҳоро "ишқҳои шарқӣ" меноманд ва ҳатто тақдис ҳам мекунанд. Бертронд Росел (*Bertrand Russell*) дар китоби "*Заноӯӣ ва ахлоқ*" мегӯяд:

"*Мо имрӯзиҳо ҳатто дар олами тасаввур наметавонем руҳияи он шоиронеро, ки дар ашъорашон аз фанои худ сухан меронданд бе он ки кучактарин илтифоте аз маҳбуб бихоҳанд дарк бикунем*."

Мехоҳад бигӯяд, ки мо маъмулан дар ишқҳое, ки худамон суроғ дорем, ишқро василае ва муқаддимае барои висол медонем. (Дар ин замина ҷумлаҳои зиёде дорад).

Мегӯяд, дар ишқҳои шарқӣ асосан ишқ василa нест ва худаш ҳадаф аст ва баъд хеле ҳам тақдис мекунад; мегӯяд, ин ишқҳост, ки ба руҳи инсон азамат ва шукӯҳ ва шахсият медиҳад.

## Тавҷеҳи панҷ мақулаи мазкур

Ҳол, биравем суроғи асли матлаб. Ин панҷ мақулае, ки дар ин ду ҷаласа арз кардем: мақулаи ҳақиқат ва доноӣ, мақулаи ҳунар ва зебоӣ, мақулаи хайру фазилат, мақулаи халлоқият ва фаннонияи ва мақулаи ишқ ва парастиш, инҳоро мо чӣ бидонем ва чӣ гуна тавҷеҳ кунем?

Ба таври куллӣ, ду тавҷеҳи асосӣ дорад: як тавҷеҳ ин аст, ки ҳамаи инҳо аз фитрати инсон сарчашма мегиранд. Ҳақиқатхоҳӣ (ҳақиқатҷӯӣ) гароишест, ки дар сиришти руҳии инсон ниҳода шудааст. Инсон ҳақиқатест мураккаб аз руҳ ва бадан ва руҳаш ҳақиқатест илоҳӣ:

وَنَفَخْتُ فِيهِ مِنْ رُوحِي

(*"Ва дар ӯ аз руҳи худ дамидам…" (сураи Ҳиҷр, ояти 29*)

Дар инсон унсуре ғайри табиӣ вуҷуд дорад ҳамчунон ки аносуре табиӣ вуҷуд дорад. Аносури табиӣ инсонро ба табиат вобаста кардаанд ва ин унсури ғайри табиӣ инсонро ба умуре ғайри табиӣ ва ғайри моддӣ вобаста кардааст. Ин ки инсон ҳақиқатҷӯ ва толиби ҳақиқат аст, хостаест марбут ба руҳи ӯ ва сиришти руҳии ӯ. Зебоӣ гароишест дар руҳи ӯ. Фазилати ахлоқӣ ҳамчунин. Тамоюл ба халлоқият, фаннонияг ва ибдоъ ҳамчунин. Ва **ҳамин тавр аст тамоюл ба парастиши маъшуқ, ки дар воқеъ партавест аз парастиши маъшуқи ҳақиқӣ. Яъне маъшуқи ҳақиқии инсон зоти муқаддаси Борӣ Таъолост ва ба ҳар чизи дигаре ҳар гоҳ ишқи руҳонӣ пайдо кунад, ин, зинда шудани ҳамон ишқи ҳақиқӣ аст ва ишқ ба зоти Ҳақ аст, ки ба ин сурат пайдо шудааст**. Ин як навъ тавҷеҳ аз ҳамаи инҳо.

## Тавҷеҳ бар асоси нафйи фитриёти эҳсосӣ

Тавҷеҳоти дигар қаҳран ин аст, ки “хайр, инҳо фитрӣ нест”. Вақте, ки фитрӣ набошад, мо бояд барои ҳамаи инҳо тавҷеҳоте аз беруни инсон пайдо кунем. Меравем суроғи возеҳтарин масодиқаш. Масалан, гароиши инсон ба илм ва тақдиси илм барои чист? Мегӯянд, инсон бо ҳайвон фарқе надорад; он чи инсон тибқи ғариза мехоҳад, ҳамон масоили маошӣ аст; чизҳоест, ки ба маош ва зиндагиаш ва ҳамин васоили моддии табиӣ, ки бояд барояш фароҳам бишавад марбут аст. Вале инсон дар асари ҳамин зиндагии маошӣ ва ҳамин ҳавоиҷи моддӣ, ниёз пайдо мекунад ба як силсила умури дигар, ки ин ниёзҳо ба шаклҳои мухталиф пайдо мешавад. Масалан, инсон эҳтиёҷ ба қонун пайдо мекунад. Чаро эҳтиёҷ ба қонун пайдо мекунад? Зеро инсон, ки васоили маоши худашро фароҳам мекунад, бадеҳӣ аст, ки инсон танҳо наметавонад зиндагӣ кунад ва инсонҳо маҷбуранд бо якдигар зиндагӣ кунанд, манофеъу масолеҳашон иқтизо мекунад, ки бо якдигар зиндагӣ кунанд. Баъд, ки бо якдигар зиндагӣ мекунанд, эҳсос мекунанд, ки бояд миёни худашон як ҳадде ва як марзе қоил бишаванд. Ночор меоянд муқаррароте барои худашон вазъ мекунанд. Ин муқаррарот “қавонин” аст. Вале ин муқаррароотро ҳам риоят мекунанд, барои ин ки манофеъи ҳамаи инҳо иқтизо мекунад, ки ин муқаррароотро риоят кунанд. Масалан, меоянд асли адолатро вазъ мекунанд, чун манофеъашон чунин иқтизо мекунад. Вақте ҳама мебинем, ки мо ба ин зиндагии иҷтимоӣ эҳтиёҷ дорем ва ин зиндагии иҷтимоӣ ҳам бидуни адолат имконпазир нест, мегӯем, пас биёем таслими адолат бишавем. Ман адолатро мехоҳам барои ин ки шумо

ба ман зӯр нагӯед, шумо ҳам адолатро мехоҳед барои ин ки ман ба шумо зӯр нагӯям. Аммо ин ки ман адолатро барои худи адолат бихоҳам, асосан маъно надорад.

Хуб, башар мебинад, барои зиндагии моддии худаш ҳар чи, ки бар табиат огоҳтар бишавад ва иттилоъи бештаре пайдо кунад беҳтар аст. Илм хеле ба зиндагиаш кӯмак мекунад ва аслан беҳтарин абзор ва беҳтарин васила барои зиндагии моддӣ ҳамин илм ва иттилоъ аст. Дар натиҷа, меояд ба он қадосат мебахшад ва қадосат барояш фарз мекунад, вагарна ин ки илм як қадосати зотӣ дошта бошад, ки ман илмро ба хотири худи илм бихоҳам, маъно надорад. Илм ҳам як абзор аст, вале ҳеч абзоре ба андозаи ин абзор ба дарди зиндагии моддӣ ва маошии инсон намехӯрад. Пас, инсон чун мебинад, илм беҳтарин абзор аст, ба он қадосат мебахшад. Аҳёнан як силсила қадосатҳоро найранг ба вуҷуд меовард (яъне ин тавр тавҷеҳ мекунанд); табақоте, ки ба ҳар иллате маълумоте ба даст овардаанд, иттилооти бештаре доранд ва қаҳран аз мардуми дигар воридтар ҳастанд ва ҳамчунин зирактару боҳуштар ҳастанд ва метавонанд мардуми дигарро фиреб бидиҳанд. Барои ин ки аз маҳсули кори дигарон истифода кунанд, меоянд барои илм як қадосати зотӣ қоил мешаванд, ки бале илм чунин асту олим чунон, пас чун мо олим ҳастем, шумо биравед кор кунед ва бидиҳед мо бихӯрем.

Барои ҳунар ва зебоӣ ҳам якчунин тавҷеҳе мекунанд. Ҳамин тавр барои халқ ва ибдоъ. Халқ ва ибдоъ чист? Он ҳам чун василаест барои зиндагии моддӣ ва барои маош, инсон барои он қадосат фарз мекунад, вагарна худаш чизе нест. Ишқ ва парастиш, ки асосан бемаънӣ аст, зеро инсонро аз худ бегона ва аз худ берун мекунад. Ин ки ошиқи мавҷуди дигаре бишавад ва баъд дар роҳи ӯ изҳори фано кунад ва ҳама чизашро бихоҳад фидои ӯ кунад, аслан бо ҳеч мантиқе ҷур дарнамеояд.

Ин тавҷеҳ аз мақулоти мазкур яъне шустани зери пойи ҳамаи инҳо. Қаҳран арзишҳои ахлоқӣ бепоя мешавад. Ночор бояд арзишҳои ахлоқиро ҷузъи фарзиёт ва маҷъулот ва сохтаҳо ва пардохтаҳои табақоти истисморгар бихонанд, ки инҳо яъне чӣ?! Ҷуд яъне чӣ?! Эҳсон яъне чӣ?! Исор яъне чӣ?! Фидокорӣ яъне чӣ?! Яъне қаҳран наметавонанд инҳоро тавҷеҳ кунанд.

Мунтаҳо, дар инҷо баъзе аз мактабҳо ин шуҷоатро доштаанд, ки аз усули худашон ҳамон натоиҷро бигиранд, ки ин усул он натоиҷро медиҳад, аммо баъзе мактабҳои дигар ин шуҷоатро надоранд.

## Ҳиссгароёни шуҷоъ ва ҳиссгароёни ғайри шуҷоъ

Дар баҳси фитриёти илмӣ арз кардаем, ки вақте мавҷи фалсафаи ҳиссӣ дар Урупо пайдо шуд, як гурӯҳ ҳиссӣ шуданд ва аз ин гурӯҳ иддае воқеан ҳиссӣ ва вафодор ба ҳиссӣ будани худашон ва шуҷоъ дар илтизом ба лавозими ҳиссӣ будан боқӣ монданд; гуфтанд, мо ҷуз ба он чи, ки бо ҳавосси худамон онро дарк бикунем, ба ҳеч чизи дигаре имон ва эътиқод надорем, вале нафй ҳам намекунем. Ба ин ду асл вафодор монданд:

1) Чизеро, ки ҳисс намекунем на нафй мекунем ва на исбот. (Ҳарфи дуруст. Зеро мегӯяд, ман инро ҳисс мекунам, чун ҳисс мекунам, вуҷуд дорад, вале ҳисс ба ман намегӯяд, ҳар чи ман ҳисс намекунам, вуҷуд надорад, балки мегӯяд, ман ҳисс намекунам).

2) Дар мавриди хеле аз масоил гуфтанд, агарчӣ тамоми зеҳнҳо инҳоро қабул доранд, вале чун мо акнун, ки ковиш кардем ва дидем маҳсус нест, мегӯем, мо инҳоро қабул надорем, мисли “асли иллият”. Гуфтанд, асли иллият маҳсус нест; он чи маҳсус аст ин аст, ки ҳаводиси ин ҷаҳон бо якдигар аҳёнан таволӣ (аз пайи ҳам омадан) доранд, таъоқуб (аз ақиби ҳам омадан) доранд, маъийят (ҳамроҳӣ) доранд, аммо он чи, ки мо ба номи “иллият” мешиносем ва мегӯем: “а” иллат аст аз барои “б” ва тасвирамон аз иллият ин аст, ки агар “а” набошад, маҳол аст, ки “б” вуҷуд пайдо кунад ва мегӯем, вуҷуди “б” вобаста ба вуҷуди “а” аст, инҳоро инсон эҳсос намекунад, инҳоро ақл сохта ва чун ҳисс инҳоро собит намекунад, мо қабул надорем.

Инҳо ҳиссгароёни шуҷоъ ҳастанд, яъне ҳиссгароёне, ки ба лавозими ҳиссӣ будани мактабашон комилан мӯъмин ва мӯътақиданд ва аз ин ҷиҳат қобили такриманд.

Вале як иддаи дигар хостанд, дар муқаддамот ҳиссӣ бошанд ва дар натиҷагирӣ ақлӣ. Моддигароён (материалистҳо) ҳама аз ин қабиланд. Моддигароён аз як тараф, дар боби шинохт монанди ҳиссгароён изҳори назар мекунанд ва аз тарафи дигар, дар боби масоили фалсафа, монанди ақлгароён изҳори назар мекунанд, яъне рӯи масоиле такя мекунанд, ки ҳисс дар бораи он масоил сокит аст.

## Сухани Ниче

Дар боби гароишҳо ҳам ҳамин тавр аст. Пайравони мактаби моддии инсонӣ — яъне он мактабе, ки инсонро моддии маҳз медонад — тақсим шуданд ба ду даста: як гурӯҳро мо моддигароёни шуҷоъ медонем ва гурӯҳи дигарро моддигароёни ғайри шуҷоъ ё бигӯем,

музаввир. Моддигароёни шуҷоъ касоне буданд, ки ба лавозими моддӣ будани руҳ аз ҳар ҷиҳат мултазим шуданд, мисли Ниче (*Friedrich Nietzsche*).

Ниче як файласуфи моддӣ аст, дар мавриди инсон ба руҳу ин ҷур масоил мӯътақид нест, дар натиҷагириҳояш ҳам дар мавриди инсон комилан бар асоси ҳамин фалсафаи худаш натиҷагирӣ кардааст. Мегӯяд, он чиро, ки ба номи "ахлоқ" мегӯянд, ҳамаро бирезед дур, агар то кунун ҳамаи ахлоқгароёни дунё омадаанд ва гуфтаанд, ки дунболи ҳавои нафс наравед, ман мегӯям, биравед, чаро наравед?! Агар ҳамаи ахлоқгароёни дунё омадаанд ва гуфтаанд, ба кӯмаки заиф ва ба ҷанги қавӣ, ки ба заиф таҷовуз мекунад бишитобед, ман мегӯям, баръакс агар заиферо дидед, шумо ҳам ҳаққи ӯро поймол кунед. Он шоири мо мегӯяд:

*В-агар бинам, ки нобинову чоҳ аст,*

*Агар хомӯш биншинам гуноҳ аст.*

(*Саъдӣ*)

Ин мегӯяд, агар ҳарф бизанӣ гуноҳ аст. Агар дидӣ, касе дар чоҳ афтод, як санг ҳам ту рӯи ӯ биандоз. Табиат, ҳамон тавр, ки то кунун сайр карда ҳамон дуруст аст. Як идда заиф шудаанд, як идда қавӣ, он ки заиф шуда, ба ҳукми табиат маҳкум ба феност, ба ҳукми ахлоқ ҳам бояд маҳкум ба фано бошад. Абармард Чингиз аст. Тараҳҳум яъне чӣ?! Тараҳҳум заъф аст. Исор яъне чӣ? Аҳмақӣ аст.

Ин аст, ки тамоми арзишҳои инсониро нафй кардааст. Ва ба ҳаққ агар мо дар боби инсон инсонро мавҷуде сад дар сад моддӣ бидонем, роҳе ҷуз нафй кардани инҳо нест. Яъне он чи, ки мо ба номи "инсоният" ва "гароишҳои инсонӣ" ва "муқаддасоти инсонӣ" меномем, ҳама мавҳум ва беасос аст. Аз як тараф, материализми инсонӣ қоил шудан ва аз тарафи дигар, дам аз инсоният ва арзишҳои инсонӣ задан таноқуз аст ва қобили тавҷеҳ нест.

Арзишҳои инсонӣ бо фитрати инсонӣ ҷур дармеояд ва фитрати инсонӣ бо ин ҷур дармеояд, ки инсон дар сиришти худаш як мояи инсонӣ дорад; мояе барои ҳамин гароишҳои муқаддас. Яъне дар сиришти инсон як ҳақиқати муқаддасе ҳаст, ки майл ба таъолӣ дар зоти ӯ нуҳуфтааст. Тазодди дарунии инсон, тазодди ҳақиқии дарунии фард, ки дар ҳадис омада ва ба дунболи он дар адабиёти мо омадааст, баёнгари ҳамин воқеият аст.

## Ҳадисе дар боби офариниши инсон

Дар ҳадисе, ки шиъа ва суннӣ ривоят кардаанд ва дар шиъа дар китоби “*Кофӣ*” ҳаст, омадааст, ки Худованди Мутаъол фариштаро офарид ва ӯро аз ақли маҳз сохт ва ҳайвонро офарид ва ӯро аз шаҳвати маҳз сохт ва инсонро офарид ва дар инсон ин дуро — сиришти фаришта ва сиришти ҳайвонро — бо якдигар таркиб кард ва аз ӯ инсон офарида шуд:

**إنّ اللّه تعالی خَلَقَ الْمَلائِكَةَ وَرَكَّبَ فيهِمُ الْعَقْلَ وَخَلَقَ الْبَهائِمَ وَرَكَّبَ فيهِمُ الشَّهْوَةَ وَخَلَقَ الْاِنْسانَ وَرَكَّبَ فيهِ الْعَقْلَ وَالشَّهْوَةَ**

(“*Худованд фариштагонро биёфарид ва ақл дар онҳо ниҳод ва ҳайвонотро халқ кард ва шаҳватро дар онҳо кор гузошт ва инсонро офарид ва ақлу шаҳватро дар ӯ қарор дод…*”)

Мавлавӣ ҳам мегӯяд:

*Дар ҳадис омад, ки Яздони Маҷид,*

*Халқи оламро се гуна офарид.*

Баъд се гунаро бар асоси ҳамин ҳадис, ки шиъа ва суннӣ ривоят кардаанд шарҳ медиҳад. Ин таркиби инсон — ба таъбири ҳадис — аз ҷанбаи фариштаӣ ва ҷанбаи ҳайвонӣ (як мавҷуди фаришта-ҳайвон) қаҳран дар инсон ду гароиши мутазодд ба вуҷуд оварда: гароише рӯ ба боло ва гароише рӯ ба пойин; гароише осмонӣ ва гароише заминӣ. Он гоҳ Худо ба инсон ақл ва ирода додааст ва ӯро дар миёни ин ду роҳ мухтор кардааст:

**إِنَّا هَدَيْنَاهُ السَّبِيلَ إِمَّا شَاكِرًا وَإِمَّا كَفُورًا**

(“*Мо роҳро ба ӯ нишон додем, хоҳ шокир бошад (ва пазиро гардад) ё куфрон кунад.*” (*Сураи Инсон, ояти 3*)) Ӯро дар миёни ду роҳ қарор дода ва ба ӯ иродаи мутлақу озод додааст, ки худаш аз ин ду якеро интихоб кунад. Тазоддҳои таърих ҳам аз ин тазодди сириштии инсонҳо сарчашма мегирад. Яъне инсонҳое, ки дар ҷиҳати осмонӣ ва ақлонӣ пеш рафтаанд, гурӯҳи аҳли ҳаққу ҷундуллоҳ (сипоҳи Худо)-ро ташкил медиҳанд ва инсонҳое, ки дар ҳайвоният суқут кардаанд, инсонҳои ҳайвонсифат ва паст (гурӯҳи аҳли ботил ва ҷундушшайтон (сипоҳи шайтон)-ро.) Набардҳои инсонии таърих сирфи набарди табақаи маҳрум бо табақаи бархӯрдор ба хотири манофеъ нест; набарди табақаи ҳаққҷӯ бо табақаи манфиатҷӯст. Албатта, қаҳран табақаи маҳрум бештар гароиш ба ҳаққ дорад, зеро барои ӯ “ҳаққ” ду хислат дорад: яке ин ки он руҳи ҳаққгарои ӯро ва ба таъбири Қуръон, руҳи ҳанифи ӯро — ки гуфтем, “ҳаниф” яъне ҳаққгаро ва

“ҳанифият” яъне ҳаққгароӣ — он хислати ҳанифияти ӯро ирзо (сер) мекунад ва дигар он ки зимнан ҳуқуқашро ба даст меоварад.

## Тамсили Мавлавӣ

Пас, инсоният дар ин мактаб, ношӣ аз он ҷанбаи маънавии руҳии малакутии инсон аст, бар хилофи гароишҳои моддии инсон. Ва он гоҳ инсон дар миёни ин тазодд бояд якеро интихоб кунад.

Ва чи масали фавқулъода олие дар ин замина дар Маснавии Мавлавӣ омадааст! Ва воқеан Мавлавӣ аҷиб аст дар нишон додани ин ҷур масоили руҳӣ ва маънавӣ. Дар ҳамин заминаҳо, баъд аз он ки мегӯяд, инсон инчунин офарида шудааст: ниме аз инсон осмонӣ аст ва ниме дигар заминӣ; ниме малакутӣ аст ва ниме хокӣ ва ҳамеша ин тазодд дар кор аст ва инсон дар навасон аст: гоҳе аз ин тараф меравад, гоҳе аз он тараф, гоҳе пойин меравад ва гоҳе боло ва як танозӯъе дар даруни инсон ҳамеша вуҷуд дорад; он гоҳ масале меоварад: достони маъруфи Маҷнуни Омирӣ ва шутури тоза зоидааш.

Мегӯяд, шутури Маҷнун тоза зоида буд. Ҳайвон ҳам вақте тоза мезояд, алоқааш ба баччааш хеле бештар аст. Ин шутурро ин оқо савор шуда буд ва мехост бо он биравад ба хонаи маъшуқ (*Лайлӣ*). (Масал аст). Шутурро савор шуд ва меронд ва мерафт. Миқдоре, ки аз шаҳр берун омад, рафт дар хаёли маҳбубу маъшуқи худаш ва дар олами худаш, ғофил аз ҳайвон. Кам-кам дасташ шул (яъне нарм, муқобили муҳкам) шуд ва маҳори шутур раҳо гардид ва дигар мисли як бор шуд рӯи ин ҳайвон. Ҳайвон кам-кам эҳсос кард, касе коре ба кораш надорад, сарашро баргардонд ба тарафи хона (чун баччааш дар хона буд). Омад ва омад, як дафъа Маҷнун чашм боз кард, дид, ба ҷои ин ки бирасад ба хонаи маъшуқ, ба тавила расида. Думартиба ҳайвонро баргардонд ба он тараф. Боз миқдоре рафт. Думартиба Маҷнун фикраш рафт ба сӯи маъшуқи худаш ва аз ин ҳайвон ғофил шуд. Ҳайвон ҳам боз ба фикри маъшуқу маҳбуби худаш, ки дар тавила буд афтод ва чун дид раҳо шуда, баргашт. Чандин бор ин кор такрор шуд:

*Ҳамчу Маҷнунанду он ноқа-ш яқин*
*Мекашад он пешу ин вопас ба кин.*
*Майли Маҷнун пеши он Лайлӣ равон,*
*Майли ноқа, пас пайи курра давон.*
*Як дам ар Маҷнун зи худ ғофил будӣ,*
*Ноқа гардидиву вопас омадӣ.*

Баъд мегӯяд, ки охир Маҷнун якдафъа худашро аз рӯи ин шутур партоб кард пойин ва:

*Гуфт: эй ноқа, чу ҳар ду ошиқем,*

*Мо ду зид, пас ҳамраҳи нолоиқем.*

Ман ошиқам, ту ҳам ошиқ; ман ошиқи *Лайлӣ* ҳастам, аз он тараф бояд биравам. Ту ошиқи баччаат ҳастӣ, ба тарафи тавила бояд биравӣ. Мо дуто бо ҳамдигар намешавад ҳамсафар бошем, билохира ё бояд ман ва ё ту, яке аз ин ду. Он гоҳ натиҷа мегирад; мегӯяд:

*Ишқи мавло кай кам аз Лайло бувад,*

*Гӯй гаштан баҳри ӯ авло бувад.*

Ғараз ин аст, ки агар мо инсонро мавҷуде сад дар сад моддӣ надонем, ҳамаи мақулоти инсонӣ, ҳамаи мухтассоти инсонӣ, ҳамаи вежагиҳои инсонӣ ва ҳамаи умуре, ки инсонро аз ғайри инсон мутамойиз мекунад қобили тавҷеҳ аст, агар на, қобили тавҷеҳ нест.

Тавҷеҳоте, ки кардаанд, тавҷеҳоти моддӣ, махсусан тавҷеҳоти марксистӣ, дар воқеъ тавҷеҳ нест ва натавонистаанд тавҷеҳ кунанд.

Як тавҷеҳе дар ин замина ҳаст ва он тавҷеҳи экзистенсиалистҳост. Инҳо хостаанд, қазияро ба шакли дигар тавҷеҳ кунанд. Яъне дар айни қабул кардани моддӣ будани инсон, битавонанд сари арзишҳои инсониро ба як болине ба истилоҳ бигузоранд.

## Ишқи руҳонии марксизм ва суботи арзишҳои инсонӣ

(Яке ду суол ба мо шудааст.) Суоли аввал роҷеъ ба баҳсест, ки дар маънии фитриёт кардем: дар ҷамъ миёни ояте, ки мефармояд: .“*Шумо офарида шудед дар ҳоле, ки чизе намедонистед*” ва оятҳое, ки онҳоро оятҳои мисоқ ва фитрат меномем. Мо онҷо матлабро ба ин шакл баён кардем, ки гуфтем, назарияи файласуфони исломӣ ба ин наҳв аст, ки **инсон як силсила маълумоти фитрӣ дорад, ба маънии ин ки ин маълумот иктисобӣ нест, на ба маънии ин ки билфеъл ҳамроҳи ӯ ҳаст ва онҳоро бо худ овардааст. Бо худ биёварад ва аз аввал дошта бошад, як матлаб аст. Ва вақте ки барояш пайдо мешавад, аз роҳи касб пайдо намешавад, матлаби дигарест**. **Ин ба маънии он аст, ки ҳамин қадр, ки бар зеҳн арза мешавад, бидуни ин ки ниёзе ба далеле бошад, зеҳн онро дармеёбад**.

Дар суол инро бурдаанд ба масъалаи олами зар: оё ин суол пеш намеояд, ки пас он тааҳҳуду мисоқи илоҳӣ ва “бале” гуфтани мо дар олами зар чист? Ва агар қарор бошад

аз он тасдиқ чизе дар мо намонда бошад, чӣ гуна Худованд ба он истишҳод мекунад ва ирҷоъ медиҳад?

На, ин бо он мунофот надорад. Агар мерасидем — ки дигар нахоҳем расид — ояти зарро дуруст баён мекардем, вале инҷо мо метавонем шуморо ирҷоъ бидиҳем ба тафсири "*Алмизон*". Дар тафсири "*Алмизон*"- албатта ман тарҷумаи форсии онро надидаам, ки чӣ гуна тарҷума кардаанд, вале дар ҷилди ҳаштуми матни арабии "*Алмизон*", ки ин қисматро баҳс кардаанд — бисёр олӣ ва хуб баҳс кардаанд. Дар баҳси имрӯз, мо мерасем ба матолибе, ки инро бештар тавзеҳ бидиҳем.

## Таҳлиле дигар аз моҳияти ишқи руҳонӣ

Суоли дуввум ин аст: чӣ тавр метавон ҳар навъ ишқи руҳониро, ҳарчанд маъшуқ инсони оддӣ бошад, ҳамон ишқи ҳақиқӣ ба зоти Борӣ Таъоло ва мунбаъис (бархоста) аз он донист?

Дар он назарияе, ки мо нақл кардем, арз кардем, ки аввалан, инҳо мӯътақиданд, ки ду навъ ишқ вуҷуд дорад: ишқҳои ҷисмонӣ ва ишқҳои руҳонӣ. Яъне порае аз ишқҳо ишқҳои руҳонӣ аст, на ҳар ишқе. Ин иштибоҳ нашавад. Ба ақидаи инҳо, порае аз ишқҳои инсонҳо (ба якдигар) ҳам ишқҳои руҳонӣ аст. Ҳол чӣ гуна метавон онро ишқи ҳақиқӣ ба зоти Борӣ Таъоло донист, он бар асоси ин матлаб аст, ки **дар воқеъ инҳо мехоҳанд бигӯянд, ки дар ишқи руҳонӣ маъшуқи ҳақиқӣ ин шахс нест, балки ин шахс ба манзилаи як муҳаррике ва ба манзилаи як мазҳаре ҳаст ва ҳарчанд худи ошиқ хаёл мекунад, ки маъшуқи ҳақиқиаш ин аст, вале дар воқеъ маъшуқи ҳақиқии ӯ ин нест**.

Урафо асосан ба ишқи маҷозӣ мӯътақид нестанд; онҳо тамоми ишқҳоро ҳақиқӣ медонанд ва мегӯянд, **як ҷамол бештар вуҷуд надорад, ки ҷамоли Ҳақ аст ва ҳамаи ҷамолҳои дигар партаве ва ойинае аз он ҷамол ҳастанд**. Ҳар ҷамоле дар ҳар ҳадде, ки ҷамол аст, он андозае (ҷамол) аст, ки партаве аз онро ироа медиҳад ва фитрати инсон камолу ҷамолро, ки ҷустуҷӯ мекунад, камоли маҳдуд ва ҷамоли маҳдудро намехоҳад; камоли мутлақ ва ҷамоли мутлақро мехоҳад. Яъне хостаи фитрии инсон он аст, вале аз боби иштибоҳ дар мисдоқ, суроғи ин ҷамолҳои маҳдуд — ки инҳо ба ҳамон андоза, ки мазҳар ҳастанд, маъшуқ воқеъ мешаванд — меравад ва ба ҳамин далел, баъд аз расидан, аз ӯ сархӯрдагӣ пайдо мекунад ва дунболи маҳбуби дигар меравад, дар шуъури нохудогоҳи худ ҳисс мекунад, ки ин, он чизе, ки ӯ мехоҳад нест.

Масъалае барои инсон матраҳ аст. Ва он ин аст, ки чаро инсон чизҳоеро, ки надорад ин қадр толиб аст ва вақте, ки онҳоро воҷид шуд (ёфт), дигар он ҳарораташ ва он талабаш аз байн меравад ва ба истилоҳ, ҳолати дилзадагӣ барояш пайдо мешавад? Ин худаш як масъалаест, ки чаро инсон чизеро, ки надорад, ин қадр мехоҳад ва орзу мекунад? Ҳамонро, ки ин қадр мехоҳад ва орзу мекунад, баъд, ки ба он мерасад, тадриҷан нисбат ба он ҳолати дилзадагӣ пайдо мекунад ва ба истилоҳ мегӯянд, инсон толиби танаввӯъу тафаннун аст. Чаро толиби танаввӯъ аст? Қоида иқтизо мекунад, ки чизеро, ки муқтазои табиат аст ва мехоҳад, чун мехоҳад, ба он ором бигирад. Чаро баъд мехоҳад аз он бигузарад ва толиби танаввӯъ аст, боз мехоҳад ба чизе дигар бирасад, ин маъшуқро раҳо кунад, маъшуқи дигар, он маъшуқро раҳо кунад, маъшуқи дигар, то он ҷо, ки ин масал пайдо шудааст, ки "*Инсон ҳамеша толиби он чизест, ки надорад*". Ва рост ҳам ҳаст. Инсон толиби чизест, ки надорад, ба маънии ин ки толиби чизест, ки надорад ва безор аз чизест, ки дорад. Чаро ин ҷур аст? Баъзе хаёл кардаанд, ки ин лозимаи зот ва фитрати инсон аст. Чаро лозимаи зот ва фитрати инсон бошад? Саргардонӣ, ки наметавонад лозимаи зоти инсон бошад. Бигӯем, лозимаи зоти инсон ин аст, ки ҳамеша саргардон бошад ва доиман матлуб иваз кунад.

Таҳлили саҳеҳи ин матлаб ҳамин ҳарфест, ки гуфтаанд, **инсон агар ба он чизе, ки матлуби ҳақиқӣ ва воқеии ӯст бирасад, ором мегирад**. Инсон дар воқеъ ва дар умқи зоти худаш саргардон нест. Ин саргардониҳо ношӣ аз ин аст, ки он ҳақиқатро ба сурати мубҳам мехоҳад ва барои расидан ба ӯ талош мекунад. Ба як чизе мерасад, хаёл мекунад ин ҳамон аст, вале як муддате, ки аз наздик ӯро бӯ мекунад, табиат ва фитраташ ӯро рад мекунад. Меравад суроғи чизи дигар. Ва ҳамин тавр.

Ин аст, ки агар ба он матлуби ҳақиқӣ бирасад; ба саодати ҳақиқӣ — ки саодати ҳақиқиаш қаҳран оромиш ба ҳамон маънои фавқи ҳама чиз аст — ба оромиши ҳақиқӣ мерасад. Ин аст, ки Қуръон мефармояд:

**الَّذِينَ آمَنُوا وَتَطْمَئِنُّ قُلُوبُهُمْ بِذِكْرِ اللَّهِ**

(*"Онҳо касоне ҳастанд, ки имон овардаанд ва дилҳояшон ба ёди Худо мутмаин (ва ором) аст…"*)

Ва баъд мефармояд:

**أَلَا بِذِكْرِ اللَّهِ تَطْمَئِنُّ الْقُلُوبُ**

(*"Огоҳ бошед, бо ёди Худо дилҳо оромиш меёбад!"* (Сураи Раъд, ояти 28)

“Ало” ҳарфи танбеҳ аст ва дар мақоми таъкид ва танбеҳ гуфта мешавад. (Яъне таваҷҷӯҳ кунед! Огоҳ бошед!)

“بِذِكْرِ اللَّهِ” ҷору маҷрур аст мутаъаллиқ ба “تَطْمَئِنُّ الْقُلُوبُ”, ки бар он муқаддам шуда. Ва вақте, ки ҷору маҷрур бар феъл муқаддам мешавад, аломати ҳаср аст, яъне ҳар мутаъаллақи феъле, ки бар феъл муқаддам бишавад, аломати ҳаср аст, яъне мафҳуми “танҳо” дорад. أَلَا بِذِكْرِ اللَّهِ تَطْمَئِنُّ الْقُلُوبُ яъне танҳо бо ёди Худо дилҳо ором мегирад. Яъне расидан ба ҳеч матлубе ба инсон оромиши ҳақиқӣ намедиҳад, як оромиши муваққат медиҳад. То вақте, ки хаёл мекунад ба матлуби ҳақиқӣ расидааст, вале як муддате, ки фитраташ ӯро аз наздик бӯ кард ва ӯро шинохт ва дуруст дарк кард, як навъ адами синхият (ҳамоҳангӣ) миёни худ ва ӯ дарк мекунад ва ҳолати безорӣ дар ӯ пайдо мешавад. Танҳо ҳақиқате, ки агар ба ӯ бирасад, дигар маҳол аст нисбат ба ӯ безорӣ пайдо кунад, Худованди Мутаъол аст. Ва ин, замоне аст, ки қалби инсон ба “ҳақиқат”, ба “ӯ”, ба “тавҳид” расида бошад.

Ин аст, ки иддае мегӯянд, биҳишт бояд бадтарин ҷоҳои олами ҳастӣ бошад, зеро биҳишт як вазъи якнавохт дорад. Ва ба илова, дар биҳишт ҳама чизро инсон дорад ва вақте ҳама чиз дошта бошад, мисли ин аст, ки ҳеч чиз надошта бошад. Инсон вақте надошта бошад, баъд талош кунад ва ба даст биёварад, он вақт барояш лаззат дорад, вагарна агар дошта бошад, мисли як баччаи сарватмандон мешавад, ки аз ҳамон лаҳзаи аввале, ки чашм ба дунё боз мекунад, мӯҷиботи хушӣ барояш фароҳам аст; ҳеч чиз барояш тозагӣ надорад. Ва чун ҳеч чиз барояш тозагӣ надорад, лаззат барояш мафҳум надорад. Барои он баччаи фақир, ки пойи бараҳна дар кӯча ҳаракат карда, як ҷуфт кафш хеле лаззат дорад. Вале он ки аслан барояш побараҳнагӣ мафҳум надошта ва дарди побараҳнагиро эҳсос накардааст, лаззати кафш доштанро ҳам ҳаргиз эҳсос намекунад.

Ин аст, ки Русу (*Jean-Jacques Rousseau = Жан-Жак Руссо*) дар китоби “*Эмил*” мегӯяд, касоне, ки баччаҳои худро ғарқ дар неъматҳо бузург мекунанд, онҳоро ба шакле бузург мекунанд, ки нисбат ба лаззат ҳеч ҳассосият надоранд, яъне аз мӯҷиботи лаззат воқеан лаззат намебаранд, вале нисбат ба дардҳо хеле ҳассосият доранд, яъне кучактарин дард падарашонро дармеоварад. Баръакс, баччаҳое, ки аз аввал дар миёни ранҷҳо ва сахтиҳо бузург шудаанд, нисбат ба дард ҳассосият надоранд, чун одат кардаанд, яъне таҳаммули сахтиҳо барояшон осон аст, балки сахтиро аслан ҳисс намекунанд ва дар муқобил, кучактарин мӯҷиботи лаззат ҳадди аксари лаззатро барояшон эҷод мекунад.

Инҳо мегӯянд, пас биҳишт ҳам қоидатан бояд аз ҳама ҷои олами ҳастӣ хастакунандатар ва белаззаттар бошад, зеро ҳамаи мӯҷиботи лаззат дар онҷо фароҳам аст ва балки онҷо мешавад як "зиндон" ва бадтарини зиндонҳо.

Қуръон дар як ҷо гӯӣ дорад ба ин нукта ҷавоб медиҳад; мефармояд:

لَا يَبْغُونَ عَنْهَا حِوَلًا

(*"Ва ҳаргиз тақозои нақли макон аз онҷо намекунанд."* (*Сураи Каҳф, ояти 108*)) Дар боби биҳишт ва неъматҳои биҳишт аст. Яъне аҳли биҳишт толиби таҳаввул нестанд, яъне биҳишт барояшон хастагиовар нест. Чаро? Зеро агар биҳишт мисли як боғе мебуд дар дунё мунтаҳо як боғи ҷовид, яъне ҳама чизаш дунё мебуд ва инсон дар инсонияти худаш ҳамон кайфияти дунёии худашро медошт, қатъан чунин чизе буд. Яъне агар биҳиштро дар дунё барои башаре, ки дар дунёст бисозанд ва ба фарзи маҳол ҷовидонагӣ ҳам ба он бидиҳанд, ҳамин эрод ворид аст.

Вале масъала ин аст, ки биҳишт барои биҳиштӣ ба унвони инъоме аз неъматҳои илоҳӣ аст. Яъне ҳатто биҳишти ҷисмонӣ ва лаззоти ҷисмонӣ ҳам барои ӯ унвони кароматии илоҳиро дорад, бад-ин маънӣ, ки як мавҷуд то дар ҳадде аз ирфону маърифат набошад, биҳишт барои ӯ наметавонад маънӣ пайдо кунад. Барои як нафар биҳиштӣ, он асоси лаззатҳо ин аст, ки алъон меҳмони холиқи худаш ҳаст, бар сари суфраи холиқи худаш нишастааст. Яъне бо он ҳақиқат пайванд хӯрдааст, ки вақте ба он ҳақиқат пайванд хӯрд, дигар масъалаи хастагӣ ва танаввӯъ ва таҳаввул ва аз сари кӯи ӯ рафтан ба ҷои дигар, маънӣ надорад. Ба иборати дигар, ҳар чизе ғайр аз Худо ва ё он чи, ки унвони кароматии илоҳӣ ва лутфи илоҳӣ ва инояти илоҳӣ ва суфраи илоҳӣ дошта бошад, он чи ки ғайр аз Худост, барои инсон наметавонад матлуби ҷовидона бошад ва танҳо Худост, ки барои инсон матлуби ҷовидона аст.

Имкони ин ки дар биҳишт инсон ҳолати дилзадагӣ, серӣ ва танаввӯъхоҳӣ ва ин ки "аз инҷо биравам ҷои дигар" пайдо кунад вуҷуд надорад. Дар онҷо "ҷои дигар" маънӣ надорад. "Ҷои дигар" дар ин умури маҳдуд фарз мешавад ва аслан бигӯед, "ҷои дигар" барояш тасаввур надорад.

Аз ҷое ба ҷое афтодем. Масъалаи ишқи руҳониро доштем мегуфтем, матлаб ба инҷо кашида шуд.

## Ишқ аз назари урафо

Ғаразам ин ҷиҳат аст, ки урафо муддаӣ ҳастанд, ки ҳамаи ишқҳо ҳақиқӣ аст:

*Ишқ ҳақиқист, маҷозӣ магир,*

*Ин думи шер аст, ба бозӣ магир.*

Инҳо фалосифаро, ки ишқро ду навъ медонанд рад мекунанд; муддаӣ ҳастанд, ки дар маъшуқҳои маҷозӣ ҳам, ошиқ дар айни ҳол, ки худаш намедонад, маъшуқро ба эътибории ин ки партаве аз ӯ ҳаст дӯст дорад. Ба ақидаи онҳо, аслан маҳол аст, ки инсон ғайри Худоро дӯст дошта бошад. Муҳйиддин мегӯяд:

ما احبّ احد غير خالقه

(*"Ҳеч кас ҷуз холиқаш касеро дӯст надорад."*) Ба хотири ҳамин ҳарфҳост, ки иддае аз фуқаҳо ба ӯ ҳамла кардаанд. Мегӯяд: аҳаде то кунун ғайр аз холиқи худашро дӯст надошта.

لكن احتجب عنه تعالى تحت زينب وسعاد وهند

(*"Вале ӯ Таъоло зери Зайнабу Суъоду Ҳинд пинҳон гашта."*) Ӯ дар зери номҳои маъшуқҳои маҷозӣ пинҳон аст; маъшуқи ҳақиқӣ худи ӯст. Дар ин замина Мавлавӣ шеърҳое дорад; мегӯяд:

*Ҷуръае баррехтӣ з-он хуфя ҷом*

*Бар замини хок, "мин каъсилкиром".*

Дар мақоми тамсил зикр мекунад. Мехоҳад бигӯяд, ки ҷуръае аз ишқи илоҳӣ бар рӯи хок рехта. Ва агар инсон мавҷуде хокиро дӯст медорад, ба эътибории он ҷуръаест, ки рӯи хок рехта шудааст.

*Ҳаст бар зулфу рух аз ҷуръаш нишон,*

*Хокро[1] шоҳон[2] ҳамелесанд аз он.*

Ин ориф мегӯяд, агар ҳама хокро ончунон дар оғӯш мегиранд ва мелесанд, ба эътибори ин аст, ки аз он ҷуръа чизе дар он ҳаст. Баъд мегӯяд:

*Ҷуръа хокомез чун маҷнун кунад,*

*Мар туро то софи ӯ худ чун кунад?*

---

[1]) *Мехоҳад бигӯяд, "ин инсон, ки ин баданаш як хок бештар нест".*

2) *Мақсудаш аз шоҳон "дар ҳадди аъло" ва онҳоест, ки нозашон бештар мечарбад.*

Мегӯяд, ин маъшуқи маҷозӣ ба эътибори ин ки як зарра аз он ҷуръа дар он рехта шуда, шуморо ин тавр карда. Ин агар соф бишавад — яъне агар ба худи он ҳақиқат бирасӣ — дигар чӣ хоҳӣ шуд?!
Бинобар ин, мунофоте нест, ки ба зоҳир — яъне дар хаёли худи инсон — маъшуқ як инсон бошад, вале дар ҳақиқат маъшуқи ҳақиқӣ он инсон набошад, балки он зоҳире бошад, ки дар ин мазҳар ба шакле худашро зоҳир кардааст.

## Оё арзишҳои инсонӣ мутағайир аст?

Суоли севвум, ки шояд лозим бошад бештар дар бораи он баҳс кунем ин аст: як марксист дар тавҷеҳи адами таноқуз миёни дифоъ аз арзишҳои инсонӣ ва моддият (роҷеъ ба он чи, ки қаблан баҳс кардем, ки миёни фалсафаи моддӣ ва қавл ба арзишҳои инсонӣ як навъ таноқуз ҳаст), метавонад бигӯяд, ки мо инсонро як мавҷуди собит намедонем (ва қаҳран арзишҳои инсонӣ ҳам собит нест) ва ба табаъи низоми иҷтимоӣ ӯро мутакомил медонем. Аз ин рӯ, инсон дар ҳар давра арзишҳои ахлоқии мухтасс ба он давраро дорад, ки метавон ба он муттакӣ буд. Ахлоқи феодалӣ бо ахлоқи коммунистӣ фарқ мекунад. Аммо табақаи пролетариат дар як марҳилаи мушаххаси таърихӣ метавонад аз як маҷмӯаи арзишҳои ахлоқии коммунистӣ дам бизанад. Пас, таноқузе вуҷуд надорад ва қабули арзишҳои ахлоқии мутаҳаввил, қабули фитриётро зарурӣ намекунад.
Суол ва баҳси хубест, ки бояд дунболашро бигирем. Сухани аввал ин аст, ки инсон як мавҷуди мутаҳаввил аст, пас арзишҳои инсонӣ ҳам як силсила арзишҳои мутаҳаввил аст ва ба иборати дигар, чун инсон собит нест, пас арзишҳо ҳам қаҳран собит нест. Ин як матлаб.
Матлаби дигар ин аст, ки ҳол, ки (инсон ва арзишҳои инсонӣ) собит нест ва мутағайир аст, мутакомил ҳам ҳаст. Ва баъд бигӯем, милоки такомул чист? Дар ин бора ҷудогона бояд баҳс кунем. Баъд мегӯянд: аз ин рӯ инсон дар ҳар давра арзишҳои ахлоқии мухтасс ба он давраро дорад, ки метавон ба он муттакӣ буд. Ахлоқи феодалӣ бо ахлоқи коммунистӣ фарқ мекунад…
Дар инҷо рӯи ду ҷиҳат такя шудааст ва як миқдор ҳам шояд халти мабҳас шуда бошад. Яке масъалаи ин ки арзишҳои инсонӣ собит нест ва мутағайир аст. Ин ҳамон масъалаи нисбияти ахлоқ аст, яъне дар миёни арзишҳои инсонӣ он қисмат, ки марбут ба ахлоқ аст мутағайир аст. Масъалаи мутағайир будан ва нисбӣ будани ахлоқ. Оё худи ин матлаб

ҳарфи дурустест? Яъне воқеан арзишҳои инсонӣ ва аз ҷумла арзишҳои ахлоқӣ мутағайир аст?

Ҳамин чандтое, ки мо ном бурдем (яъне мақулоти панҷгонаи фитриёти эҳсосӣ) оё инҳо воқеан мутағайир ва мутаҳаввил аст? Масалан, гуфтем, ҳақиқатҷӯӣ худаш барои инсон як арзиш аст. Оё ин як арзиши мутағайир аст? Яъне дар давраҳои масалан иштироки аввалия, кишоварзӣ, бардагӣ, феодалӣ, сармоядорӣ ва коммунистӣ, ин арзиш барои инсон тағйир кардааст? Ё ин ба сурати як арзиши собит барои инсон ҳаст?

Сониян, агар арзишҳо мутағайир бошад, маънояш ин аст, ки ҳар арзише дар замони худаш дуруст аст ва дар замони дигар маҳкум аст. Масалан, ахлоқи феодалиро дар назар мегирем. Оё мо метавонем ин ахлоқро, ки "ахлоқи феодалӣ" меномем, ба далели ин ки вобаста ба давраи феодализм буда имзо ва тасҳеҳ кунем? Яъне мо бояд бибинем, дар он давра онҳо чӣ чизро ахлоқ медонистанд, ҳамонро таъйид кунем, ҳарчанд ахлоқ донистанашон масалан ба ин будааст, ки — агарчӣ афсона аст — Заҳҳок биёяд рӯзе як ҷавонро бикушад барои ин ки морҳои рӯи дӯши худро бо мағзи онҳо тағзия кунад. Ё ин ки на, як силсила усули собит дар кор аст? Кори Фиръавн дар замони худаш ҳам маҳкум аст; на ин ки кори Фиръавн чун таъаллуқ ба замони Фиръавн дорад, дар замони худаш дуруст аст, мо дар замони дигаре ҳастем ва набояд арзишҳои замони худамонро ба замони Фиръавн ва Мӯсо (алайҳис салом) таҳмил кунем. Фиръавн ба замони дигаре таъаллуқ дошта ва он чи, ки дар он замон онҳо онро ахлоқ медонистанд, ахлоқи дурустест. Оё мо метавонем чунин ҳарфе бизанем?

Солисан, дар ин баён рӯи ахлоқи табақотӣ такя шудааст. Қоидатан ҳам ҳамин ҷур бояд бошад, яъне марксизм наметавонад ба ахлоқи инсонӣ- яъне ахлоқе, ки барои кулли инсонҳо ахлоқ аст — қоил бошад. Мутобиқи ин баён масалан дар замони мо, ки намунае аз ҳамаи ин низомҳо ҳаст — намунаи феодализм, намунаи капитализм ва намунаи коммунизм — бояд бигӯем, ки воқеан ахлоқ барои коммунист як чиз аст (ахлоқи коммунистӣ) ва барои капиталист чизе дигар. Ҳарфи як капиталист ба як коммунист — ва билъакс — бояд ин бошад, ки ту наметавонӣ ахлоқи худатро ба ман таҳмил кунӣ, зеро ту дар шароити ман нестӣ ва ман дар шароити ту нестам. Агар ман дар шароити ту мебудам, ахлоқи туро мепазируфтам ва агар ту дар шароити ман мебудӣ, ахлоқи манро мепазируфтӣ, пас на ман метавонам ба ту ҳарфе бизанам ва на ту метавонӣ. На як коммунист метавонад як капиталистро аз назари ахлоқӣ маҳкум кунад ва на як

капиталист метавонад як коммунистро аз назари ахлоқӣ маҳкум кунад, зеро як ахлоқи муштараки инсонӣ ва фитрӣ, ки (бар асоси он) як коммунист битавонад як капиталистро тақбеҳ кунад ва билъакс, вуҷуд надорад ва як амри муштарак дар кор нест ва ҳар як метавонад дар посух ба дигаре бигӯяд, ахлоқи ман мутаъаллиқ ба худи ман аст ва ахлоқи ту мутаъаллиқ ба ту; ту наметавонӣ ахлоқи манро дошта бошӣ ва ман наметавонам ахлоқи туро дошта бошам.

Бинобар ин, ахлоқ на танҳо вобаста ба замонҳо мешавад, вобаста ба хусусиёти табақотӣ ҳам мешавад. Масалан, дар ин ҳама аз нуқоти дунё, ки акнун низоми феодализм ҳукумат мекунад, ахлоқи саҳеҳи онҳо ҳамон ахлоқи феодалист.

Ҳарфи мо ин аст, ки инсон аз он ҷиҳат, ки инсон аст, як силсила ахлоқиёт дорад, ки ин ахлоқиёт бар давраи бадавияти инсон он гуна содиқ аст, ки бар ин давраи тамаддуни санъатии ӯ.

## Сухани дуктур Ҳаштрӯдӣ ва нақди он

Иттифоқан, матлабе ду се шаб пеш дар рӯзнома хондам, ки хеле ҷолиб буд ва қасд доштам, ки онро як вақте бароятон бихонам. Имрӯз ҳам, ки баҳси мо ҳамин ҷур ба ин умур гузашт, акнун бароятон мехонам. Дар рӯзномаи “*Кайҳон*” мусоҳибае шуда буд бо оқои профессор Ҳаштрӯдӣ таҳти унвони “*Гуфтугӯи хабарнигори мо бо оқои Ҳаштрӯдӣ*” ва бо титри “*Инсони заминӣ ба сурати мавҷуде кайҳонӣ дармеояд*”. Ӯ гоҳе ҳарфҳои аҷибу ғарибе мезанад. Як силсила ҳарфҳо дар ин заминаҳо дорад, ки ҳамеша онҳоро такрор мекунад, ки аҳроми Мисрро инсонҳои рӯи замин насохтаанд, балки инсонҳои дигаре аз кураҳое, ки дар тамаддун пешрафтатар буданд, омаданд ва сохтанд ва имкон надорад инро инсони он рӯз сохта бошад. Ва аз ин ҳарфҳо. Ва ахиран барои худаш як “фалсафаи ахлоқ” сохта, яъне ӯ ҳам як навъ умонизм ба истилоҳ аз худаш ихтироъ кардааст. Дар он мусоҳиба, оқои Ҳаштрӯдӣ муқаддимае зикр карда ва дар он, илму тамаддуни имрӯзро маҳкум кардааст. Мегӯяд, илму тамаддун чун натиҷааш феълан ба зарари башар аст, акнун маҳкум аст. Қисматҳое аз иборатҳои ӯро бароятон мехонам; мегӯяд:

“*Ҳеч ҳукме мутлақ нест. Ҳамаи аҳком нисбӣ аст. Шояд ба шумо гуфта бошанд, ки аҳкоми риёзӣ (математикӣ) мутлақ аст. Аҳкоми риёзӣ ҳам мутлақ нест.*”

Хабарнигори “*Кайҳон*” мегӯяд:

*“Профессор Ҳаштрӯдӣ, риёзидони пири Эрон, бо ин мантиқ, ки ҳеч ҳукме мутлақ нест, ба ҷанги номеҳрубониҳо меравад ва мардумро аз тираҳо ва миллатҳои гуногун ба зери парчами меҳрварзиҳо мехонад ва ин ки ҳамаи мардум ҳамдигарро бародару хоҳар бидонанд.”*

Инҷо ман навиштаам: ин ки мегӯяд, ҳеч ҳукме мутлақ нест, худи ҳамин ҳукм, ки “*ҳеч ҳукме мутлақ нест*” ҳукмест мутлақ ё ғайри мутлақ? Як вақт мо мегӯем, ҳеч ҳукме мутлақ нест, магар ин ҳукм, ки ҳеч ҳукме мутлақ нест, ин дигар мутлақ аст. Дар ин сурат, истисно чаро? Агар биност ҳеч ҳукме мутлақ набошад, дигар далел надорад, ки ин яке истисно бишавад. Уламои мантиқ мегӯянд, баъзе аз қазоё ҳаст, ки маҳол аст ин қазоё ба наҳви умум содиқ бошад, ҳатман истисно мехӯрад, мисли ин ки касе бигӯяд: “*Ҳамаи гуфтаҳои ман дурӯғ аст*”. Ин наметавонад рост бошад, ба тавре, ки ҳамаи мисдоқҳояш рост бошад. Чун агар ҳамаи гуфтаҳои ман дурӯғ бошад, аз ҷумла ҳамин гуфтаи ман ҳам бояд дурӯғ бошад. Агар ин гуфтаи ман дурӯғ бошад, пас бояд ҳамаи гуфтаҳои ман дурӯғ набошад, вагарна намешавад ин дурӯғ бошад.

Ҳол, аз ҷумлаи ҳарфҳое, ки наметавонад содиқ бошад ин аст, ки “*ҳеч ҳукме мутлақ нест*”. Ин агар бихоҳад содиқ бошад, шомили худаш ҳам мешавад. Агар шомили худаш бишавад, пас худи ин ҳам мутлақ нест. Вақте худи ин мутлақ набошад, пас мо аҳкоми мутлақе дорем. Ва ба иборати дигар, чун ин мутлақ нест, пас бояд як силсила аҳкоми мутлақ дошта бошем. Ин яке.

Дигар ин ки мегӯяд: “*Мардумро ба меҳрварзӣ мехонад ва ин ки ҳамаи мардум ҳамдигарро бародару хоҳар бидонанд*”. Аз ин оқо бояд пурсид, ин дастуруламали ахлоқӣ, ки “*ҳамаи мардум бояд якдигарро бародару хоҳари якдигар бидонанд*”, ҳукми мутлақ аст ё ҳукми нисбӣ? Таъаллуқ ба замони хосс дорад ё дар ҳамаи замонҳо содиқ аст? Оё ин дастуруламал барои ҳамаи замонҳо — аз гузашта ва оянда ва ҳозир — хуб будааст ё фақат барои замони ҳозир аст? Ҳамчунин, оё дар ҳамаи маконҳо ва дар ҳамаи шароит барои ҳамаи мардум содиқ аст ё барои баъзе аз мардум? Баъд хабарнигор мегӯяд:

*“Устоди донишгоҳи Теҳрон, ки аз пешрафти техника ва дониш ва аз истихдомашон дар хидмати зулму одамкушӣ сахт ранҷ мебарад, мегӯяд: аҳкоми лоятағайяри қуруни вустоӣ дар қарни мо дарҳам шикаста ва эътибори худро на танҳо аз даст дода, балки аҳкоми ҷадиде ҷойи онҳоро гирифта, ки ба ҳеч ваҷҳ мутлақ нест. Ҳикмати олияи Суқрот ва ахлоқи мутаъолии Конт бо он ҳама тантана ва дабдаба ба унвони риё ва дурӯғ ва ҳисси исботи нафс ва худдӯстӣ ва ҳубби зот таъбир шудааст. Эйнштейн эътибори илмии мутлақ будани замону маконро*

*дарҳам рехт. Аз сӯи дигар, бо назарияи ҷинсии Фрейд, эътибори мабонии ахлоқӣ, ки ба сурати мавҳибати мутлақи илоҳӣ талаққӣ мешуд, аз даст рафт. Акнун, ки куллияи аҳком нисбӣ аст, набояд ба хотири ин ки фалонӣ ҳукми мавриди қабули маро намепазирад, бародаркушӣ роҳ биандозем. Ҳукме, ки мо қабул мекунем, барои мо мутлақ аст, вале ин ҳукм мумкин аст барои дигаре мутлақ набошад. Вақте аҳкоми риёзӣ мутлақ нест ва ҳама чиз нисбӣ аст, иддае чӣ гуна метавонанд бо ҳукми мутлақ бародаркушӣ ва хоҳаркушӣ кунанд ва аз техника дар ин роҳ истифода кунанд?"*

Мегӯяд, аслан ин ҷангҳо аз боқимондаҳои аҳкоми мутлақи қуруни вустост, яъне дар қуруни вусто мардум аҳкоми худашонро мутлақ медонистанд. Мақсудаш ин аст, ки масалан пайравони фалон дин, худашонро ҳаққ медонистанд; ҳаққи мутлақ ва мухолифинро ботил медонистанд; ботили мутлақ. Онҳо ҳам дар муқобил, ҳамин тавр буданд ва ин амр мунҷар ба одамкушӣ мешуд. Мо бояд ҳамин қадр бифаҳмем, ки ҳеч чиз мутлақ нест. Агар ман мегӯям, ҳарфи ман ҳаққ аст, агар ҳаққ ҳам бошад, ба таври мутлақ ҳаққ нест, ӯро ҳам агар мегӯем ботил, агар ботил ҳам бошад, ба таври мутлақ ботил нест. Ман ҳаққи нисбӣ ҳастам ва ботили нисбӣ, ӯ ҳам ҳаққи нисбӣ аст ва ботили нисбӣ. Пас, биёем бо ҳамдигар бародар бошем. Ин асоси ҳарфаш аст.

Баъд аҳкоми ахлоқиро бо масоили риёзӣ ва ғайра махлут мекунад; мегӯяд, ҳамаи он ахлоқи Суқрот, тоза имрӯз мегӯянд, дар воқеъ навъе худдӯстӣ, дурӯғ ва риёст.

Ба ин оқо бояд гуфт: шумо алъон бо ин баёни худат риёро маҳкум кардӣ, дурӯғро маҳкум кардӣ, исботи нафс ва худдӯстӣ ва ҳубби зотро ҳам маҳкум кардӣ. Албатта ин ҳарф, ҳарфи беасосе аст, ки ҳикмати Суқрот ботинаш инҳост, яъне гуфтаанд, ки ин навъе худдӯстӣ аст, ки ба сурати ахлоқ ҷилва карда. Бисёр хуб, мо қабул кардем, ки ҳикмати Суқрот навъе худдӯстӣ, худпарастӣ, ҳисси исботи нафс, тазоҳур, риё ва ғайра аст ба номи "ахлоқ" ва ахлоқи Суқротро маҳкум мекунем. Вале дар натиҷа қабул кардем, ки инҳоро ба таври мутлақ нафй кардем ва ба таври мутлақ зидди ахлоқ донистем. Оё риё як зидди ахлоқ аст ба таври мутлақ ё ба таври нисбӣ? Дурӯғ зидди ахлоқ аст ба таври мутлақ ё ба таври нисбӣ? Худдӯстӣ ва худпарастӣ зидди ахлоқ аст ба таври мутлақ ё ба таври нисбӣ? Агар инҳо ба таври нисбӣ зидди ахлоқанд, пас ахлоқи Суқрот низ ҳаққи нисбӣ аст ва нафй нашуда. Шумо мехоҳед бигӯед, ҳикмати Суқрот ба куллӣ мансух аст, ба далели ин ки ботинаш инҳост, пас шумо зидди ахлоқ будани инҳоро ба таври мутлақ дар инҷо пазируфтаед.

Инсон наметавонад қоил ба ахлоқ бошад ва дар айни ҳол ахлоқро мутағайир ва нисбӣ бидонад. (Ҳарфи мо ин аст, боз ҳам дар бораш баҳс хоҳем кард.) Яъне ахлоқ лоақал аз назари усул мусовӣ аст бо субот ва итлоқ. Мо як усули ахлоқӣ дорем ва як фурӯъи ахлоқӣ. Фурӯъи ахлоқӣ ғайр аз усули ахлоқӣ аст. Усули ахлоқӣ ё ахлоқ аст ва собит ва мутлақ, ва ё ахлоқ нест ва агар мо субот ва итлоқро аз ахлоқ бигирем, ахлоқ дигар аз ҷанбаи ахлоқӣ будан хориҷ мешавад. Бале, ба шакли як силсила одоб — як силсила қоидаҳои қарордодӣ мисли ойинномаҳо — дармеояд, на он амри муқаддас ва на он амре, ки воқеан фазилат ва хайр аст…[1]

## Такомули асолатҳои инсонӣ

Аз назари мункирони асолатҳои инсонӣ ин ҳарфҳое, ки мо ба номи асолатҳои инсонӣ, шарофатҳои инсонӣ, кароматҳои инсонӣ меномем, ҳама мавҳуми маҳз аст.

Мунтаҳо, баъзе аз ин мункирҳо мегӯянд, мавҳумҳое ҳаст, ки маслиҳату манофеъи ҷомеаи башар иқтизо мекунад, ки башар ин мавҳумҳоро бипазирад, вагарна ҳақиқате надорад. Масалан, садоқат дар муқобили фиреб ва фиребкорӣ ҳеч асолате надорад. Барои инсоне, ки мехоҳад содиқ бошад ё фиребкор, ин ду ҳеч фарқе намекунад. Вале агар ҳамаи мардум бихоҳанд фиребкор бошанд, ба зиёни ҳамаи мардум аст. Барои ин ки ҳамаи мардум беҳтар ба манофеъи худашон бирасанд ва зиёни камтаре бибаранд, ночор бояд ин мавҳумотро пазируфт.

Он гоҳ файласуфоне омаданд ва ин ҳарфҳоро ба мардум талқин карданд, ки “шарофат иқтизо мекунад, ки инсон содиқ бошад ва на фиребкор”, то виҷдонҳои мардумро ба ин мавҳумот пойбанд кунанд. Инҳо мавҳумотест, ки ба ҳоли мардум муфид аст, вагарна дар воқеияти худ мавҳуми маҳз аст.

Ва гурӯҳе дигар — аз ҳамин касоне, ки инҳоро мавҳум медонанд — ҳам мавҳум медонанд ва ҳам тавсия намекунанд; тавсия ба хилофаш мекунанд, мисли фалсафаи Ниче, ки мегӯяд, ин мавҳумотро як идда вазъ кардаанд барои манофеъи худашон, агар касе битавонад бар хилоф рафтор кунад, бояд ҳам бар хилоф рафтор кунад.

---

[1]) *Бақияи суханони устоди шаҳид мутаассифона рӯи навор забт нашудааст.*

## Муқоисаи назари Ниче ва назари марксистҳо

Пас назарияи дуввум, мавҳум будани инҳост аъамм аз ин ки инҳоро як мавҳумҳои муфиде ба ҳоли башарият бидонем ё мавҳумҳое, ки ҳатто муфид ҳам нест. Дар ин замина Ниче сухане дорад дуруст акси сухани марксистҳо. Марксистҳо мегӯянд, мафоҳими ахлоқӣ — махсусан мафоҳими ахлоқии динӣ ва мазҳабӣ — ро табақоти мураффаҳ ва бархӯрдор барои таскини табақаи маҳрум ва ҷилавгирӣ аз инқилоб ва шӯриши табақаи маҳрум ба вуҷуд овардаанд. Дин вазъшуда аз ноҳияи табақоти истисморгар аст. Ниче дуруст акси ин матлабро мегӯяд.

Ӯ чун фалсафааш бар меҳвари такомули насли башар (ва камолро ҳам фақат дар қудрат медонад) ва пайдоиши инсони нерӯманд (абармард) аст, мегӯяд, аслан дин ва ахлоқ ва ин масоилро табақаи заифон, ки ба ҳукми табиат маҳкум ба фано ҳастанд, ихтироъ карданд барои ин ки ҷилави табақаи қавиҳоро бигиранд. Дар қонуни такомули табиат, заиф асосан маҳкум аст ва бояд ҳам аз байн биравад — гуноҳе аз худи заъф болотар нест — ва қавӣ бояд боқӣ бимонад барои ин ки насли қавитар, аз ӯ ба вуҷуд биёяд. Ва табиат дар қавиҳо ба камол мерасад, на дар заифон. Заифон мавҷудоте ҳазфшуданӣ ҳастанд, бояд ҳам ҳазф бишаванд ва тақвияти заиф бисёр кори ғалате аст. Ин мафоҳими дин, мазҳаб, инсоф, адолат, нафскушӣ, исор, аз худгузаштагӣ ва ғайраро заифон ихтироъ карданд; чун диданд, бо зӯр аз ӯҳдаи қавиҳо барнамеоянд; омаданд ин маъонӣ ва мафоҳимро вазъ карданд ва ба ин васила ҷилави пешрафти қавиҳоро гирифтанд.

Дар мантиқи ӯ (Ниче) дин сохтаи дасти заифон аст барои ҷилавгирии қавиҳо, ки ҳамеша ҳақ ҳам аз они қавӣ аст:

الحكم لمن غلب

Ҳақ аз они ҳамонест, ки дар ин танозӯи табиӣ пирӯз шудааст. Ва ба ҳамин хотир, тамоми маъонӣ ва мафоҳими динӣ ва мазҳабӣ ва ахлоқиро ба куллӣ нафй мекунад ва мегӯяд, инҳо монеъи такомул ҳастанд. Ин ҳам назари дуввум.

Вале назариёти дигаре ҳаст, ки асолати инсониятро қабул мекунад (яъне мавҳум намедонад), воқеан барои инсоният воқеияте қоил аст, аммо инҳоро фитрӣ ҳам намедонад.

Инҳо ду дастаанд: як даста ҳамон касоне ҳастанд, ки мехоҳанд инҳоро, ҳам қабул кунанд ва ҳам фитрӣ буданашонро инкор кунанд. Ҳамон масъалаеро, ки дар яке аз суолоти гузашта матраҳ шуда буд тарҳ карданд; гуфтанд, дар ин ҷаҳон ҳақиқати собите вуҷуд

надорад, ҳеч амри собите нест. Чӣ чиз дар дунё суботе дорад, ки инсоният суботе дошта бошад?! Инсоният — ба ҳамон маънии асолатҳои инсонӣ — низ як ҳақиқати мутағайир аст; тобеъе шароити хосси замон аст. Дар ҳар замоне ва дар ҳар шароити замонӣ асолатҳои инсонӣ ва асолатҳои ахлоқӣ ба таносуби он замон ва шароити он замон як чиз аст, ки дар он замон воқеан ахлоқ ҳамон аст ва он, муқаддас ва инсоният аст. Вале вақте, ки шароити замонӣ тағйир мекунад, онҳо ҳам тағйир мекунанд; ҷояшонро ба чизи дигар медиҳанд, ки он замон инсоният онҳост. Пас, ин асолатҳо собит нестанд ва мутағайиранд. Ва ба илова — ҳамон тавр, ки қаблан арз кардем – мегӯянд, мутлақ нестанд, нисбианд. Гузашта аз ин ки тибқи замон мутағайир ҳастанд, дар замони воҳид ҳам дар муҳитҳои мухталиф ва дар шароити мухталиф, мухталиф мешаванд. Масалан, вазъи табақотӣ қаҳран ахлоқро мухталиф ва мутаъаддид мекунад. Ҳар инсоне дар ҳар шароите аз шароити иҷтимоӣ ҳаст, барои ӯ ахлоқ як чиз аст ғайр аз он чизе, ки дар шароити дигаре барои афроди дигар ахлоқ аст. Роҷеъ ба ин матлаб, мо дар ҷаласаи гузашта баҳс кардем; чандон лузуме ба такрор нест, фақат амреро изофа мекунам.

## Мафҳуми такомули асолатҳои инсонӣ

Ин фарзия ҳамон тавр, ки гуфтам, бар асоси ин аст, ки ҳеч амри собите дар ҷаҳон нест ва ҳама чиз мутағайир аст, вале танҳо бар асоси тағйир нест, бар асоси тағйиру такомул аст. Мо ҳамин ҷо мехоҳем ин матлабро миқдоре бишкофем, ки агар гуфтем, асолатҳои инсонӣ мутакомиланд, маънии “мутакомил будан” чӣ метавонад бошад, ки бо мутлақи тағйир фарқ бикунад.

Ҳар тағйиреро мо наметавонем такомул бидонем, чун таназзул ҳам тағйир аст. Як инсон дар инсонияти худаш мумкин аст комилтар бишавад ва мумкин аст тағйираш дар ҷиҳати акс бошад; ҳамон, ки мо мегӯем, “фасоди ахлоқ”. Аслан, оё “фасоди ахлоқ” маънӣ дорад — ҳарчанд дар замони воҳид — ё маънӣ надорад? Ночор маънӣ дорад. Намешавад, ки маънӣ надошта бошад ва бигӯем, ҳар вазъе, ки буд, вазъи дигаре, ки ба ҷояш омад, ин такомул аст. Бадеҳӣ аст, ки чунин нест. Такомул яъне гом бардоштан дар масири камол. Яъне шайъи мутакомил, ки манзил иваз мекунад ва мароҳилро марҳила ба марҳила пушти сар мегузорад, гузашта аз адами субот ва дар як ҷо мутаваққиф набудан, як амри дигар ҳам дар он ҳаст. Ва он ин аст, ки ин тағйир дар масири камол сурат гирифтааст, бад-ин маънӣ, ки мабдаеро дар назар гирифтаем, баъд мегӯем, дар

он мутакомил шудааст, яъне дар марҳилаи баъд ҳамонро дар марҳилаи олитар ва ба миқдори бештар дорад.

Пас агар масир, масири камол набошад, он тағйири марҳила ва он тағйир ва ҷо ба ҷо шудан, такомул нест. Агар масир бихоҳад масири камол бошад, бояд як амреро мо дар назар бигирем, баъд бигӯем, он амрро, ки ин шайъ дар ибтидо доштааст — ки мо онро камол талаққӣ кардаем — дар марҳилаи баъд ҳамонро ба шакли афзунтаре дорад.

Масалан, такомул дар илм ва такомул дар санъатро дар назар мегирем. Ҷомеае дар марҳилае аз илм ва доноӣ ва иттилоъ ва кашфи асрори табиат ва дар марҳилае аз санъат ҳаст, дар марҳилаи дигар тағйир мекунад. Ҳол, оё ҳар тағйиреро метавонем бигӯем "такомул"? Агар дар давраи баъд, ин мардум ҷоҳилтар ва нодонтар шуданд, қудрати фаннӣ ва санъатиашон заифтар шуд, боз метавонем бигӯем, такомул пайдо кардаанд, чун бо гузашта фарқ кардаанд? Масалан, омори босаводҳо собиқан бештар буд, ҳоло камтар шудааст. Сатҳи савод ва маълумот қаблан бештар буд, ҳоло камтар шудааст. Оё метавонем бигӯем, чун акнун дар он марҳила нестанд, пас такомул аст?

На, он вақте мо мегӯем такомул аст, ки дар давраи баъд, он ҷомеа аз назари каммият ё кайфият ва ё аз ҳар ду назар, дар сатҳи болотар қарор гирифта бошад. Яъне агар дар давраи қабл масалан омори босаводҳо 50% буд, акнун аз назари каммият, шуда 60%. Ва агар болотарин сатҳи дониш ва маълумот ва ҳадди аксари савод доштан ин буд, ки мадраки лисонс дошта бошанд, акнун марохили тахассусиро тай кардаанд. Санъат ҳам ҳамин тавр аст, яъне дар он чи, ки доштаанд, ҳамонро доранд бо чизи изофа ва ба иборати дигар, онро дар сатҳи болотар доранд.

Ин аст, ки **дар "такомул" мо бояд як "мабдаи камол"-е дар назар бигирем ва баъд масире аз ҳамон мабдаъ дар назар бигирем, ки шайъ дар ҳамон масир дар марҳилаи баъд дар сатҳи болотар қарор гирифтааст. Инро мегӯем "такомул"**.

## Анвоъи такомули ҷомеаи башарӣ:

### 1) Такомул дар робитаи инсон бо табиат:

Меоем суроғи такомули ҷомеаи башарӣ. Такомули ҷомеаи башарӣ чанд гуна аст. Як вақт мо мегӯем, ҷомеаи башарӣ мутакомил аст бад-ин маънӣ, ки дар масоили фаннӣ яъне дар робитаи инсон бо табиат пешрафт доштааст. Инсон бо табиат робита дорад; дар ҳоли ҷангу ҷидол аст ва мехоҳад бар табиат тасаллут пайдо кунад, қоҳир бишавад

ва табиатро истихдом кунад. Такомул дар ин амр, хеле хуб маънӣ дорад ва бидуни шак ҷомеаи башарӣ дар робитааш бо табиат такомул пайдо карда. Яъне агар мо дар маҷмӯи замонҳо дар назар бигирем, он чи, ки техника ё санъат ё тасарруф дар табиат ва ё тасаллут бар табиат номида мешавад, рӯз ба рӯз пешрафт намуда ва афзоиш пайдо кардааст.

## 2) Такомул дар равобити сохтмонии иҷтимоъ:

Масъалаи дигар, такомул дар равобити инсонҳо бо якдигар аст, вале мақсуд равобити сохтмонии иҷтимоъ аст. Яъне чӣ? Яъне ҷомеа аз назари ташкилот, ҳукми як мавҷуди зиндаро дорад, ки ҳар чи соддатар ва баситтар аст, аз организми камтаре бархӯрдор аст, ҳолати ваҳдат ва соддагии бештаре дорад. Ва ҳар чи ки такомул пайдо мекунад, аз назари аъзо ва аҷзо ва органҳо печидатар мешавад, тақсими кор бештар мешавад ва густариши ин печидагӣ бештар мегардад.

Аз ин назар ҳам бидуни шак ҷомеаи башарӣ такомул пайдо карда. Ба унвони мисол, ҷомеаи имрӯзи Эрон ва ҷомеаи 50 сол пеши Эронро дар назар мегирем. Шуғлҳоро дар назар бигиред, риштаҳои илмиро дар назар бигиред, мансабҳои идориро дар назар бигиред. Собиқан ин ҷомеа мисли як ҳайвони кучаки ибтидоӣ буд бо аъзое бисёр кам. Мебинед рӯз ба рӯз бар аъзои он афзуда мешавад. Масалан, аз назари касб, яъне коре, ки василаи мубодила аст — онҳое, ки абзорҳоро дар ихтиёри афрод мегузоранд — собиқан агар касе анвоъи шуғлҳоро дар ҳамин Теҳрон дар назар мегирифт, шояд дар дех шуғл хулоса мешуд, яъне вазъи ҷомеа беш аз ин иқтизо намекард. Дар деҳот, ки мерафтед, як мағоза медидед, ки он мағоза дар они воҳид ҳам атторӣ аст, ҳам баққолӣ, ҳам қассобӣ ва ҳам лавозимуттахрирфурӯшӣ, ҳар чӣ мехоҳед онҷо ҳаст. Вале ҳар чи ки ҷомеа густариш пайдо мекунад, ин шуғлҳо танаввӯъ пайдо мекунад. Ва акнун шумо мебинед, ки дар асари пешрафти санъат, шуғлҳое ихтироъ шудааст, ки дар қадим набуд, чун мавзӯаш мунтафӣ буд, мисли наворфурӯшӣ, ки касе шуғлаш ин бошад, ки наворҳои забтшударо бифурӯшад. Тоза дар миёни наворҳои забтшуда як бахши он наворҳо мазҳабӣ аст. Шумо мебинед, мағозае ба вуҷуд омада, ки кораш ин аст, ки фақат навори мазҳабӣ мефурӯшад.

Дар корҳои идорӣ низ ҳамин тавр аст. Масалан, вазоратхонаҳоро дар назар мегирем. (Ҳол мумкин аст як миқдор ҳам маснуӣ ва тасаннӯӣ бошад, вале як миқдор ҳам воқеан зарурати сохти иҷтимоъ иқтизо мекунад). Агар дар замони Носируддиншоҳ яке ду то

вазир бештар набуданд ва инҳо корҳоро идора мекарданд, акнун агар бихоҳад корҳои вазоратхонаҳо идора шавад, як кори масалан обу барқ баробар бо тамоми корҳои давраи Носируддиншоҳ аст. Аз ин назар ҳам ҷомеаи башарӣ мутакомил шудааст.

Аз назари печидагии иҷтимоъҳо (ва ин ҳам марбут ба Эрон нест, ҳамаи дунё ин ҷур аст) яъне зиёд шудани кору шуғл ва баъд тақсими кору шуғл ва афзоиши тахассусҳо, ки натиҷааш хориҷ шудани афроди иҷтимоъ аз ташобуҳ аст. Ва ин аз назари ҷомеашиносӣ асари зиёде дорад, чун инсон шабеҳи кораш аст ва кораш шабеҳи инсон ва кор инсонро месозад. Дар он давраҳое, ки корҳо чанд қалам бештар набуд, инсонҳо бо якдигар шабеҳтар буданд, то имрӯз, ки корҳо ин қадр танаввӯъ пайдо карда ва байни анвоъи корҳо аз замин то осмон мубойинат ҳаст. Қаҳран байни инсоне, ки дар умраш доиман сару кораш бо фалон кор аст ва инсоне, ки сару кораш бо фалон кори дигар аст, ниҳояти табоюн ҳаст ва аслан ду руҳанд ва ин мушкили бузурге аст, ки хоҳ нохоҳ ба вуҷуд омадааст.

Бинобар ин, дар ин ҷиҳат ҳам такомул маънӣ дорад. Яъне он давраи аввалро мегӯем, ки афроди инсонҳо, ҳолати як мавҷуди зиндаро ба худ мегиранд, яъне як маҷмӯаи тақсимшудае ҳастанд, ки маҷмӯашон барои як ҳадафи воҳид кор мекунанд. Дар ҳамин ҷиҳат, ҷомеаи башарӣ давра ба давра камолёфтатар шудааст, яъне он чи дошта, дар давраи баъд дорад бо изофа. Ва он чи дар давраи баъд дорад, дар давраи дигар ҳамонро дорад бо изофа. Яъне дар давраҳои баъд ҳамонҳоро дар сатҳи болотар дорад.

Ин аст, ки "такомул", мутлақи тағйир нест. Такомул меъёр мехоҳад. Яъне он чиро, ки шайъ дар марҳилаи қабл доштааст — ки онро ҳам мо навъе камол талаққӣ мекунем — дар марҳилаи баъд ба наҳви бештар ва комилтар ва афзунтар дошта бошад. Ба иборати дигар, дар такомул як мадори хосс ва як масири хосс бо ин шароит бояд вуҷуд дошта бошад.

### 3) Такомул дар инсоният:

Агар мо усули арзишҳои инсониро фитрӣ ва собит бидонем, он вакт аст, ки "такомул" маънӣ пайдо мекунад. Масалан, гуфтем масъалаи ҳақиқатҷӯӣ яке аз арзишҳои инсон аст. Агар дар ҳамин масъалаи ҳақиқатҷӯӣ ва ҳақиқатпӯӣ ва ҳақиқатхоҳӣ башари аввалия ҳам ҳақиқатҷӯ ва ҳақиқатхоҳ буда ва дар давраи баъд дар ҳақиқатхоҳӣ пешрафт карда, яъне ҳақиқатхоҳтар ва ҳақиқатҷӯтар шуда ва бештар аз гузашта вобаста ба ҳақиқат шудааст, пас такомул пайдо кардааст.

Ҳамин тавр аст зебоидӯстӣ. Агар ҷамол ва зебоӣ — ва ба иборати дигар, зебоидӯстӣ — худаш як меъёр аст ва мафҳуми муайяне дорад, такомул дар ин замина метавонад маънӣ дошта бошад. Башари аввалия зебоидӯст буд, башари имрӯз ҳам зебоидӯст аст. Он чиро, ки башари аввалия дӯст медошт, башари имрӯз ҳамонро дар сатҳи болотар дӯст дорад. Ва ҳамин тавр аст ҳунар, ки зебоиофаринӣ аст, яъне дар он мақулае, ки башари аввалия зебоиро меофарид, башари имрӯз дар ҳамон мақула пешрафт карда. Чун ҳамон ҳаст, пешрафт маънӣ дорад. Ҳамин тавр хайру фазилати ахлоқӣ ва низ ишқу парастиш.

Аммо агар аз ибтидо "такомул"-ро сирфи тағйир бидонем, ки ҳатто ваҳдати масир ҳам барояш қоил набошем, яъне барояш меъёр ҳам қоил набошем, бигӯем масалан башари гузашта дар давраҳои собиқ ҳақиқатҷӯиро барои худ арзиш медонист, милоки инсоният ҳақиқатҷӯӣ буд, вале имрӯз ин меъёр тағйир карда, дигар ҳақиқатҷӯӣ нест ва як чизи дигар аст, дар ин сурат, чӣ гуна исми инро "такомул" мегузоред?

**"Меъёрҳои собит" ғайр аз ин аст, ки инсон собит аст. Ин дуро бо ҳам иштибоҳ мекунанд. Инҳо хаёл мекунанд, агар меъёрҳои инсониятро — ки ҳамон мадори инсоният ва масири инсоният аст — собит донистем, пас мо инсонро собит донистаем**. Ин мисли он аст, ки агар мо бигӯем, ки мадори замин ба даври хуршед як мадори собит ва муайяне аст — яъне замин дар ҳаракати худаш ба даври хуршед рӯи як мадори байзишакл ҳаракат мекунад ва фосилааш аз хуршед аз фалон миқдор камтар ва аз фалон миқдор бештар намешавад; дар баҳор фосила ин қадр аст, дар поиз (тирамоҳ) ин қадр, дар зимистон ин қадр ва дар тобистон ин қадр — дигаре бигӯяд, пас шумо заминро собит медонед? (Ҷавоб ин аст, ки) на, замин мутаҳаррик аст, вале мутаҳаррик аст дар ин мадори собит… Замин ду тавр метавонад мутаҳаррик бошад: яке ин ки дар мадори муайян ҳаракат кунад – ҳол, мехоҳад он мадор хатти мустақим бошад ё хатти мунҳанӣ, байзӣ бошад ё доира, ҳар чӣ мехоҳад бошад — ва дигар ин ки як ҳаракатҳои музтарибонае дошта бошад; гоҳе ба ин тараф бипечад, гоҳе ба он тараф, гоҳе аз он тараф биравад, гоҳе баргардад ба он ҷое, ки аз онҷо омада, боз ҳам ҳамеша ҳаракат карда. Албатта дар ҳаракатҳои маконӣ ба як иллати хосс такомул фарз намешавад.

**Пас, ин ки ҳаракат мадораш собит бошад, масираш мушаххас бошад, ғайр аз ин аст, ки мутаҳаррик мутаҳаррик набошад ва собит бошад**. Мисли ин аст, ки агар барои Аполлон (*Apollo*) як масир муайян кардаанд; аз инҷо то кураи моҳ ва ин масир,

ки қаблан муайян шуда, рӯи сафҳаи коғаз омадааст ва ҳатто мушаххас аст, ки масалан дар 48 соату чанд дақиқа ва чанд сонияи дигар дар кучои ин хатт қарор хоҳад гирифт ва маълум аст, ки дар кучои кураи моҳ хоҳад нишаст, бигӯем, пас Аполлон собит аст. Хайр, масираш мушаххас аст.

Масир мушаххас бошад, ғайр аз ин аст, ки худи ин шайъ сокин бошад. Сокин буданаш ин аст, ки дар як фосилаи муайян биистад; на биёяд ба тарафи замин ва на биравад ба тарафи моҳ.

## Фитрат ва такомули чомеаи башарӣ дар инсоният

Инҳое, ки мутаҳаррик будани инсонро бо мутазалзил будани меъёрҳои инсоният яке донистаанд, муртакиби ин иштибоҳ шудаанд. Ин буд, ки мо гуфтем, агар мо қоил ба фитрати инсонӣ бошем, яъне меъёрҳои инсониятро меъёрҳои собит, ки решааш фитрати инсонӣ аст бидонем, “инсоният” маънӣ ва мафҳум пайдо мекунад. На танҳо инсоният, такомули инсоният низ маънӣ ва мафҳум хоҳад дошт. Ва ба ҳамин хотир имрӯз ин тардид миёни уламо ҳаст ва дар “фалсафаи таърих” ин баҳс ба шиддат матраҳ аст, ки оё инсон дар он чи, ки ба номи “инсоният” ва “маънавият” номида мешавад, такомул пайдо карда ё накардааст?

Вил Дуронт (*Will Durant*) дар китоби “*Дарсҳои таърих*” титре, ки барои ин баҳс қарор дода ба ин сурат аст: “*Оё пешрафт воқеият дорад?*” Албатта, шак надорад, ки пешрафти инсон дар санъат воқеият дорад, вале оё пешрафти инсон дар инсоният воқеият дорад? Пас, ин масъала акнун матраҳ аст, ки **бидуни шак башар аз назари фанн ва техника ва робитааш бо табиат такомул пайдо карда ва бидуни шак башар аз назари низомҳои сохтмони чомеа такомул пайдо карда, вале он чи, ки мавриди тардид аст, такомул дар инсоният аст**. Ҳатто гуфтанд, аслан бояд дар ин замина луғати “*progress*”[1]-ро бардошт, чун чунин чизе вучуд надорад.

Нависандаи китоби “*Таърих чист?*” худаш бо ин назар мухолиф аст; мегӯяд, на, дар чанбаҳои инсонӣ ҳам пешрафт буда, вале оҳангаш бо оҳанги такомулҳои дигар яке набуда, бо онҳо ҳамоҳанг набуда ва хеле кунд будааст. Вале назариётеро дар ин замина нақл мекунад ва баъд мегӯяд, на, аслан башар дар ин чиҳат ҳеч пешрафте накардааст.

---

[1]) *Ба маънии пешрафт.*

## Марксизм ва такомули ҷомеаи башарӣ дар инсоният

Дар марксизм ночоранд, ки меъёре барои инсоният қоил набошанд ва такомулро фақат як номгузорӣ ва як амри эътиборӣ ва амри туфайлии такомули абзори тавлид бидонанд. Дар ин ки абзори тавлид такомул пайдо мекунад, шакке нест. Мегӯянд, абзори тавлид, ки такомул пайдо мекунад, дар ҳар марҳилае ахлоқеро эҷоб мекунад. Ва чун он ахлоқ эҷобшудаи марҳилаи такомулёфтаи абзори тавлид аст, пас мо мегӯем, он ахлоқ такомул пайдо карда.

Дар сурате, ки инҳо ҳеч талозуме бо ҳамдигар надоранд. Аввалан, ки мо инро ба он итлоқ қабул надорем, ки дар ҳар даврае абзори тавлид дар ҳар марҳилае аз такомул бошад, як ахлоқи хосс иқтизо дорад. Дар усули ахлоқ ин матлабро қабул надорем. Абзори тавлид дар ҳар марҳилае бошад, усули ахлоқ яке аст. Ин мисли ин аст, ки касе бигӯяд:

“*Хиёнат кардан ба моли як нафар он вақте хиёнат ва дуздӣ ва кори баде буд, ки бо шамъ мерафтанд ба дуздӣ, ё ба номуси касе таҷовуз кардан дар он замон кори баде буд, вале имрӯз бо ин барқу электроника боз ҳам шумо мегӯед, агар инсон биравад дуздӣ ё ба номуси касе хиёнат кунад, бад аст?! Авзоъ иваз шуда.*” Инҳо рабте ба ҳамдигар надорад.

Қатъи назар аз ин ҷиҳат, ин сухан асосан нафйи асолатҳои инсонӣ аст, яъне аслан асолатҳои инсонӣ ҳечу пуч аст, мо такомули абзори тавлидро такомули инсон меномем, пас худи инсоният аз он ҷиҳат, ки инсоният аст, ҳеч такомуле надорад. Абзори тавлид такомул пайдо мекунад ва — ба қавли инҳо — дар ҳар марҳилае, ки такомул пайдо мекунад, равобити хоссеро — ки ҳамаи ин равобит монанди қонун, ҳукумат, ҳунар, забой ва ахлоқ рӯбиност ва ҳама сохта ва тобеъ ва туфайлии абзори тавлид аст — эҷоб мекунад. Ва чун ин абзори тавлид онро иқтизо карда, мегӯем, такомул пайдо кардааст. Ҷуз номгузорӣ наметавонад чизи дигар бошад, вагарна як амри воқеӣ дар кор нест, ки бигӯем, чизе буда, ки камол ёфтааст, балки чизе насх шуда ва чизе ба ҷои он омадааст. Магар ҳар вақт чизе насх шуд ва чизи дигаре ба ҷои он омад, метавон гуфт “такомул”? Мумкин аст, аслан на такомул бошад, на суқут ва мумкин аст, суқут бошад. Бо чӣ меъёре метавонем бигӯем, “такомул”? Бо ҳеч меъёре; фақат чун абзори тавлид такомул пайдо карда, мегӯем, он ҳам такомул ёфта.

Ин аст, ки ин масъалаи ахлоқи мутағайир ба маънои ин ки ҳатто усули ахлоқӣ мутағайир аст, ба ҳеч ваҷҳ роҳи ҳалле барои асолатҳои инсонӣ нест.

## Экзистенсиализм ва асолатҳои инсонӣ

Ва аммо назарияи дигар, ки назарияи экзистенсиализм аст. Инҳо ҳам хостаанд, ки барои асолатҳои инсонӣ воқеан поя ва пойгоҳе бисозанд, бидуни он ки масъалаи моддӣ будани ҷаҳон ва моддӣ будани инсон даст ба таркибаш хӯрда бошад.

Аввалан, масъалаеро гуфтанд, ки ин масъаларо қабл аз инҳо дигарон ҳам гуфтаанд.[1] Аввалин масъалае, ки инҳо тарҳ карданд, ки дар инҷо роҳашон бо фалсафаи шарқӣ мутафовит мешавад ин аст, ки дар фалсафаи шарқӣ — мисли калимоти Бӯалӣ – мегӯянд, мо ду гуна “хайр” дорем:[1] хайрҳои маҳсус ва хайрҳои маъқул; чизҳое, ки инсон аз ҷанбаҳои ҳиссӣ ва моддӣ онҳоро мехоҳад. Ба иборати дигар, хостаҳои ин қисматҳои ҳастии инсон ва хостаҳои ҷанбаҳои маънавии инсон.

Онҳо калимаи “манфиат” ё “суд”-ро агар ба кор бибаранд, аҳёнан дар мавриди хайри маҳсус ба кор мебаранд ва мумкин аст ҳатто дар мавриди хайри маъқул ҳам ба кор бибаранд. Масалан, мегӯянд, илм хайр аст, вале хайри маъқул, аммо обу нон хайр аст, вале хайри маҳсус ва инсон маҷбур аст дунболи он чи, ки дар умқи виҷдони худаш онро хайр медонад биравад, билфитра дунболи хайрҳои худаш меравад. Агар бигӯем, милоки хайрият чист? Мегӯянд, милоки хайрият камол аст, яъне он марҳила аз вуҷуди инсон бо расидан ба он хайр тақвият мешавад ва такомул пайдо мекунад.

Дар фалсафаи фарангӣ чун аслан намехоҳанд ғайр аз маҳсус ба ҳақиқате ва ба воқеияте қоил бошанд, мегӯянд, воқеият ҳамон аст, ки моддӣ ва маҳсус аст, ғайри он воқеият нест. Пас қаҳран наметавонанд бигӯянд, ки инсон ду гуна хайр дорад. Онҳо, ки мегуфтанд “ду гуна хайр”, ба ду гуна воқеият мӯътақид буданд; барои инсон ду мартиба аз воқеият қоил буданд ва дар олами ҳастӣ ҳам ба ду мартиба аз воқеият[2] қоил буданд. Инсон бо воқеияти маҳсусаш ҷустуҷӯгари хайрҳои маҳсус аст ва бо воқеияти маъқулаш ҷустуҷӯгари хайрҳои маъқул. Ва дар ин ҷиҳат, ки ба ҳар ҳол ҷустуҷӯгари хайр аст, дар ҳар ду ноҳия яке аст. Агар ҷустуҷӯгари илм аст, ҷустуҷӯгари як воқеият аст, ки он “хайри

---

[1]) *Аглаби ин фалсафаҳо решае дар фалсафаи Ҳегел дорад. Ҳам марксизм ва ҳам экзистенсиализм решаҳои асосиашон дар фалсафаи Ҳегел аст ва ба ҳаққ гуфтаанд, ки Ҳегел чеҳраи фалсафаи Урупоро тағйир дод.*

[1]) *“Хайр” яъне хостае, ки аз умқи зоти инсон сарчашма мегирад.*

[2]) *Беш аз ду мартиба; мақсуд он ду мартибае аст, ки ба инсон марбут аст.*

маъқул" аст. Агар ҷустуҷӯгари пул аст, он ҳам боз воқеияте аст; ҷустуҷӯгари як воқеият аст, ки воқеияти маҳсус бошад.

Инҳо чун асоси корашонро бар ин гузоштанд, ки "воқеият" яъне маҳсусу моддӣ, омаданд ва гуфтанд, ки инсон ё ҷустуҷӯгари хайр аст — ки хайр яъне ҳамон суду манфиати моддӣ — ва ё ҷустуҷӯгари чизе аст, ки ҳеч чиз нест, фақат арзиш аст, ҳамон калимаи "суду арзиш", ки дар фалсафаи Урупо омада ва чӣ инҳирофи бузурге ҳаст дар фалсафаи инсонӣ. Аз ҳамин ҷост, ки мегӯянд, башар ё дунболи суд — яъне чизе, ки хайраш дар он аст — меравад, қаҳран ақл ҳам мегӯяд, бирав, мантиқӣ ҳам ҳаст ва ё дунболи чизҳое меравад, ки хайраш дар онҳо нест, ақл ҳам мегӯяд, нарав, вале меравад, як кори ғайри ақлӣ ва ғайри мантиқӣ анҷом медиҳад, дунболи як силсила корҳои ғайри ақлонӣ ва ғайри мантиқӣ меравад, ки мантиқу ақл ҳеч ҳукм намекунад, ки бирав дунболаш, вале меравад.

Якчунин тазодде ва якчунин амри ба истилоҳ номаъқуле дар вуҷуди инсон ҳаст, ки дунболи чизҳое меравад, ки ҳеч барои ӯ хайрияте надорад ва ба ҳамин хотир бо ақл ҳам мунтабиқ нест, вале магар инсон ҳамаи корҳояш бо ақл мунтабиқ аст? Кори номаъқул ва ғайри мантиқӣ мекунад.

Инҳоро корҳои ғайри мантиқии башар донистаанд. Қаҳран дар тавҷеҳи ҳамин чизҳое, ки исми инҳоро гузоштанд арзиш ва на хайр — яъне он чи, ки инсон дунболаш меравад бидуни он ки хайр[1] ва ихтиёршуданӣ бошад — дармонданд, ки ин арзишҳоро чӣ гуна мешавад тавҷеҳ кард.

"Хайр", ки ҳамон маҳсусу моддӣ аст. Инҳо, ки маҳсусу моддӣ нест. Магар зебоӣ маҳсус аст барои инсон ва моддӣ аст? Магар ба истилоҳ ҳаҷм дорад, яъне чашмпуркун аст? Магар фазилат асосан воқеияте аст? Магар ҳақиқат воқеият аст?

Инҳо шуд як силсила масоили ғайри мантиқӣ ва ғайри ақлонӣ барои башар. Вале аз тарафи дигар диданд, охир чӣ тавр мешавад инҳоро ба ҷомеа гуфт, ки ҳамаи инҳо умуре мавҳум аст? Яъне лозимаи ин фалсафа ва ҳамон ҳарфи Ниче ва ғайри Ничеро бигӯянд, ки инҳо ҳама мавҳум аст; воқеият ҳамоне аст, ки суд аст, ҳар чи ки ғайри суд бошад, воқеият нест, ақл ҳам мегӯяд, дунболаш нарав.

---

[1]) *"Хайр" яъне ихтиёршуданӣ.*

Онҳое, ки шуҷоъ буданд, гуфтанд. Онҳое, ки хеле шуҷоъ набуданд, зери парда ин матлабро ба шакли дигаре гуфтанд; яке гуфт, арзишҳо такомул пайдо карда, дигаре ба гунаи дигар… Экзистенсиалистҳо омаданд роҳи ҳалле пайдо карданд. Ва он ин ки гуфтанд: **арзишҳо фарқашон бо воқеиятҳо ва ҳақиқатҳо ин аст, ки арзишҳо як силсила умури офаридани ҳастанд, на як силсила умури кашфшудани.**[2] Умури кашфшудани яъне умуре, ки воқеият дорад. Инсон аз роҳи ақл, илм ва истидлол он чиро, ки воқеият дорад кашф мекунад. Вале арзишҳо умуре аст, ки инсон инҳоро халқ мекунад ва меофаринад; қаблан вуҷуд надорад, ки инсон инҳоро кашф кунад, инсон инҳоро халқ мекунад.

Ҳамаи ҳарфҳои экзистенсиалистҳо дар масъалаи арзишҳо ҳамин аст ва ба ҳамин хотир ин истилоҳ дар адабиёти имрӯз зиёд омадааст: “Инсон арзишҳоро меофаринад”. Дар сурате, ки ин ҳарф ҳарфи пуче аст. “Инсон арзишро меофаринад” яъне чӣ? Маънои ин ҳарф ин аст, ки дар табиати худ, масалан “исор” ва “асара”[2] ба қавли арабҳо ҳар ду мусовӣ аст, адлу зулм мусовӣ аст; дар зоти худ ҳеч тафовуте миёни адлу зулм нест, вале инсон ба адл арзиш медиҳад, он гоҳ адл бо зулм фарқ мекунад; мешавад дорои арзиш. Арзишро инсон ба он додааст, чунон ки ба “исор” инсон арзиш дода, ки бо “асара” фарқ кардааст. Агар шумо акнун мегӯед, адл беҳтар аст аз зулм, сидқ беҳтар аст аз кизб ва

---

[1]) *Китобе ҳаст ба номи “Ҷидол бо муддаӣ”. Китобе хонданӣ аст. Яке аз ҳамин сарон – мегӯянд — марксист бо шахсе мусоҳибае дошта ва ин шахс муддаӣ аст, ки ӯ матни мусоҳибаашро бо тағйироте мунташир карда. Муқаддимае менависад ва фуҳшҳои дунёро ба он мусоҳибакунанда медиҳад ва баъд мегӯяд, ман акнун айни мусоҳибаро чоп мекунам.*

*Ин китоб дар ду бахш аст: бахши аввалаш роҷеъ ба арзиши ҳаёт ва зиндагӣ ва такомул ва тақрибан роҷеъ ба ҳамин масъалаи арзишҳост. Ва бахши дуввумаш роҷеъ ба шеъри нав. Ишколкунанда суолоти аҷибе мекунад. Ӯ аз аввал тарафдори фалсафаи пучӣ мешавад ё лоақалл дар онҷо аз фалсафаи пучӣ дифоъ мекунад, ки ҳама чиз ҳеч асту пуч ва зиндагӣ як роҳ ҳалли бештар надорад ва он худкушӣ аст. Ӯ пайрави фалсафаи худкушӣ аст. Ҳоло чаро худ ҷаноб худкушӣ намекунад, инро дигар аз худаш бояд пурсид. Ин шахс мехоҳад, ки ин назарияро рад кунад. Кам-кам мерасад ба ҳамин масъалаи арзишҳо. Дар инҷо аз мантиқи экзистенсиализм пайравӣ мекунад, (чун марксизм дар ин масоил норасост, хеле ҳам норасост) ва мегӯяд, арзишҳо як силсила умури офаридани ҳастанд, на кашфшудани.*

[2]) *“Асара” яъне худро муқаддам доштан. “Исор” яъне дигареро бар худ муқаддам доштан.*

амонат беҳтар аст аз хиёнат, инҳо дар зоти худашон мусовӣ ҳастанд; ин инсон аст, ки ба инҳо арзиш дода.

Ба ин оқоён бояд гуфт: "Инсон арзишро офарида" яъне чӣ? Як вақт ҳаст, ки "инсон арзишро меофаринад" ба маънии ин аст, ки ба чизе, ки воқеият надорад, воқеият мебахшад. Яъне қаблан инҳо воқеияте надошт, баъд инсон ба инҳо воқеият дод ва умуре воқеиятдор шуданд. Возеҳ аст, ки инҳо чизе нест, ки инсон биёяд онҳоро бисозад.

Қудрати халлоқияти инсон ҳамон қудрати фанну санъат аст, ки рӯи моддае коре анҷом медиҳад, шакле ва сурате ба он медиҳад ва шумо қабул доред, ки дар инҷо шаклу сурату модда дар кор нест. Пас "инсон инҳоро халқ мекунад" ба маънои ин ки ба инҳо воқеияти воқеӣ медиҳад, аслан маънӣ надорад ва фаразан бихоҳад воқеият бидиҳад, асосан худи "маънавият" воқеият дорад ё воқеият надорад? Шумо мегӯед, аслан маънавият воқеият надорад.

Дар ин сурат инсон чӣ тавр метавонад ба чизе, ки воқеиятпазир нест, воқеият бидиҳад? Офаринандагии инсон дар ин масоил ҳамон аст, ки мо онро "эътибор" меномем ва эътибор яъне як амри қарордодӣ. Масалан, шумо гурӯҳе ҳастед, ки дар ин мадраса бо якдигар ҳамкорӣ доред. Мебинед, ки агар бихоҳед ҳамкориатон сомоне дошта бошад, бояд ташкилоте дошта бошед ва агар бихоҳед ташкилот дошта бошед, бояд дар миёни худатон масалан як ҳайати мудира, як ҳайати иҷроӣ ва ғайра дошта бошед ва як нафарро ҳам ба унвони риёсати ин мадраса интихоб кунед. Як нафарро ба унвони раиси худатон интихоб мекунед, мегӯед, оқои А раиси мо. Инҷо шумо эъто кардед риёсатро ба оқои А, яъне риёсатеро, ки вуҷуд надошта додед ба ӯ. Инҷо шумо офаридед ва халқ кардед, аммо ин халқ як амри қарордодӣ ва эътибор аст, яъне воқеияте надорад, яъне алъон оқои А дар олами ваҳму зеҳн ва эътибору қарордоди шумо бо як соат пеши худ, ки раис набуд, фарқ карда, вале дар олами воқеъ ҳамон одаме аст, ки буда. Эътои риёсат яъне як қарордод ва як эътибор ва чизе, ки зеҳнҳо ба ҳукми як маслиҳат онро пазируфта ва фарз кардаанд, яъне як амри муҷоз. Эътибор кардан мунтаҳои қудрати офаринандагии башар дар ин гуна масоил аст.

Бинобар ин, "инсон арзишро меофаринад" ҳадди аксари маънояш ин аст, ки умуре, ки мо онҳоро "арзишҳо" меномем, ҳеч воқеияте надоранд, башар барои онҳо эътибор "арҷ" мекунад (арзиш ҳамон арҷ аст). Дар воқеъ арҷе барои башар надорад, вале башар арҷро барои он эътибор кардааст.

Боз ҳам нафйи асолатҳост ва мешавад як амри қарордодӣ ва мавҳум. Тоза масъалаи муҳим ин аст, ки дар умури қарордодӣ инсон дар "васоил" метавонад қарордод кунад, на дар "ҳадафҳо".

Масалан, мегӯем, арзиши арз (пул) як арзиши эътиборӣ аст, яъне бар хилофи тилло, ки чун ба дарди инсон мехӯрад — дар шуъуни зиёде корост, ҳам камёб аст ва ҳам коро — чӣ аз назари зинат будан ва чӣ аз назарҳои дигар, нисбатан ба худии худ барои башар арзиш дорад (пул ба худии худ арзиш надорад), пулро мо ба ҷои тилло эътибор мекунем барои расидан ба як силсила ҳадафҳо; барои ин ки мубодила осон бошад, онро эътибор мекунем. Пас, арз ба худии худ ҳеч арзише надорад, яъне ин коғазе, ки масалан ба номи ҳазор тумон ба дасти мо додаанд, бо як коғази дигар ба ҳамин андоза, аз назари арзиши воқеӣ ҳеч фарқе надорад, вале аз назари арзиши эътиборӣ ва қарордодӣ фарқ кардааст, он ҳам аз он ҷиҳат, ки мо онро васила барои ҳадафҳои дигаре қарор додаем.

Пас, агар мо асолатҳои инсониро умуре офаридании бидонем, чун офаридан ба маънои воқеият додан дар инҷо маънӣ надорад ва офаридан дар инҷо маъное ҷуз эътибор кардан надорад, бад-ин маънӣ аст, ки ҳамаи инҳо васоиле аст барои ҳадафҳои дигаре, зеро худи инҳо наметавонанд ҳам эътиборӣ бошанд, ҳам ҳадаф. "Ҳам эътиборӣ бошад ҳам ҳадаф" мисли ин аст, ки инсон ҳадаф надорад, чизеро барои худаш эътибор мекунад, ки ҳадаф бишавад ва баъд ҳамон ҳадаф мешавад; дуруст ҳамон кори бутпарастҳои араб, ки меомаданд бутеро месохтанд, баъд ҳамонеро, ки худашон сохта буданд, парастиш мекарданд:

أَتَعْبُدُونَ مَا تَنْحِتُونَ

(*Сураи Соффот, ояти 95*) Чизеро, ки худат сохтаӣ ҳамонро парастиш мекунӣ? Ҳадаф он чизе аст, ки дар марҳилаи болотар аз туст ва ту кӯшиш мекунӣ ба он бирасӣ. Чизеро, ки ту ҷаъл мекунӣ ва қарордод мекунӣ, он ба дасти туст ва аз ту пойинтар аст.

## Асолатҳои инсонӣ умуре фитрӣ аст

Ин аст, ки ин роҳ (яъне роҳи экзистенсиалистҳо) ҳам роҳи ҳалле барои ин мушкил нест ва боз бармегардем ба ҳамон натиҷагирии собиқи худамон, ки ин асолатҳои инсонӣ он вақт маънӣ ва мафҳум ва воқеият пайдо мекунад, ки як силсила умури фитрӣ барои инсон бошад, мояҳое дар фитрати инсон бошад ва худи инҳо як силсила воқеиятҳо бошанд, ки инсон ба воқеияти худаш ба сӯи он воқеиятҳо ҳаракат мекунад. Ҳамин тавр,

ки дар хайри маҳсус инсон бо воқеияти маҳсусаш ба сӯи воқеиятҳои маҳсусе ҳаракат мекунад, онҳо ҳам як воқеиятҳое бошанд, ки инсон бо воқеияти маъқулаш ба сӯи он воқеиятҳо ҳаракат мекунад. Такомули инсон ҳам фақат бо ин фарз қобили тасаввур аст ва агар инро аз инсон бигирем, такомул дар инсоният маънӣ надорад, ҳарчанд такомул дар абзор маънӣ дорад.

Пас, арзишҳо ҳамон хайрҳои воқеиянд. Ин ҳарф ҳам ҳарфи беасосе аст, ки мо биёем он чиро, ки башар дунболаш меравад, тақсим кунем ба судҳо ва арзишҳо ва баъд бигӯем, арзишҳо, ки ҳечу пуч аст, мантиқӣ нест ва ақл ҳеч гоҳ ҳукм намекунад бирав дунболи инҳо, вале инсон меравад. Инсон як корҳои девонагӣ (ғайри ақлӣ яъне девонагӣ) ва ғайри ақлонӣ ҳам дорад, ҳол агарчӣ зидди ақл нест, ки бигӯем, бар зидди ҳукми ақл аст, вале билохира ақлӣ ҳам нест ва мусовӣ мешавад бо кори девонагӣ. Ва ба иборати дигар, як навъ хулгариҳое аст, вале хулгариҳои хубе аст, ки лозим аст бошад. Тоза ин "хуб аст ва лозим аст бошад" асосан маънӣ надорад. Билохира, ночорем инҳоро як силсила хулгариҳо барои башар бидонем. Аз ин баҳс мегузарем.

**Ҳол, баҳси фитрӣ будани дин матраҳ аст**. Инҳое, ки мегӯянд, дин фитрӣ аст, мақсудашон чист? Чӣ далеле бар фитрӣ будани дин доранд? Яъне нишонаҳои фитрӣ будан чист ва оё он нишонаҳо дар дин вуҷуд дорад ё вуҷуд надорад, ки ҷузъи суолҳое буд, ки қаблан карда буданд, ки "алоими фитрӣ будан чист? Оё дин фитрӣ ҳаст ё фитрӣ нест? Ва чӣ назариёте дар боби маншаи дин гуфта шудааст?", ки як назарияаш ҳамин назарияи фитрӣ будан аст. Дар муқобили назарияи фитрӣ будан, дар боби хусуси дин чӣ назариёте аст, ки он мақолае, ки дар ҷаласаи пеш арз кардам, дар атрофи ҳамин мавзӯъ яъне "назариёт дар бораи маншаи пайдоиши дин" аст. Қарор шуд, ки оқои … дар атрофи ин мақола конфронс бидиҳанд.

Дар ҳудуди 20 сол пеш дар Қум нашрияе мунташир мешуд ба номи "*Нашрияи солонаи мактаби ташайюъ*". Шояд 7-8 шумора ба сурати солона мунташир шуд, 3-4 шумора ҳам ба сурати семоҳа мунташир шуд. Дар он нашриёти солона – гумони бисёр қавӣ дорам, ки дар шумораи аввали он — мақолае оқои муҳандис Баёнӣ тарҷума кард таҳти унвони "*Дин ё буъди чаҳорум*". Муқаддима ва муаххирае ҳам оқои муҳандис Бозаргон бар он мақола навишта буд. Он мақола ҳам — агар пайдо бикунед — барои ин баҳс (яъне назариёт дар бораи ин ки маншаи пайдоиши дин чист) хеле хуб аст. Назариётро дар

онҷо нақл кардааст. Албатта, худи нависандаи он мақола тарафдори фитрӣ будани ҳисси динӣ аст.

## Мабно ва маншаи мазҳаб (дин)

Донистани назариёти инҳо роҷеъ ба мабно ва маншаи мазҳаб, як фоидаи асосиаш барои мо ин аст, ки бифаҳмем, аслан таассуб дар ломазҳабӣ яъне чӣ. Ҳамеша ба мо дар бораи таассуби мазҳабӣ гуфтаанд, ки мазҳабиҳо мутаассибанд ва чун мутаассиб ҳастанд, аз рӯи камоли таассуб назарияҳоеро иброз медоранд.

Бибинед, онҳое, ки дар ломазҳабӣ мутаассибанд — яъне аввал, фарзашон нафйи мазҳаб аст — барои тавҷеҳи ин нафй чӣ ёваҳо бофтаанд, ки имкон надорад як инсони бетараф то ин ҳадд ёвабофӣ кунад. Ва ҳамчунин бибинед, дар ниҳояти амр чӣ гуна дар бунбасти тавҷеҳи мазҳаб гир кардаанд, яъне аслан ҳақорати (пастии) назариёти инҳоро шумо хоҳед фаҳмед.

Илме дар Урупо ба вуҷуд омадааст ба номи "ҷомеашиносии мазҳаб", ки ин илм ибтидо як чизеро ба унвони "асли мавзӯъ" интихоб мекунад, чунонки ҳар илме як "асли мавзӯъ" дорад, ки ибтидо наметавонад онро исбот кунад, балки онро мафруз мегирад, баъд бар асоси он "асли мавзӯъ", назариёти худашро бор мекунад. Дар "ҷомеашиносии мазҳаб" аз ибтидо фарз бар ин аст, ки мазҳаб як падидае аст, ки мавлуди феълу инфиъолоти ҷомеа аст. Яъне як решаи илоҳӣ ва мовароӣ надорад. Ва аслан ин (ки мазҳаб решаи илоҳӣ дорад), ҷузъи фарз нест, мисли ин ки агар ба мо бигӯянд, роҷеъ ба иллати пайдоиши фикри нуҳусти "13" биравед таҳқиқ кунед, ки чӣ тавр шуда, ки фикри нуҳусти "13" дар миёни мардум пайдо шуда? Чун инсон мебинад, мантиқан ҳеч фарқе миёни адади 13 ва адади 14 ё адади 12 нест, ки инсон эҳтимол бидиҳад, ки як далели ақлӣ ё таҷрибӣ дар кор аст. Мегӯяд, ин бояд як решаи ғайри мантиқӣ дошта бошад, он решаи ғайри мантиқӣ чист?

Инҳо дар бораи дину мазҳаб аз аввал биноро бар ин гузоштанд, ки дин як решаи мантиқӣ, ки наметавонад дошта бошад, ҳол, ки решаи ғайри мантиқӣ дорад, он решаи ғайри мантиқӣ чист? Пас, асли мавзӯъашон ин аст (ки дин як решаи мантиқӣ ва илоҳӣ надорад.)

Нависандаи мақола ибтидо таърихчаи мухтассаре зикр мекунад ва баъд мегӯяд, аввал касе, ки ба таври муназзам ин масъаларо таҳлил кард, як файласуфи моддии хеле маъруф аст — ки яке аз ду манбаи фикрии Карл Маркс низ ҳам ӯст — ба номи Фейербах.

Фейербах олмонӣ аст ва ӯро ба манзилаи устоди Карл Маркс гирифтаанд, вале на ба маънои ин ки расман дар килоси ӯ таҳсил карда бошад, балки ба унвони касе, ки аз афкори ӯ хеле истифода карда ва ба афкори ӯ истинод кардааст.

Афкори Карл Маркс ду рукн дорад: аз назари мантиқ ва тарзи тафаккур тобеъи Ҳегел аст, яъне мантиқи диалектик (ва аз назари фалсафаи иҷтимоӣ тобеъи Фейербах.) Вале Ҳегел материалист набудааст, як навъ афкори хоссе дорад, ки ҳатто баъзе мегӯянд, ӯ идеалисте аст, ки дар айни ҳол қоил ба Худо нест, вале бархе мегӯянд, қоил ба Худо ҳаст. На, қоил ба Худо ҳаст, вале тасаввураш аз Худо бо тасаввури дигарон андаке фарқ дорад. Фейербах шӯҳраташ дар афкори моддӣ дар ҳамин таҳлиле аст, ки аз мазҳаб кардааст. Ва он таҳлилаш ин аст, ки гуфтааст, мазҳаб ношӣ аз ҳолати аз худ бегонагии инсон нисбат ба худаш аст. “Аз худ бегонагӣ” низ дар фалсафаи Урупо барои аввалин бор ба василаи Ҳегел тарҳ мешавад; чизе дар фалсафаи инсон ба номи “аз худ бегонагӣ”, ки шояд таъбири саҳеҳтараш “бо худ бегонагӣ” бошад, яъне барои инсон авомиле пеш меояд, ки худаш аз худаш (бо худаш) бегона мешавад. Ҳол ин худаш як масъалае аст, ки чӣ тавр мешавад, ки инсон худаш бо худаш бегона бишавад? Аслан, чунин чизе имкон дорад?

Чун бегонагӣ — ва нуқтаи муқобилаш хешовандӣ — ду тараф мехоҳад. Дар ин сурат чӣ тавр мешавад, ки инсон худаш бо худаш бегона бишавад? Ин маънояш ин аст, ки инсон худашро бо ғайри худаш иштибоҳ мекунад. Яъне инсон як воқеияте дорад, як худи воқеӣ дорад, баъд чизеро, ки ӯ “нохуд” аст — яъне ӯ худаш нест, вале худашро ӯ мепиндорад — бо худ иштибоҳ мекунад, ба ҷойи ин ки масалан барои худ кор кунад, барои он “нохуд” кор мекунад, ки мо дар китоби “*Сайре дар Наҳҷул-балоға*” — агарчӣ на ба таври муфассал, вале ба таври иҷмол — ин масъаларо тарҳ кардаем.

## Худро бохтан, худро фаромӯш кардан

Ёдам аст, ки дар ҳудуди 20 сол пеш — яке ду сол баъд аз он ки ба Теҳрон омада будам — як ҷаласаи тафсири хусусии мухтассаре дар манзили яке аз руфақои туҷҷори бозорӣ доштем, ки ман онҷо мерафтам тафсир мегуфтам. Тафсир ҳам наметавон гуфт, баҳсе дар бораи оятҳои мунтахаб ва як ҷаласаи мавъиза ва тазаккур буд. Барои худи ман ин масъала аввалин бор он вақт матраҳ шуд. Матлаберо аз Қуръон он вақт илҳом гирифтам ва ёдам аст, ки дар он ҷаласа ҳамин масъаларо тарҳ кардам, мукаррар ҳам баъд тарҳ мекардам, ки аз Қуръон истинбот мешавад, ки инсон гоҳе ҳолате пайдо мекунад, ки

худаш бо худаш фосила пайдо мекунад, худаш аз худаш дур мешавад. Чун ин таъбир дар Қуръон мукаррар омадааст: худро бохтан (худбохтан). Бохтан ба ҳамон маъное, ки дар қимор мегӯянд ё дар муомила мегӯянд, фалон шахс бохт, зиён кард, сармояро бохт ва аз даст дод. Дар сурате, ки бовар кардани ин амр барои инсон хеле мушкил аст. Зеро вақте инсон чизеро, ки мамлук ва дар ҳитаи милкияташ бошад бибозад, яъне ӯро ба дигаре медиҳад. Аммо ин ки инсон худашро бибозад, чӣ гуна мешавад? Қуръон мефармояд:

قُلْ إِنَّ الْخَاسِرِينَ الَّذِينَ خَسِرُوا أَنْفُسَهُمْ

Бигӯ: зиёнкорон фақат — яъне зиёнкори ҳақиқӣ — ононанд, ки худро зиён кардаанд. (*Сураи Зумар, ояти 15*) Яъне он касе, ки молашро зиён мекунад, ӯ зиёнкори ҳақиқӣ нест, он, чизи муҳимме нест. Зиёнкори воқеӣ он аст, ки аслан худашро зиён карда, аслан худашро якҷо бохта. “Нисёни худ” яъне худро фаромӯш кардан. Ин ҳам аз назари фалсафӣ хеле тасаввураш мушкил аст. Зеро илми инсон ба худаш илми ҳузурӣ аст ва илми ҳузурӣ қобили фаромӯшӣ нест. Илми ҳусулӣ қобили фаромӯшӣ аст. Яъне инсон аслан ҷавҳари зоташ илм аст ва худаш ҳамон илми худ ба худ аст.

## Сухани Мавлавӣ

Худро бохтан, худро фаромӯш кардан, ин барои ман ҳамон вақт мабдаи як фикр шуд. Албатта, баъдҳо дидам, ки ҳукамо ва бахусус урафои исломӣ ин матлабро солҳо қабл аз мо дарк карда ва хеле ҳам рӯи он такя кардаанд; роҷеъ ба ин ки мани воқеии инсон чист ва кист. Ва балки асоси ирфон бар пайдо кардани худи воқеӣ ва мани воқеӣ аст. Яъне даридани пардаҳои худи хаёлӣ ва мани хаёлӣ ва расидан ба мани воқеӣ.

Яъне “худро гум кардан”, “худро иштибоҳ кардан”, “худро бохтан”, “худро аз даст додан” маъное буда, ки онро хеле хуб аз Қуръон илҳом гирифтаанд ва баъд хуб ҳам шарҳу тафсир кардаанд, ки яке аз он тафсирҳо ва тамсилҳои бисёр олӣ, ки инсофан шоҳкор аст, тамсилест, ки Мавлавӣ баён кардааст. Медонед, ки ӯ матлабро ба сурати тамсил зикр мекунад; дар ин замина, ки инсон худи олии худашро бо худи дониаш (пасташ) иштибоҳ мекунад, ё бигӯед, ҷанбаи руҳӣ ва маънавии худашро, ки худи воқеӣ аст, бо ҷанбаи нафс ва тан иштибоҳ мекунад. Яъне худашро ин хаёл мекунад.

Масал ин тавр меоварад: фарз кунед, шахсе замине дорад. Шурӯъ мекунад он заминро сохтан, масолеҳ мебарад: оҷур (хишт) мебарад, гаҷу сементу хок мебарад, чӯбу оҳан

мебарад ва як хонаи бисёр муҷаллал дар он замин месозад. Фардо мехоҳад биравад ба хонаи худаш. Вақте мехоҳад асбобкашӣ кунад, меравад онҷо. Як вақт мутаваҷҷеҳ мешавад, ки хонаро рӯи замини ҳамсоя сохта, иштибоҳ карда, он замине, ки моли ӯ буда он аст, ин замин моли дигаре аст ва ӯ ҳар чи сохта, дар замини бегона сохтааст. Тибқи қонун ҳам ҳақ надорад аз ҳамсоя чизе бигирад, чун ҳамсоя мегӯяд, ман, ки нагуфтам бисоз, худат омадӣ ва сохтӣ, биё ҳамаро бардор бибар. Ва агар бихоҳад хонаро хароб кунад, бояд пули дигаре харҷ кунад. Маҷбур аст раҳо кунад ва биравад. Мавлавӣ дар баён кардани ин латоиф рухе аҷиб аст; мегӯяд:

*Дар замини мардумон хона макун,*

*Кори худ кун, кори бегона макун.*

*Кист бегона? Тани хокии ту,*

*К-аз барои ӯст гамнокии ту.*

Мегӯяд, як умр дорӣ барои тан ва барои нафс кор мекунӣ ва хаёл мекунӣ барои худат дорӣ кор мекунӣ.

*То ту танро чарбу ширин медиҳӣ,*

*Ҷавҳари худро набинӣ фарбеҳӣ.*

*Гар миёни мушк танро ҷо шавад,*

*Рӯзи мурдан ганди ӯ пайдо шавад.*

Мегӯяд, агар як умр танро дар мушк қарор бидиҳӣ, ҳангоми мурдан ганди он пайдо мешавад.

*Мушкро бар тан мазан, бар дил бимол,*

*Мушк чӣ бвад? Номи поки зулҷалол.*

Чунонки Қуръон мефармояд:

وَلَا تَكُونُوا كَالَّذِينَ نَسُوا اللَّهَ فَأَنْسَاهُمْ أَنْفُسَهُمْ

(*“Ва ҳамчун касоне, ки Худоро фаромӯш карданд ва Худо низ онҳоро ба худфаромӯши гирифтор кард набошед…” (Сураи Ҳашр, ояти 19)*)

Қуръон миёни “ёфтани худ” ва “ёфтани Худо” талозум қоил аст. Қуръон мегӯяд, фақат касоне худро ёфтаанд, ки Худоро ёфта бошанд ва касоне, ки Худоро ёфтаанд, худашонро ёфтаанд:

مَنْ عَرَفَ نَفْسَهُ عَرَفَ رَبَّهُ

Ва мутақобилан:

مَنْ عَرَفَ رَبَّهُ عَرَفَ نَفْسَهُ

Дар мантиқи Қуръон ҷудоӣ нест. Агар инсон хаёл кунад, ки худи воқеияшро дарёфтааст бидуни ин ки Худоро дарёфта бошад, иштибоҳ карда. Ин аз усули маорифи Қуръон аст. Ин матлабе, ки имрӯз ба номи "аз худ бегонагӣ" ё саҳеҳтараш "бо худ бегонагӣ" мегӯянд, дар маорифи исломӣ собиқаи хеле зиёд дорад, яъне аз Қуръон шурӯъ мешавад ва собиқае беш аз ҳазор сол дорад бо як сайри махсус ба худ. Дар Урупо ин матлаб аз Ҳегел шурӯъ мешавад ва баъд аз Ҳегел мактабҳои дигар ин масъаларо тарҳ карданд бидуни ин ки ("худ"-ро шиносонда бошанд.) Чун масъалаи "бо худ бегонагӣ" аввалин суолаш ин аст, ки худи он "худ" чист, ки сӯҳбат аз бегонагӣ мекунӣ? Охир шумо мегӯед, инсон аз "худ" бегона шудааст. Аввал он "худ"-ро ба мо бишносонед, ки он "худ" чист, то баъд "бегонагӣ бо худ" ё "бегонагӣ аз худ" мушаххас бишавад. Бидуни ин ки рӯи он "худ" баҳс кунанд ва бидуни он ки он "худ"-ро шинохта бошанд — ва ҳатто он "худ"-ро нафй мекунанд — (дам аз "аз худ бегонагӣ" мезананд.) Асоси ин фалсафаҳои моддӣ бар ин аст, ки аслан "худ" як амри эътиборӣ аст. Тамоми фалсафаҳои моддӣ бар ин ақидаанд, ки инсон "худ"-е надорад, он чи, ки ту "худ" хаёл мекунӣ, як мафҳуми интизоъӣ аст, як силсила тасаввуроти пай дар пайе доиман меоянд ва рад мешаванд, ту хаёл мекунӣ дар ин байн як "худ"-е вуҷуд дорад. Хайр, "худ"-е вуҷуд надорад.

Инҳо аз як тараф асоси фалсафаашон бар ин аст, ки аслан "худ"-е вуҷуд надорад ва аз тарафи дигар меоянд, фалсафаи "аз худ бегонагӣ" барои мардум дуруст мекунанд. Ва ин хеле аҷиб аст.

## Маншаи пайдоиши дин аз назари Фейербах

Ҷаноби Фейербах, ки як файласуфи моддӣ аст, ҳарфи аҷибе задааст. Хоста дину мазҳабро таҳлили равоншиносона ва ҷомеашиносона карда бошад бар ҳамон асосе, ки гуфтем, аз аввал фарз бар ин аст, ки мазҳаб мабнои мантиқӣ надорад.

Мегӯяд, инсон дорои дугонагии вуҷуд аст. (Худи ҳамин ҳарфро аз дин гирифта). Инсон вуҷуди олӣ дорад ва вуҷуди донӣ (паст). Ҳамин чизе, ки мо мегӯем, ҷанбаи ъилвӣ (олӣ) ва ҷанбаи сифлӣ (паст). Ҷанбаи сифлии инсон ҷанбаи ҳайвонияти инсон аст, ки монанди ҳайвон ҷуз хӯру хоб ва хашму шаҳват чизе сараш намешавад. Ва ҷанбаи ъилвии инсон ҳамон инсонияти инсон аст — ки Фейербах инро дигар ҷузъи вуҷуди инсон дониста ва ночор барои он асолат қоил шудааст — ва он ҳамонест, ки дорои як силсила

фазилаҳост: шарофат, каромат, раҳмат, хубӣ, некӣ (ва ғайра). Ҳамаи ин ҳарфҳо дар онҷост.

Баъд мегӯяд, инсон ночор бояд бигӯяд, ки ҳамаи инсонҳо ин тавр ҳастанд. Яъне инсон тан медиҳад ба даноатҳо (пастҳо) яъне тобеъи ҷанбаи сифлии вуҷудаш мешавад. Баъд, ки тобеъи ҷанбаи сифлии вуҷуди худаш шуд, мебинад, он ҷанбаҳои ъилвӣ бо худаш ҷур дарнамеояд, чун худаш ҳоло як ҳайвони пасти мунҳатт шудааст. Баъд, дар ҳоле, ки ҳамин шарофатҳо ва асолатҳо дар худаш аст, фикр мекунад, пас инҳо дар моварои ӯст. Ва Худоро бар асоси вуҷуди худаш месозад.

Ин файласуфи фаранги гуфтааст, ки дар Таврот омада, Худо одамро бар сурати хеш офарид, яъне одамро намунаи сифоти камолияи худаш қарор дод, вале қазия баръакс аст: инсон Худовандро бар сирати худ офарид. Яъне инсон чун дорои як табиати зотии камолие буд, ки дар он табиат ҳама — шарофат ва камол ва раҳмат ва ғайра — буд ва инҳоро аз худаш ҷудо кард ва бо худаш бегона шуд, фикр кард, ки инҳо аз они вуҷудест моварои ман. Ва фикр накард, ки ҳамаи инҳо дар даруни худаш аст.

Пас, аз инҷо — ба қавли ӯ — инсон худаш бо худаш бегона шуд. Яъне бархе умурро, ки дар вуҷуди худаш буд, аз вуҷуди худаш интизоъ кард ва фарз кард, ки инҳо дар моварои вуҷуди ӯст.

Вале мегӯяд, тадриҷан ин ҷанбаи мовароӣ наздик шуда. Аввал аз инсон дур шуд; дар худоёни динҳои бадавӣ хеле дур буд. Баъд дар худои яҳуд наздиктар шуд. Худои яҳуд шабеҳи инсон мешавад, монанди инсон эҳсосоту авотиф ва хашму ризоят дорад. Дар масеҳият аз он ҳам наздиктар мешавад, ба сурати як инсон дармеояд, ки Масеҳ бошад ва Масеҳ мешавад Худо. Дар воқеъ як “қавс” тай кардааст: ибтидо инсон ин сифотро аз худаш ҷудо карда, он дуродурҳо қарор дода ва байни он мавҷуди дур ва инсон ҳеч робитае барқарор набуда. Баъд кам-кам он мавҷуд баргашта ва омада ба тарафи инсон. Ба Масеҳ, ки расида, дигар хеле наздик шуда ва як инсон Худо шуда. (Чун дар дини масеҳият, Масеҳ ҳамон Худост, яъне инсон аст ва Худо дар они воҳид, ҳам инсон аст ва ҳам Худо). Фақат як қадами дигар боқӣ монда. Ҳар чи инсон худашро бештар бишносад, бештар ин “аз худ бегонагӣ”-ро аз худаш дур мекунад. Якмартиба мерасад ба онҷо, ки аслан ман худам ҳастам ва ин сифот ҳама моли ман аст, на моли ҷои дигар. Пас, як қадами дигар бештар боқӣ намондааст. (Дар ҳоле, ки ислом баъд аз масеҳият омада ва такомулёфтатар аз масеҳият аст, вале дар айни ҳол ин ҷанбаи инсонии Худо ё худоии

як инсон, ки Масеҳ бошад — улуҳияти Масеҳ ва фарзанди Аллоҳ будани Масеҳ — ҳамаи инҳоро ба шиддат нафй карда).

Тибқи назарияи оқои Фейербах, дин анқариб поён пайдо мекунад, яъне инсон ҳар чи худашро бештар бишносад, ниёзи ӯ ба фарзи Худо камтар мешавад. Ва вақте инсон худашро хуб шинохт, дигар аслан ҷое барои дин боқӣ намемонад ва инсон ба ҷои ин ки Худоро бипарастад, худашро мепарастад; ба ҷои ин ки Худоро таҷлил кунад, худашро таҷлил мекунад.

## Нақди назарияи Фейербах

Яке аз ҷанбаҳое, ки ин назарияро рад мекунад ҳамон аст, ки ба ин оқои Фейербах бояд гуфт, шумо, ки ба Худо асосан эътиқод надорӣ ва инсонро ҳам ба тариқи авло як мавҷуди сад дар сад моддӣ медонӣ, пас ин дугонагии вуҷуди инсонро чӣ гуна тавҷеҳ мекунӣ? Ин дугонагиро динҳо метавонанд баён кунанд, ки инсонро мураккаб медонанд аз як ҳақиқати хокӣ ва як ҳақиқати малакутӣ:

فَإِذَا سَوَّيْتُهُ وَنَفَخْتُ فِيهِ مِنْ رُوحِ

(*“Ҳангоме, ки онро низом бахшидам ва аз руҳи худам дар он дамидам…” (Сураи Сод, ояти 72)*) Аз як тараф “سَوَّيْتُهُ” аст (низом бахшидам, комилаш кардам, аз назари ҷиҳозот тамомаш кардам), аммо як чизи дигар дунболаш дорад: “وَنَفَخْتُ فِيهِ مِنْ رُوحِي”. Ё таъбире, ки дар сураи:

قَدْ أَفْلَحَ الْمُؤْمِنُونَ

— омадааст, ки:

وَلَقَدْ خَلَقْنَا الْإِنْسَانَ مِنْ سُلَالَةٍ مِنْ طِينٍ

— то он ҷо, ки мегӯяд:

ثُمَّ أَنْشَأْنَاهُ خَلْقًا آخَرَ

(*“Мо инсонро аз усорае аз гил офаридем. Сипас онро нутфае дар қароргоҳи мутмаин (баччадон) қарор додем. Сипас нутфаро ба сурати алақа (хуни баста) ва алақаро ба сурати музга (чизе шабеҳи гӯшти ҷавида) ва музгаро ба сурати устухонҳое даровардем, пас аз он онро офаринише дигар кардем…” (Сураи Мӯъминун, оятҳои 12-14)*) яъне онро чизи дигаре кардем. Он чизи дигар шудан муҳим аст ва бо дугонагии вуҷуди инсон иртибот пайдо мекунад. Онҳо (диндорон) метавонанд ин ҳарфро бигӯянд, вале шумо чӣ метавонед бигӯед?

Сониян, мо тибқи ин фалсафа бояд қабул кунем, ки ҳеч инсоне дар ҷаҳон ба шарофати аслии худаш боқӣ нест. Мегӯяд, инсон дар зоти худаш дорои дугонагӣ аст, баъд, ки дар зиндагии иҷтимоӣ инҳитот пайдо мекунад ва ба он ҷанбаи донӣ ва дании (пасти) худаш ва дар ҳайвоният суқут мекунад, меояд ҷанбаҳои олӣ ва шарифи вуҷуди худашро аз худаш интизоъ мекунад. Аз инҷо эътиқод ба мазҳаб (дин) пайдо мешавад.

Маънои ин сухан ин аст, ки аввалан, мо бояд ҳамаи афроди башарро соқитшудаи дар ҳайвоният фарз кунем. Ва сониян, бояд ҳамаи ин соқитшудаҳои дар ҳайвониятро "мазҳабӣ" фарз кунем. Дар сурате, ки: аввалан, инсонҳо ҳамеша ду гуна будаанд: инсонҳое, ки ба шарофати инсонияти худашон боқӣ будаанд — ва дар ҳамаи замонҳо будаанд — ва инсонҳое, ки дар ҳайвоният суқут кардаанд.

Ва сониян, бояд бибинем, онҳое, ки ба мазҳаб (дин) гароиш пайдо мекунанд, чӣ гурӯҳҳое ҳастанд? Оё мардумони шариф; онҳое, ки асолатҳои инсоният дар онон боқӣ аст, ба сӯи мазҳаб гароиш доранд, ё инсонҳое, ки дар ҳайвоният суқут кардаанд? Ҳатто ғайримазҳабиҳо ҳам дар ин ҷиҳат инкор надоранд ва ба ҳамин хотир мегӯянд, агар шумо мебинед, афроде мазҳабӣ ҳастанд, ин мазҳабӣ будан шарофати зотии инҳост, ба он мазҳабе, ки гароиш пайдо кардаанд марбут нест, ба шарофати худ инҳо марбут аст. Яъне муштариҳои воқеии мазҳаб ҳамеша аз миёни афроди шариф интихоб мешаванд.

Шумо мегӯед, чун инсон шарофаташро аз даст медиҳад ва дар ҳайвоният суқут мекунад, ин амр маншаи эътиқод ба Худо мешавад. Дар ҳоле, ки қазия баръакс аст: онҳое, ки дар худашон ин шарофатро эҳсос мекунанд ва боқӣ бар асолатҳои инсонӣ ҳастанд, онҳо ҳастанд касоне, ки эътиқод ва имон ба Худо ва усули мазҳаб пайдо мекунанд.

Ба ҳар ҳол, назарияи ин ҷаноб як назарияи мансухе аст.

## Назари Огюст Конт ва Спенсер

## Мазҳаб (дин) мавлуди ҷаҳл аст

Ин матлаб, ки гуфтаанд, мазҳаб (дин) мавлуди ҷаҳл (нодонӣ) аст, дар маҷмӯъ ба ду гуна баён шуда. Он баёне, ки Огюст Конт (*Auguste Comte*) карда бо он чи, ки аз Спенсер (*Herbert Spencer*) ва дигарон нақл мекунанд, ду баён аст, яъне ду виҷҳа дорад.

Назари Огюст Конт ба масъалаи таълили ҳаводис аст, яъне мехоҳад бигӯяд, башар табиатан асли иллиятро пазируфтааст, мунтаҳо башарҳои аввалӣ чун илали аслии ҳаводисро намешинохтанд, инҳоро ба як силсила мавҷудоти ғайбӣ, худоён ва амсоли

инҳо нисбат медоданд. Масалан, медиданд, борон меояд ва чун иллати омадани боронро намешинохтанд, мегуфтанд “худои борон”. Тӯфон меомад, намедонистанд иллати он чист, мегуфтанд, “худои тӯфон”. Ва ҳамчунин ҳаводиси дигар.

Бинобар ин, аз назари ӯ ин фақат як фикр аст барои инсон, мисли он чи, ки мо дар боби тавҳид мегӯем, ки ин фақат марбут ба марҳилаи шинохт аст.

Спенсер ва дигарон ба шакли дигаре матлабро гуфтаанд. Ва он ин аст, ки инсон аввалин бор ба дугонагии вуҷуди худаш ба маънии дугонагии руҳу бадан мӯътақид шуд. Аз боби ин, ки дар хоб мурдагон ё афроди зиндаро медид, махсусан хоб дидани мурдагон. Афрод, ки мемурданд, баъд аз мурдан ба хобаш меомаданд. Он гоҳ фикр мекард, ки ин, ки дар хобаш омада, як мавҷудест воқеан аз хориҷ ва омада назди ӯ. Ва чун медонист, ки ӯ ҷисмаш дар зери хок пӯсида, пас мӯътақид шуд, ки ӯ як рухе дорад. Инҷо буд, ки мӯътақид шуд, ҳамаи мо инсонҳо рухе дорем ва бадане. Баъд инро таъмим дод ба ҳамаи ашё. Яъне барои ҳамаи ашё ҷон қоил шуд; барои дарё ҷон қоил шуд, барои тӯфон ҷон қоил шуд, барои хуршед ҷон қоил шуд… Он гоҳ дар гирифторӣ ва ҳангоме, ки бо ин нерӯҳои табиӣ мусодиф мешуд, ҳамчунон ки вақте бо як инсони қудратманд мусодиф мешуд, барояш ҳадия ва назр мебурд, аҳёнан тамаллуқ мекард ва аз ин ҷур корҳо, шурӯъ кард ҳамин корҳоро — яъне парастиш — дар муқобили нерӯҳои табиат анҷом додан. (Спенсер масъалаи “парастиш”-ро тавҷеҳ мекунад, ки аввал бор “парастиш” аз куҷо пайдо шуд.) Ва аз инҷо парастиши нерӯҳои табиат падид омад.

**Пас, Огюст Конт фақат тавҷеҳи назарӣ ва фикрии матлабро баён мекунад. Спенсер решаи парастишро баён карда, ки аввалин бор парастиш аз куҷо шурӯъ шуд**. Аз парастиши нерӯҳои табиат шурӯъ шуд. Ва ин амалест аз қабили тамаллуқҳо ва пешкаш бурданҳо ва ҳадия бурданҳое, ки инсонҳо барои инсонҳои зӯрмандтар аз худашон анҷом медиҳанд. Ҳамон тавр, ки барои инсонҳо ҳадия мебурданд, барои онҳо қурбонӣ мекарданд. Ва ҳамон тавр, ки дар муқобили инсонҳо тамаллуқ мегуфтанд, дар муқобили онҳо ибодат мекарданд, зикр мегуфтанд ва амсоли инҳо.

Тибқи ин назария, бо рафтани ҷаҳл (нодонӣ) яъне шинохтани иллатҳо ва бо густариши илм (он тавр, ки Огюст Конт гуфт), худ ба худ мазҳаб (дин) мунтафӣ мешавад.

Нависандаи мақола ҷавоб медиҳад, ки ин ҳарф ба далоиле дуруст нест. Яке аз далоил ин аст, ки таҷриба хилофи ин матлабро собит карда. Мегӯяд, мо мебинем, ки дар миёни ҷоҳилҳо, ҳам мазҳаб ҳаст, ҳам ломазҳабӣ. Дар миёни олимҳо низ ҳам мазҳаб ҳаст, ҳам

ломазҳабӣ. Яъне масъалаи мазҳаб ва ломазҳабӣ ҳеч ба илму ҷаҳл иртибот надорад. Агар мазҳаб мавлуди ҷаҳл буд, мебоист ба ҳар нисбат, ки мардум бесаводтаранд, мазҳабитар бошанд ва ба ҳар нисбат, ки босаводтар ва олимтар ҳастанд, ломазҳабтар бошанд. Пас ҳатман уламои тирози аввал бояд ломазҳаб бошанд. Дар сурате, ки амалан чунин нест. Баъд мегӯяд мисли кӣ ва кӣ ва ҳатто мегӯяд Дарвин низ ломазҳаб набуд.

Нуктае, ки дар ин мақолаи Анвари Хомаӣ буд, ду то истиноде буд, ки ба назари ман лоақал, хеле ғалат мерасид. Яке, он шеъри Мавлавиро нақл карда, ки *"Аблаҳе шав, то бимонад дин дуруст"*.[1] Ва дигар, он шеъри Абулъалоро, ки бо вуҷуди назароте, ки дар мавриди Абулъалои Маъаррӣ ҳаст, лоақалл ин шеъраш баъид аст, ки ба ин ҳадаф гуфта шуда бошад, ки дин ношӣ аз ҷаҳл аст. Абулъало мегӯяд:

**اثنان أهل الأرض: ذو عقلٍ بلا دين وآخر دیّنٌ لا عقل لهْ**

*"Аҳли замин ду фирқаанд: яке, ақл доранд ва дин надоранд. Ва дигар, дин доранд ва ақл надоранд."*

Ҳар дуи инҳо (яъне ҳам шеъри Мавлоно ва ҳам шеъри Абулъало) ман фикр мекунам, таънае буда ба мутадайинони қишрӣ (зоҳирбинон), ки масалан такфир мекарданд. Дар ҷавоби онҳо буда ва на ба ин маъное, ки ин ҷомеашиносҳо дар назар гирифтаанд, ки воқеан ақида дошта бошанд, ки дин аз ҷаҳл ношӣ шудааст.

Абулъалои Маъаррӣ, албатта ҳаким ва файласуф ҳам буда, вале шоирмаслак аст, яъне як одаме аст, ки дар ҳолоти мухталиф мухталиф ҳарф мезанад ва ба ҳамин хотир вазъи Абулъало хеле равшан нест. Албатта ман ҳам мутолеаи зиёде рӯи шахси Абулъало надорам. Он миқдоре, ки мутолеа дорам, ҳамин аст. Дар гуфтаҳои Абулъало, ҳам тавҳид ва диндорӣ ва ислом хеле қавӣ ҳаст ва ҳам ҳарфҳое, ки зидди инҳост пайдо мешавад.

Ва аммо шеъри Мавлавӣ, ман аслашро пайдо накардам. Дар бораи Мавлавӣ касе наметавонад чунин эҳтимоле бидиҳад. Ман ҳадси хеле қавӣ дорам, ки Мавлавӣ ба ҳукми ин, ки ориф аст ва бо файласуфон дармеафтад ва мехоҳад назарияи таслимро баён кунад, мехоҳад бигӯяд, аслан инсон то дар муқобили ҳақиқат таслим набошад, ба он намерасад. Он чиро, ки аз худаш дорад, бояд бигузорад канор ва биёяд онҷо. Ва як нафар ориф ҳамеша ин ҷур фикр мекунад; мегӯяд, ҳар чиро аз худ дорӣ, бигузор берун, ки инҳо инония аст, баъд худат биё ҷилав. Мавлавӣ ҳатто он ҳадиси:

---

[1]) *Дар ҳоле, ки дар Маснавӣ чунин омада: "Аблаҳе шав, то бимонад дил дуруст."*

-ро — ки албатта ҳадис буданаш ҳам мусаллам нест ва дар айни ҳол ба сурати як ҳадис нақл кардаанд — ба ҳамин маъно тавҷеҳ карда, яъне "аҷоиз"-ро аз "аҷз" — яъне ҳолати инкисор — гирифтааст. Дар бисёре аз ашъори Мавлавӣ ақл маҳкум шуда, вале ақле, ки маҳкум шуда он ақли ҳакимона аст дар муқобили ишқи орифона. Яъне дар тазодди ақлу ишқ, ақлро маҳкум карда ва ба ишқ часпида. Албатта ирфон ҳамин аст. Мегӯяд:

*Озмудам ақли дурандешро,*

*Баъд аз ин девона созам хешро.*

Ӯ якчунин сухане мегӯяд, на матлаби инҳоро.

## Назари Рассел: дин ношӣ аз заъф ва забунӣ (тарс) аст

Назарияи дигаре мазҳабро (динро) ношӣ аз заъф ва забунии инсон мешуморад, ки ҳамон масъалаи тарс аст. Ва шояд касе, ки бештарин таъкидро дорад, Рассел (*Bertrand Russell*) бошад, ки хуб аст чанд нақли қавл аз ӯро бихонам. Китоби "*Баргузидаи афкори Рассел*" аз китоби "*Таълим ва тарбият ва назми иҷтимоӣ*"-и ӯ чунин нақл мекунад:

"*Эътиқод ба Худо ва зиндагии пас аз марг, моро чунон бор меоварад, ки зиндагиро бо шаҳомати парҳезкоронаи камтаре идома диҳем. Яъне эътиқод ба дин, моро камшаҳоматтар мекунад… Масеҳият далелҳое меоварад, ки аз марг ва ё коинот натарсем, дар ҳоле, ки эътиқоди мазҳабӣ маҳсули тарси одамӣ аст. Тарафдорони мазҳаб ба ин фикр, ки "баъзе аз анвоъи тарсро набояд ба ҳисоб овард" ибрози тамоюл мекунанд. Ба назари ман, эшон аз ин бобат сахт дар иштибоҳанд. Ин ки бигузорем касе ҷиҳати дур шудан аз тарсҳо, ба эътиқодоти дилхушкунанда тамассук ҷӯяд, ҳаргиз зиндагӣ кардан ба беҳтарин роҳи мумкин номида намешавад. То модоме, ки мазҳаб ба тарс паноҳ мебарад, аз арзиш ва мақоми инсонӣ хоҳад кост.*" (*Баргузидаи афкори Рассел*)

Ҳамчунин аз китоби "*Иҷтимои инсонӣ*"-и Рассел чунин нақл мекунад:

"*Фикр мекунам, инсоне, ки натавонад вуҷуди хатарҳои зиндагиро бидуни қабули афсонаҳои тасаллибахш таҳаммул кунад, вуҷуде заиф аст. Чунин инсоне қатъан дар бахше аз вуҷуди худ ба ин ҳақиқат мӯътариф аст, ки он чиро ӯ қабул карда ҷуз афсона ва устура нест ва қабули онҳо сирфан ба хотири оромишест, ки ба вуҷуд меоварад… Ӯ чун ба ғайримантиқӣ будани афкораш доност, пас бинобар ин нисбат ба онҳо таассуб меварзад ва аз баҳсу мубоҳиса перомунашон гурезон аст.*

*Тавзеҳи матлаб ин аст, ки: инсон падидаҳоеро медида ва метарсида ва ин изтироб ва нигаронии даруни худашро ба як сурате ба оромиш мубаддал кунад. Ва чун наметавониста бо илм ва бо шинохти воқеии падидаҳо, ки мунҷар ба пайдо кардани як роҳи ҳалли муносибе барояш мешавад, ин оромишро касб кунад, ногузир меомада ба ҷойи илоҷи воқеӣ, ба мусаккин паноҳ мебурда ва меомада як дилхушкунаке барои худаш эҷод мекарда. Масалан, бо эътиқод ба қазо ва қадр номулоимоти зиндагиро барои худаш ҳал мекарда. Бо эътиқод ба биҳишт ва эътиқод ба ин ки агар инҷо мо нороҳатӣ мекашем, дар иваз биҳиште ҳаст, номулоимотро барои худаш осон мекарда ва аз ин қабил…”* (*Баргузидаи афкори Рассел*)

## Нақду баррасӣ

Инҳо ҳамон тавр, ки гуфтам, аз аввал фарзашон бар ин аст, ки наметавониста як мантиқ маншаи пайдоиши фикри мазҳаб бошад, ҳол, ки чунин аст, пас биравем дунболи он умури ғайримантиқӣ: тарс ва ҷаҳл ва ғайра.

Ба инҳо бояд гуфт, гоҳе маншаи гароиши башар ба як фикр, ҳарчанд ботил бошад, боз ҳам мантиқи башар буда, на чизе моварои мантиқаш. Масалан, чанд ҳазор сол буд, ки башар фикр мекард, ки хуршед ба даври замин мегардад ва замин собит аст. Оё ҳеч гоҳ мо дунболи ин меравем, ки чӣ иллате сабаб гардид, ки башар мӯътақид шуд, ки замин марказ аст ва хуршед ва ситорагон ба даври замин мегарданд? Оё масалан тарс аз амвот буд?..

(На, ҳаргиз, балки) башар нигоҳ мекард ва ба назараш мерасид, ки хуршед ва ситорагон ба даври замин мечарханд. Ҳамон тавр, ки медид, ҳукм мекард. Ин, дигар, далеле ғайр аз худи дидан ва худи фикри инсон надорад. Далеле аз хориҷ надорад. Мисли эътиқод ба нуҳусати 13 нест, ки бигӯем, дар инҷо омили дигаре ғайр аз ақли башар дахолат кардааст.

Аз инҳо (амсоли Рассел) бояд пурсид, ки оё башар — ҳамон башари гузаштаи чанд ҳазор сол пеш — ин миқдор фикр надошт, ки (бифаҳмад) фикраш ӯро ба мазҳаб ва Худо кашонда бошад? Башаре, ки хушбахтона осоре, ки акнун аз ӯ дар илму фанну санъат ва ҳатто фикру назар ба даст омада, баъзе аз онҳо дар сатҳи бисёр болое аст ва бисёре низ асараш акнун дар даст нест. Қадимтарин китобҳое, ки аз Чин ва ғайра ба даст омада дарбардорандаи фикрҳои фалсафӣ аст, ки ба қадре дақиқ ва баланд аст, ки асбоби ҳайрати башари имрӯзӣ аст. Шумо мебинед, аҳроми Мисрро ашхоси имрӯз мисли Ҳаштрӯдӣ наметавонанд бовар кунанд, ки ин сохтаи башари он рӯз аст. Яъне он қадр

инҳо намоишгари як фанну санъати пешрафта аст, ки мегӯянд, инро инсонҳои дигар аз кураҳои дигар омадаанд ва сохтаанд.

Оре, оё башар — ҳамон башари гузашта — ин миқдор фикр надошт, ки (бифаҳмад) фикраш ӯро ба мазҳаб ва Худо кашонда бошад? Ҳамин, ки шумо мегӯед, дар борaи ҳаводис фикр мекард ва мегуфт, як иллате дорад, бисёр хуб, як қадам он тарафтар биравад, ки худи он иллат чист? Ин як қадами соддае аст, ки фикри башар бирасад ба онҷо. Дигар ҳамон қадами аввал намеистад. Ҳамин қадр, ки исмашро гузошт "илоҳ" ва "худо" намеистад. Мегӯяд, ин борон, як чизе ҳаст, ки онро мегардонад. Баъд меравад суроғи он чиз. Он чиз худаш чӣ гуна аст? Ин ҷузъи афкори ибтидоии инсон аст. Яъне инсони мадрасадида ва дарсхонда намехоҳад, балки ҳар инсоне зуд мунтақил мешавад, ки он чи ман мебинам, ба сурати як мақҳур ва марбуб аст.

## Ҷавоби Огюст Конт ва Бертран Рассел бо такя ба мантиқи Қуръон

Қуръон чӣ эъҷозе ба харҷ медиҳад, ки достонро аз Иброҳим (а) нақл мекунад, ки ҷузъи қадимтарин пайғамбарон аст қабл аз масеҳият ва яҳудият ва ҳамаи инҳо; аз Иброҳими ҷавон ҳам нақл мекунад, аз Иброҳим ба сурати як касе, ки ба иллатҳои хоссе аз ҷомеа дур будааст.

Ин хеле нуктаи фавқулъодае аст, ки Қуръон махсусан ин достонро нақл мекунад, ки Иброҳим ба як иллатҳои хоссе аз иҷтимоъ ва ҷомеа дур буда ва дар ғор зиндагӣ мекарда.[1] Барои аввалин бор, ки ин ҷаҳонро мебинад; ҳангоме, ки ситорае нурониро мебинад, назарашро беш аз ҳама ҷалб мекунад; мегӯяд:

هَذَا رَبِّي

Ҳол, ё ба сурати истифҳом ва ё ба сурати қабул: рабби ман, гардонандаи ман, парваришдиҳандаи ман, мудаббири ман ин аст!

---

[1]) *Ман мукаррар гуфтаам, Ҳай ибни Яқзони Қуръон, Иброҳим (алайҳис салом) аст. Ҳай ибни Яқзон яъне як одами фарзӣ, ки фалосифа фарз мекунанд, ки ӯро дар як горе ва дар ҷойе, ки ҳеч инсонеро набинад ва фикре аз касе нагирад бузург кунанд, якмартиба ӯро дар муқобили олам қарор диҳанд, бибинанд худаш чӣ гуна фикр мекунад. Вале Қуръон як Ҳай ибни Яқзон дорад, ки зимнан одами воқеӣ ҳам ҳаст.*

Як вақт мушоҳида мекунад, ки баъд аз муддати каме ҷояш иваз шуд ва уфул кард; мебинад, он хислате, ки дар худаш ҳаст, ки дунболи “рабб” барои худаш меравад, яъне мақҳур будан, марбуб будан ва мусаххар будан, дар ин ҳам, ки дар бораи ӯ гуфт: “هَذَا رَبِّي” ҳаст. Гуфт:

لَا أُحِبُّ الْآفِلِينَ

(*“Ғурубкунандагонро, уфулкунандагонро дӯст надорам, намехоҳам…”*) Моҳро, ки бузургтар буд дид, гуфт:

هَذَا رَبِّي

Вақте дид, моҳ ҳам ҳамон хислати худаш аз марбубиятро дорад, таъаҷҷуб кард. Ҳисс мекунад, раббе дорад, аммо ин нест.

Аҷаб! Ин бор ҳам, ки иштибоҳ кардам.

لَئِنْ لَمْ يَهْدِنِي رَبِّي

Агар рабби воқеӣ маро ҳидоят намекард, сахт гумроҳ шуда будам. Хуршедро мебинад:

هَذَا رَبِّي هَذَا أَكْبَرُ فَلَمَّا أَفَلَتْ

(*“Ин Худои ман аст. Ин бузургтар аст. Аммо ҳангоме, ки ғуруб кард…”*), якдафъа даст аз ҳамаи инҳо шуст, яъне ҳисобҳояшро кард, хеле ҳисоби соддае ҳам ҳаст: ҳамаи инҳое, ки ман мебинам, як хеланд, гуфт: “Савдо чунин хуш аст, ки якҷо кунад касе”, ҳамаи ин ашё дар ҳаракат ва мусаххаранд ва гардиш дода мешаванд, яъне оламро ба сурати як воҳиди марбуб дид. Қуръон мегӯяд, фикри инсони аввалӣ ҳам мерасад ба ин матлаб, ки ҳамаи олам якҷо ҳукми як марбубро доранд, пас рабб он аст, ки хислати инҳоро надошта бошад:

وَجَّهْتُ وَجْهِيَ لِلَّذِي فَطَرَ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضَ

(*“Ман рӯи худро ба сӯи касе кардам, ки осмонҳо ва заминро офарида…”*)

Ба инҳо (амсоли Рассел) бояд гуфт, оё инсоншиносӣ ин тавр дурусттар аст ё он тавр, ки шумо мегӯед? Ояти зарр (*ояти 172 сураи Аъроф*) низ — агар тафсири “*Алмизон*”-ро мутолеа кунед ва агар бирасем рӯи он баҳс мекунем — баёнгари ҳамин матлаб аст:

وَإِذْ أَخَذَ رَبُّكَ مِنْ بَنِي آدَمَ مِنْ ظُهُورِهِمْ ذُرِّيَّتَهُمْ وَأَشْهَدَهُمْ عَلَى أَنْفُسِهِمْ أَلَسْتُ بِرَبِّكُمْ قَالُوا بَلَ

(*“Ба хотир биёвар замонеро, ки парвардигорат аз пушту сулби фарзандони Одам зуррияи онҳоро баргирифт ва онҳоро гувоҳ бар хештан сохт ва фармуд: оё ман парвардигори шумо*

*нестам? Гуфтанд: оре…" (Сураи Аъроф, ояти 172)*) Қуръон мегӯяд, ин амр марбут ба таълиму тарбият ва ғайра нест, инсони бадавӣ ва аввалӣ ва инсони васат ва инсони ниҳоӣ, ҳама дар ин ҷиҳат яксон ҳастанд ва ин ҷузъи фитрати инсон аст:

أَلَسْتُ بِرَبِّكُمْ

Оё ман парвардигори шумо нестам? Яъне инсон эҳсос мекунад, ки худаш ва ҳар чи, ки хислате монанди хислати ӯро дорад, марбуб аст ва рабби ғайримарбуб дорад, чун раббе, ки марбуб бошад, ӯ боз ҷузъи марбубҳост.

Вақте, ки як матлаб чунин пояи мантиқӣ дорад, яъне мантиқ ҳам кофӣ буда, ки башарро бирасонад ба онҷо, ин чӣ беморӣ аст, ки инсон биравад дунболи ин хел тавҷеҳу таҳлилҳо? (Тавҷеҳу таҳлилҳое, ки амсоли Огюст Конт ва Бертран Рассел карда.)

Ин мисли ин аст, ки дари ин солун боз аст, як вақт мебинем, як оқое дар ин солун пайдо шуд, баъд бигӯем, оё ин оқо аз сӯрох ворид шуд? Оё деворро сӯрох кард? Сақфро сӯрох кард? Мегӯянд, дар боз аст, аз дар омад. Як вақт дар қуфл аст, вақте одам мебинад, ки як инсон инҷо пайдо шуд, меравад гӯшаву канорҳоро бигардад, ки ӯ аз куҷо ворид шуд? Аммо вақте, ки дар боз аст, ин як беморӣ аст, ки одам фикр кунад, ки он инсон аз кадом сӯрох ворид шуд?

Ҳол, оё мантиқи қуръонӣ қавитар аст ё мантиқи инҳо? (Амсоли Огюст Конт ва Бертран Рассел?) Қуръон махсусан мисолро барои Иброҳим зикр мекунад; Иброҳиме, ки то ҳудуди 16-солагӣ дар ҷое буда, ки оламро надида буда ва ҷуз ғор ҷойи дигар набуда. Мегӯяд, инсони ибтидоӣ бо фитрати худаш ин хел ҳукм мекунад, яъне ин соддатарин масоил аст. Ин як ҷиҳат.

Ҷиҳати дуввум ин ки: **оё инсонҳои ибтидоӣ ҳамин назми ҳайратангезро дар олам намедиданд? Инсони ибтидоӣ дарахт намекошт? Вақте, ки медид, як донае, як шайъи хеле соддае зери замин меравад, баъд ба сурати дарахте дармеояд ва баъд ин ҳама баргҳо, гулҳо, шукуфаҳо ва меваҳо медиҳад, инҳо таъаҷҷубашро барнамеангехт? Оё ташкилоти вуҷуди худашро намедид? Ҳамин назмҳо ҳайрати башари аввалияро барнамеангехт, ки бигӯем, ҳаминҳо мӯҷиби гароиши инсон ба Худо ва дин будааст? Ҳол, шумо бигӯед ғалат. Ман мегӯям, оё инҳо барои ин ки ин фикрро дар башар ба вуҷуд биёварад кофӣ набуда? Чӣ тавр бо будани ин ҳама**

**мабно барои фикри башар,**[1] **бо боз будани чунин дарҳои мантиқӣ ва фикрӣ, мо инҳоро надида бигирем, баъд бигӯем, оё тарс сабаб шуд, ки башар ба фикри Худо афтод? Оё ҷаҳл ва нашинохтани иллатҳои ҳаводис сабаб шуд? Ин, ки мурдагонро хоб медида ва ба дугонагии руҳҳо расида сабаб шуд?.. Вақте, ки якчунин даре боз аст, ин чӣ ҷунуне аст ва чӣ иллате дорад, ки инсон биравад дунболи инҳо?.. Яъне якчунин мабнои фикрӣ ва мантиқӣ доштааст**.

Аввалан, барои башари ибтидоӣ ҳам ин миқдор кофӣ аст барои ин ки фикри Худо барои ӯ пайдо шавад. Ва сониян, таърих нишон медиҳад, ки дар ҳамон давраҳое ҳам, ки инҳо мегӯянд "давраи моқабли таърих" — он миқдоре, ки осори таърихӣ ҳаст — башарҳои хеле муфаккир вуҷуд доштаанд (ба қавли мо, пайғамбарон ва ба қавли инҳо, файласуфон), ки кофӣ буда ҳамонҳо тазаккурро ба башар бидиҳанд.

**Пурсиш**: ***Метавонем бигӯем, ҷаҳли башар нисбат ба як силсила аз мабонӣ боис шуд, ки фикри башар роҳи ғалат пайдо кунад…***

**Посух:** Ҷаҳле ва эътиқоди фитрӣ ба иллият, чун агар эътиқод ба иллият набошад, ҷаҳл танҳо кофӣ нест. Ман таъбири қадами аввал ва қадами дуввум кардам; гуфтам, қадами аввал ин аст, ки башар мегӯяд, ин ҳодиса наметавонад бидуни иллат бошад; зеҳни башар ҳатто зеҳни як бачаи 3-4-сола вақте ба ҳодисае бархӯрд мекунад, дунболи сабаб ва иллати он меравад. Масалан, як бачаи 3-4-сола вақте мебинад, садое пайдо шуд, мегардад ин тараф ва он тараф; мехоҳад бибинад, иллати он чист. Яъне зеҳнаш қабул намекунад, ки садо худ ба худ пайдо шуда бошад. Пас башари аввалия ҳамеша дунболи иллат мерафтааст.

Аммо қадами дуввум. Мехоҳам бигӯям, қадами дуввум як қадами бисёр соддаест, як қадаме нест, ки бояд қарни 20-ум расида бошад, то фикри башар ба он бирасад, ки худи он иллат чӣ гуна падид омада. (Масъалаи иллати иллат) Ин масъала пеш меояд, ки оё як чиз аст, ки иллати ҳамаи ин ашёст ё чунин чизе нест? Ин суол хеле ба зудӣ барои башар тарҳ мешавад. Вақте ҳам, ки суол тарҳ бишавад, он ҳарфе, ки Қуръон мегӯяд, дар фитрати инсон аст; мегӯяд, аз ин ҷиҳат, ки башар марбубиятро, яъне тағйирро мебинад — вақте, ки мебинад, ашё тағйир мекунанд ва бидуни он ки худашон бихоҳанд меоянд

[1]) *Гуфтем, мабно барои фикри башар яъне инсон бо фикраш бирасад ба онҷо гарчӣ иштибоҳ карда бошад, мисли ҳамон ҳаракати замин ва ҳаракати хуршед.*

ва мераванд — дунболи омили тағйир меравад. Чун онҳоеро, ки ҷустуҷӯ мекунад, мебинад ҳама ба ҳамин дард мубтало ҳастанд, яъне ҳисс мекунад, ки дар носияи ҳамаи инҳо навишта шуда, ки худи ин ҳам як мутағайирест, ки қудрате ва қудратҳое бар он ҳукумат мекунад ва маҳкум ва марбуб ва таҳти таъсири шайъи дигар аст, фавран ин фикр барои ӯ пайдо мешавад, ки оё як қудрате, ки он фақат ҳоким бошад ва маҳкум набошад, вале тағйир накунад, вуҷуд дорад ё вуҷуд надорад? Ин фикр, хеле табиӣ аст.

Арз кардам, ман инҷо дар мақоми ин ҷиҳат нестам, ки мақсуд аз “фикри мантиқӣ” фикри мантиқест, ки сад дар сад дуруст аст ё дуруст нест. Он як масъала аст ва ин ки мантиқ инсонро ҳидоят карда бошад, масъалаи дигаре аст. Мантиқ гоҳе инсонро ба як ҷое ҳидоят мекунад, ҳарчанд ба ғалат ҳам ҳидоят кунад, билохира фикр аст, ки одамиро ҳидоят карда, яъне инсон аз даруни худаш ҳидоят шуда, яъне дастгоҳи идрокӣ ӯро ба онҷо расонда, на омили моварои дастгоҳи идрокӣ.

Ҳамон тавр, ки арз кардем, дар масъалаи сукуни замин ва ҳаракати хуршед, ин як ғалат буд, вале ҳамон дастгоҳи идрокӣ чандин ҳазор сол башарро ба ин ғалат гирифтор карда буд, на омиле берун аз ӯ, ки ҳоло, ки ин ғалат аз об даромада, биравем бибинем, оё иллаташ хоб дидан буда ё чизи дигар? На, башар ҳисс дорад, фикр дорад, бар асоси эҳсосҳои худаш як фикре мекунад; чашм дид, ки замин такон намехӯрад ва хуршед андаке боло омад ва баъд бештар боло омад ва инсон хаёл кард, ки ҳиссаш иштибоҳ накарда, дигар иллате моварои дастгоҳи идрокӣ ва фикрӣ вуҷуд надорад.

Пас, ҳарфи мо ин аст, ки барои ин масоил ҳамеша иллате моварои мантиқ ва дастгоҳи идрок ҷустуҷӯ кардан чаро? **Ҳангоме мо бояд биравем ба дунболи иллати моварои дастгоҳи идрок ва фикр, ки аз назари дастгоҳи идрокӣ ва фикрӣ ҳеч гуна тавҷеҳе надошта бошем; бигӯем, чун ҳеч гуна тавҷеҳе надорад, пас амре ғайр аз дастгоҳи идрокӣ омили он будааст.**

Он чи, ки инҳо “ҷаҳл” (нодонӣ) меноманд, ғайр аз он чизе аст, ки шумо мегӯед. Масъала ин нест, ки башар фикр ва истидлол мекарда, вале дар истидлолаш иштибоҳ карда; ҳамон ҷаҳле, ки як файласуф дар фалсафаи худаш ва як олим дар илми худаш дорад. Ҷаҳле, ки инҳо мегӯянд, яъне ҷаҳле, ки сирфан як ваҳм аст. Масалан, башар хоб медида, дар хоб дугонагии худашро эҳсос мекарда ва баъд хаёл мекарда, ки пас ҳамаи ашё ҷону руҳ доранд.

**Пурсиш**: ***Масалан, омадани боронро фавран мунтасаб мекарда ба як чизе ва исмашро мегузошта "Худо"...***

**Посух**: Ҳамон асли иллият.

**Пурсиш**: ***Сухани ман ҳамин матлаб буд, ки инҳо ба хотири адами огоҳӣ аз иллати воқеии моддӣ, фавран мунтасаб мекарданд ба як омили моварои табиат.***

**Посух**: На, инҳо (Огюст Конт ва Бертран Рассел) як миқдорро, ки масъалаи асли иллият аст қабул мекунанд, яъне дар баёни инҳо ҳам — махсусан дар баёни Огюст Конт — ин ҷиҳат ҳаст, ки башар аз аввал дар мақоми таълил (иллатёбӣ) баромада. Вале фикри башарро дар ҳамин ҷо мутаваққиф карданд ва рафтанд дунболи авҳом. Гӯӣ фикри башар аз инҷо як қадам он тарафтар нарафтааст. Фақат асли иллиятро қабул карданд, дигар аз он бештар пеш нарафтанд; гӯё башар беш аз ин наметавониста фикр кунад ва ҳамин ҷо истодааст. Ва чун фикр натавониста ин қазияро ҳал кунад, башар фарзиёте ва сирфан авҳоме, ки бо ҳеч фикру мантиқе ҷур дарнамеояд сохтааст. Яъне на ғалатест мантиқӣ, балки фақат ҷойи ваҳм ва ҷойи фарзест, ки ваҳми инсон мекунад.

Мо мегӯем, на, ин тафаккури мантиқии башар буда аз аввал то охир, ки ӯро ба онҷо расонда. Агар фарз ҳам бикунем, иштибоҳ аст, аз навъи иштибоҳи мантиқӣ аст, яъне фикр ва мантиқи башар ӯро ба ин иштибоҳ расондааст.

## Мурури дигар бар масъалаи "ишқ"

Ҷавоби суолотро бидиҳем. Як суол ин аст, ки: бо он ки дар забони арабӣ калимаи "ишқ" ба ҳамин мафҳуми мутадовал (роиҷ) дар забони мо ба кор меравад, вале мутаассифона дар тамоми Қуръон ва ривоятҳои исломӣ ин калима ва муштаққоти он ба чашм намехӯрад. Оё ҳамин наметавонад далели ғайри маънавӣ будани ин мақула бошад?

Ба таври куллӣ, аз маҷмӯи суолот маълум мешавад, ки ин баҳси "ишқ", ки мо матраҳ кардем, хеле суолангез буда ва шояд беҳтар ин буд, ки тарҳ намекардем. Навиштаанд, ки ин калима дар забони арабӣ ба ҳамин маъно ба кор меравад ва мутаассифона дар тамоми Қуръон ва ривоятҳои исломи ин калима ва муштаққоти он ба чашм намехӯрад. Аввалан, ба ин қурсӣ (муҳкамӣ ва усутуворӣ) нест, ки ин калима ва муштаққоти он дар тамоми Қуръон ва ривоятҳои исломӣ ба чашм намехӯрад. Дар ривоятҳо ҳам истеъмоли ин калимаро дорем, зиёд надорем, вале дорем. Дар мавриди "ибодат" ҳадис ҳаст, ки:

**طوبى لمن عشق العبادة وأحبّها بقلبه وباشرها بجسده**

(*“Хушо ба ҳоли касе, ки ба ибодат ишқ варзида ва бо қалбаш онро пазируфта ва бо ҷасадаш онро анҷом дода!”*) Ҳамчунин дар он ривояти маъруф дорад, ки амирулмӯъминин зоҳиран дар вақте, ки мерафтанд ба Сиффин, яъне дар ҷанги Сиффин дар масире, ки аз Куфа ба тарафи Шом — ба тарафи лашкаргоҳи Муовия — ҳаракат мекарданд, расиданд ба ҳамин сарзамини Найнаво (сарзамини Карбало). Дар онҷо як мушт аз ин хокро бардоштанд ва бӯиданд ва баъд фармуданд:

**إيه لك أيّتها التّربة، ليحشرنّ منك أقوام يدخلون الجنّة بغير حساب**

Хушо ба ту, ки аз миёни ту гурӯҳе маҳшур хоҳанд шуд, ки бидуни ҳисоб вориди биҳишт мешаванд! Баъд фармуд:

**مناخ ركّاب ومصارع عشّاق**

— ки нисбат ба асҳоби Имом Ҳусайн калимаи “ъушшоқ” таъбир шуда. Ин ривоят дар китобҳои мақотил аз ҷумла китоби “*Нафасул-маҳмум*”-и марҳум Ҳоҷӣ Шайх Аббоси Қумӣ ҳаст.

Пас, ба ин қурсӣ, ки аслан дар Қуръон ва ривоятҳои исломӣ ин калима ва муштаққоти он ба чашм намехӯрад, ба ин шиддат нест, ҳаст, вале кам аст.

Ва сониян, як вақт мегӯед, ки худи ин калима ба чашм намехӯрад. Дар ин сурат мегӯем, лафз, ки наметавонад мавзӯи баҳс бошад. Агар чизе мавриди икроҳи ислом бошад, маънои он мавриди икроҳ аст, на лафзи он ки бигӯем, ислом аз ин лафз танаффур дорад. Муҳаббат вақте, ки ба он ҳолат бирасад, “ишқ” номида мешавад. Ба як ҳолате, ки зимоми фикр ва иродаи инсонро мегирад, бар ақлу бар ирода тасаллут пайдо мекунад ва ба ҳамин хотир ҳолате мешавад шибҳи ҷунун, яъне ақлро дигар дар онҷо ҳукме нест:

*Қиёс кардаму тадбири ақл дар раҳи ишқ.*

*Чу шабнамест, ки бар баҳр мекашад рақаме.*

*(Ҳофиз)*

Дар масъалаи ҷанги ақлу ишқ мебинед, ки ҳамеша пирӯзиро бо ишқ донистаанд ва маҳкумиятро бо ақл:

*Некхоҳонам насиҳат мекунанд,*

*Хишт бар дарё задан беҳосил аст.*

*Эй бародар, мо ба гирдоб андарем,*

*В-он ки шанъат мезанад, бар соҳил аст.*

*Шавқро бар сабр қувват ғолиб аст,*

*Ақлро бо ишқ даъво ботил аст.*

*(Саъдӣ)*

Якчунин ҳолатеро “ишқ” меноманд. Айби асосии ин ҳолат ин аст, ки аз ихтиёри инсон хориҷ аст. Ин қобили тавсия нест. Бархе умур аст, ки агар пайдо бишавад, ба шарти ин ки инсон дар бархӯрд бо он ба наҳви аҳсан рафтор кунад, муфид воқеъ мешавад, вале худаш қобили тавсия нест, мисли мусибат. Мусибат барои инсон метавонад осори бисёр муфиде дошта бошад, аммо қобили тавсия нест, ки ба инсон бигӯянд, ту ба дасти худат барои худат мусибат ба вуҷуд биёвар, чун мусибат ва бало як кӯраи хеле хубест барои ислоҳи инсон.

Ин масъалае, ки ба номи “ишқ” номида мешавад низ чизе аст, ки агар пеш омад, мумкин аст як касеро хароб кунад, мумкин ҳам ҳаст як касеро обод кунад, вале ба ҳар ҳол як амри қобили тавсия нест. Агар ҳам урафо онро тавсия кардаанд, онҳо як иддаое доранд. Иддаояшон ин аст, ки мегӯянд, одами комил мисли як одамест, ки шиноро хуб балад аст, ки агар як касеро, ки шино балад нест, дар дарё ҳам биандозад, агар дид ғарқ мешавад, метавонад ӯро бигирад ва берун биёварад. Онҳо мӯътақиданд, ки як одами комил агар бар як ноқис ишроф дошта бошад, метавонад муроқиб ва мувозиби ӯ бошад ва нагузорад ҳалок бишавад.

Мисли он тамрине, ки баччаҳоро дар истахр (ҳавз) медиҳанд. Ба бачча намешавад тавсия кард, ки ба танҳоӣ бирав дар истахр, аммо таҳти муроқибати як нафар мураббӣ монеъе надорад, ӯ муроқибаш аст, агар дид дорад ғарқ мешавад, наҷоташ медиҳад.

Ҳамчунин инҳо мӯътақиданд, ки ин як амрест, ки агар рух бидиҳад, дар инсон ваҳдат ва тамаркуз эҷод мекунад, яъне ӯро аз ҳазорон риштаи таъаллуқ ҷудо мекунад.

Як айби асосӣ дар мо ин аст, ки дар руҳи мо садҳо ришта ба садҳо шайъ вобастагӣ дорад, на ба як шайъ. Ба садҳо шайъ аз назари руҳу маъно вобаста ҳастем, мисли як инсоне ё як ҳайвоне, ки бо риштаҳои мухталиф ба сад ҷо баста бошад, ки агар яке аз онҳо бурида шавад, 99-тои дигар ҳаст, 2-то бурида шавад, 98-тои дигар ҳаст. Инсон барои ин ки ба Худо аз назари амал муваҳҳид бошад ва ҳамаи риштаҳо (-и муттасил ба ӯ) аз Худо сарчашма бигирад, бояд ҳамаи инҳоро қатъ кунад, то битавонад ба ӯ васл кунад ва мисдоқи:

فَمَنْ يَكْفُرْ بِالطَّاغُوتِ وَيُؤْمِنْ بِاللَّ

(*“Касе, ки ба тоғут (бут ва шайтон ва ҳар мавҷуди туғёнгар) кофир шавад ва ба Худо имон оварад…” Сураи Бақара, ояти 256)*) бишавад. Инҳо мӯътақиданд, ки ҳамин чизе, ки исмаш “бало” ҳаст (ишқ), сабаб мешавад, ки инсон аз ҳамаи он сад шайъ мебурад, ба ҳамон яке васл мешавад ва ин ҳолати тамаркуз дар ӯ пайдо мешавад. Он гоҳ муддаӣ ҳастанд, ҳамин қадр, ки ин тамаркуз — ҳарчанд нисбат ба як мазҳар ва як шайъи ботил — дар ӯ пайдо шуд, баъд имкони ин ки ин тамаркуз таҳти муроқибати як “комил” аз инҷо бардошта шавад ва ба маркази аслии худаш гузошта шавад, ҳаст. Он чи гуфтаанд рӯи ин ҳисоб аст.

Суоли дигар ин аст, ки: оё парастишро ба мафҳуми убудият ба кор мебаред? Агар чунин аст, пас бо тавзеҳе, ки дар мавриди парастиш фармудед, ки марҳилаи ниҳоии ишқ аст, ибодатеро, ки бандагон фақат ба қасди анҷоми вазифа анҷом медиҳанд, чӣ метавон номид?

## Ибодати ҳақиқӣ

Ин ки ҷавоби равшане дорад. Ва он ин аст, ки ин, ҷузъи усули мусаллами маорифи исломӣ аст, ки дар ибодат ихлос шарт аст:

وَمَا أُمِرُوا إِلَّا لِيَعْبُدُوا اللَّهَ مُخْلِصِينَ لَهُ الدِّينَ

(*“(Дар китобҳои осмонӣ) амр нашуда буданд, магар ба ин ки Худоро ба ихлоси комил дар дин парастиш кунанд…” (Сураи Баййина, ояти 5)*) Ва яке аз ихлосҳо, балки болотарини ихлосҳо, ин аст, ки инсон маъбудаш ҳавои нафси худаш набошад. Ҳол, ҳар ҷо, ки ҳавои нафс бошад, қаҳран навъе ширк дар онҷо вуҷуд дорад. Дар ин баҳсе нест. Вале як вақт ҳаст, ки ширки инсон ба маънои мутаорафи ширк аст, дар воқеъ тавҳид аст, яъне тавҳид дар ғайри Худопарастӣ аст, ки аксари мардум муваҳҳиданд дар Худонопарастӣ.

Гуфтаанд, марҳуми Шайх Ҷаъфари Шуштарӣ он солҳое, ки он минбарҳои маъруфро дар Теҳрон мерафт, як рӯз рафт болои минбар ва гуфт: айюҳаннос! Ҳамаи пайғамбарон омадаанд шуморо ба тавҳид даъват кардаанд, ман омадаам шуморо ба ширк даъват мекунам.

Хеле назарҳоро ба худ ҷалб кард, ки ин чӣ мегӯяд? Баъд гуфт: ҳамаи пайғамбарон омадаанд, гуфтаанд, фақат Худоро бипарастед, фақат барои Худо кор кунед, ман мегӯям, як каме ҳам барои Худо кор кунед, яъне ҳамаи корҳоятон холисона барои ғайри Худо набошад.

Коре, ки холисона барои ғайри Худост яъне коре, ки одамӣ фақат барои дунё анҷом медиҳад, ки ҳеч ба Худо иртибот пайдо намекунад, вале инсон дар бархе аз корҳо Худоро васила қарор медиҳад барои хостаҳои нафсонии худаш. Ин гуна корҳо ҳарчанд дар он "Худо" васила аст ва ҳадаф нест, аммо боз як навъ рафтан ба дари хонаи Худост; ман медонам Худост, ки сарриштаи корҳои дунё дар дасташ аст, Худост, ки метавонад мушкилоти дунёямро ҳал кунад, агар ба хотири мушкилоти дунё набуд, ба тарафи хонаи Худо намерафтам, вале ҳоло меравам ба дари хонаи Худо, аммо барои мушкилоти дунё.

Шак надорад, ки ин худаш навъе ширк аст, яъне парастишест, ки Худо аз ҳадаф будан хориҷ ва васила шудааст барои хостаи нафсонӣ. Вале Худованди Мутаъол ин навъ ширкҳоро, ки ширкҳои хафӣ аст, ба навъе аз инсон мепазирад, яъне ҳамон чизеро, ки инсон мехоҳад ба ӯ медиҳад.

Дар охират ҳам ҳамин тавр аст. Агар инсон ибодатро анҷом бидиҳад барои хостаҳои ухравӣ, Худои Мутаъол ҳамон хостаҳои ухравиро ба ӯ медиҳад. Аммо ин, ибодат ба маънои воқеии ибодат ва парастиши Худо, ки Худо парастиш шуда бошад нест. Худо он вақт парастиш шудааст, ки Худо барои худи Худо парастиш шуда бошад, яъне парастиши ҳақиқӣ ва ихлоси ҳақиқӣ фақат ва фақат он аст, боқӣ дигар инҳо маротиб ва дараҷоте аз ширк аст, вале ширкҳои хафӣ аст, ки ин ширкҳои хафӣ дар олами охират уқубат надорад. Аммо шак надорад, ки инҳо ширк аст. Яъне тавҳид як дараҷа ва як мартиба нест. Ҳатто ҳадисе ҳаст — хеле аҷиб аст — ки:

**اِنَّ دَبيبَ الشِّرْكِ فِى الْقَلْبِ اَخْفى مِنْ دَبيبِ النَّمْلَةِ السَّوْداءِ عَلَى الصَّخْرَةِ الصَّمّاءِ فِى اللَّيْلَةِ الظَّلْماءِ**

"*Пайдоиши махфиёнаи ширк дар қалби инсон он қадр махфӣ мемонад аз худи инсон, ки монанди ҳаракат кардани мӯрчаи сиёҳ аст дар шаби торик рӯи санги сиёҳ.*" Ин нишон медиҳад, ки тавҳид аҷиб дақиқ аст. Мӯрча сиёҳ бошад, шаб ҳам торик бошад, санг ҳам сиёҳ бошад, оё чашм ӯро мебинад?

Бинобар ин, мо як ибодати ҳақиқӣ дорем ва як ибодатҳои маҷозӣ. Ибодати ҳақиқӣ ҳамон аст, ки:

**ما عبدتك خوفا من نارك ولا طمعا فى جنّتك بل وجدتك أهلا للعبادة فعبدتك**

(Аз ҳазрати Алӣ аст, ки фармояд: "*Туро, эй Худо, ба хотири тарси аз оташи дӯзахат ва ба хотири тамаъ ба биҳиштат напарстидам, балки фақат ба ин хотир парастидамат, ки туро барои ибодат шоиста дидам, пас парастидам.*")

## Тамсили Саъдӣ

Чӣ олӣ овардааст Саъдӣ ин достонро! Албатта тамсил ва масал аст ва муқаддимааш манзур нест. Медонед, ки аз ишқҳои тамсилӣ ишқи Султон Маҳмуд ва Аёз аст.

Мегӯяд, ба Султон Маҳмуд айб мегирифтанд, ки охир ин чӣ ҳусне дорад? Чӣ зебоие дорад? Ин шаклу қиёфа надорад, чаро ин қадр нисбат ба ӯ ишқу муҳаббат меварзӣ? Султон Маҳмуд мехост як вақте амалан ба инҳо нишон бидиҳад, ки чаро чунин аст ва ба хотири онҳое, ки шумо хаёл мекунед, нест, далели дигаре дорад, на ин ки ман ошиқи чашму рӯи ӯ ҳастам. Бандаи воқеӣ ва холиси ман ӯст, ки маро ба хотири худам дӯст медорад. Дар "*Бӯстон*" аст:

*Яке хӯрда бар шоҳи Ғазнин гирифт,*

*Ки ҳусне надорад Аёз, эй шигифт!*

*Гулеро, ки на ранг бошад, на бӯй,*

*Ғариб аст савдои булбул бар ӯй.*

*Ба Маҳмуд гуфт ин ҳикоят касе,*

*Бипечид аз андеша бар худ басе,*

*Ки ишқи ман, эй хоҷа, бар хӯи ӯст,*

*На бар қадду болои некӯи ӯст.*

*Шунидам, ки дар тангное шутур*

*Бияфтоду бишкаст сандуқи дур.*

Мегӯяд, дар як сафаре, ки мерафт, дастур дод амдан борҳоро шул (нарм, муқобили муҳкам) бибанданд ва ба як даррае, ки мерасанд, онҷо амдан сандуқи ҷавоҳиротро — ки маъмулан ҳамроҳи худ доранд — аз рӯи шутур биандозанд, ки ин сандуқ бишканад ва дурру марҷону ҷавоҳири қиматӣ бирезад таҳи дарра.

*Ба яғмо малик остин барфишонд*

*В-аз он ҷо ба таъҷил маркаб биронд.*

Гуфт, ҳар ки ҳар чи бардошт, моли худаш. Инро гуфт ва шаллоқ зад ба асбаш ва худаш рафт.

*Саворон пайи дурру марҷон шуданд,*

*Зи султон ба яғмо парешон шуданд.*

Якчунин яғмоеро эълом карданд, ҳама рехтанд таҳи дарра, ки як гавҳари қиматӣ ба даст оваранд.

*Намонд аз вушоқони гарданфароз*

*Касе дар қафои малик ҷуз Аёз.*

Як вақт Султон Маҳмуд нигоҳ кард пушти сараш, дид фақат як нафар монда ва ӯ Аёз аст. Ҳама рафтаанд суроғи неъмат.

*Нигаҳ кард, к-эй дилбари печ-печ,*

*Зи яғмо чӣ овардаӣ? Гуфт: ҳеч.*

*Ман андар қафои ту метохтам,*

*Зи хидмат ба неъмат напардохтам.*

Ман хидматро бар неъмат тарҷеҳ додам. То инҷо масал буд. Инҷо, ки мерасад, гурезашро мезанад; мегӯяд:

*Хилофи тариқат бувад, к-авлиё*

*Таманно кунанд аз Худо ҷуз Худо.*

*Гар аз дӯст чашмат ба эҳсони ӯст,*

*Ту дар банди хешӣ, на дар банди дӯст.*

Ибодати ҳақиқӣ ин аст, набояд ғайри онро ба ҳисоби ибодат бигузорем. Ин ширкҳоро (ки дар бахши пешин аз он сухан рафт) Худованд ба тафаззули худаш аз мо пазируфтааст.

Ҳол, гирам, ки ин луғат (луғати "ишқ") ба кор нарафтааст, маъно чӣ тавр? Ин луғат дар мавриди Худо ҳам ба кор бурда нашудааст, магар ҳамон ҷумлаи:

**طوبى لمن عشق العبادة وأحبّها بقلبه**

Ё кам ба кор бурда шудааст, вале ин маъно ба кор бурда шудааст. Магар дар "*Дуои Кумайл*" намехонем:

**واجعل قلبى بحبّك متيّما**

("*Парваридгоро!.. Диламро бо муҳаббатат мутайям (беқарор) фармо!*") "Мутайям" ҳамон ҳолатеро мегӯянд, ки мо "ишқ" меномем. Дар чанд таъбири дигар низ дар "*Дуои Кумайл*" назири ин матлаб ҳаст.

Суоли дигар дар ҳамин замина аст ва боз масъалаи ишқ ва ҳавои нафс ва ин ҷур чизҳо. Арз кардем, онҳое, ки ин ҳарфро задаанд (яъне урафо), аввалан муддаӣ ҳастанд — коре надорам, ки ҳарфашон дуруст аст ё нодуруст — ки ишқ ду навъ аст: як навъаш асосан шаҳват аст, онро "ҷисмонӣ" меноманд ва мегӯянд, раҳояш кунед. Як навъи дигараш ҳаст, ки мегӯянд, он, шаҳват нест ва амри руҳӣ аст, тоза, он ҳам, ки амри руҳӣ аст, худаш

ба худии худ як камоле барои инсон нест. Мегӯянд, вақте, ки инсон ин ҳолати руҳиро пайдо кард ва як ҳолати шибҳи ҷунун дар ӯ пайдо шуд, хоссияташ ин аст, ки инсонро аз ғайри он маъшуқ аз ҳама чиз мебурад ва ҷудо мекунад ва инсон тоза омодагӣ пайдо мекунад барои ин ки якдафъа аз халқ якҷо бибурад ва дар маъшуқ тамаркуз пайдо кунад.

Достони Зулайхо, ки дар ривоятҳо омадааст, ҳамин аст. Зулайхо ошиқи Юсуф мешавад. Таъбири Қуръон ба ҷои "ишқ" чунин аст:

قَدْ شَغَفَها حُبًّا

(*"Ва ҳубби ӯ (Юсуф) вайро шефта ва фирефтаи худ сохта…" (Сураи Юсуф, ояти 30)*). "شَغَفَها" зоҳиран гуфтаанд яъне ин ки маҷомеъи қалбашро гирифта буд, аслан қалбашро мисли мушт дар ихтиёр гирифта буд. Ин ҳолат дар ин зан пайдо мешавад. Баъдҳо ин зан, ки қаблан дини шавҳарашро доштааст — ширк буда ё чизи дигар — муваҳҳид мешавад ва як муваҳҳиди Худопарасти комил мешавад.

Дар қиссаҳо ва ҳикоятҳо омадааст, ки Юсуф он охирҳо меравад суроғи Зулайхо. Зулайхо дигар ба ӯ эътино намекунад. Мегӯяд, ман Юсуфам, ман ҳамоне ҳастам, ки ту чунин мекардӣ. Ҳар чи мегӯяд, Зулайхо ба ӯ эътино намекунад. Мегӯяд, чаро? Мегӯяд, акнун ман касеро пайдо кардаам, ки дигар ба ту эътино надорам. Ҳамон ҳолати қаблӣ — ки шак надорад дар марҳилаи худаш чизи баде буд — табдил ба ин ҳолат шуда буд. Яъне агар ҳамон ишқи маҷозӣ ба Юсуф ӯро якдафъа аз ҳама чиз набурида буд ва ба якчунин ҳолати руҳӣ ворид накарда буд, дар марҳилаи баъд, ба як марҳила аз ишқи илоҳӣ намерасид, ки ба ҳамон Юсуф ҳам дигар эътино надошта бошад. Инҳо якчунин ҳарфе мезананд.

## Марксизм ва пайдоиши дин

Дар назарияи марксистҳо, дар давраи иштироки аввалия (обшинаи ибтидоӣ) дин вуҷуд надошта, дин баъд аз моликият ва баъд аз он ки ҷомеа ба ду гурӯҳи истисморгар ва истисморшуда, ғанӣ ва фақир тақсим шуд, пайдо шудааст. Ин як тафовут. Динро табақаи ҳокима вазъ кардаанд.

Тибқи назарияи инҳо, возеъони аввалияи дин худашон ҷузъи табақаи ҳокима будаанд. Вале назариёти гузашта ба табақот кор надошт, табақаи ҳоким ва маҳкум намешинохт ва барояш фарқ намекард. Бинобар ин, агар таърих нишон бидиҳад, ки ин тавр нест,

яъне агар таърих нишон бидиҳад, ки ҳамаи адён ё аксари адён аз табақоте буруз кардаанд, ки табақоти ҳокима набудаанд, қаҳран назарияи инҳо рад мешавад.

Инҳо мегӯянд, ки динро табақаи ҳокима вазъ кардааст барои ҳифзи имтиёзоти худаш. Мегӯянд, ин табақа як силсила имтиёзот дошта ва он табақаи дигар як силсила маҳрумиятҳо. Инҳо барои ҳифзи ин имтиёзот ба омили маънавӣ ва дарунӣ ҳам эҳтиёҷ доштанд ва он омили дарунӣ қаҳран бояд дар табақаи маҳкум ба сурати имон ва эътиқод бошад. Табақаи ҳоким қаҳран худаш беақида аст, чун "имомзода"-ро худаш сохта, фақат табақаи маҳкумро мӯътақид мекунад ва бинобар ин табақаи маҳкум бояд боимон ва боэътиқод бошад.

Он гоҳ дин барои табақаи маҳкум чӣ гуна аст? Аввалан, барои онҳо мояи тасаллӣ аст. Ба онҳо мегӯянд, ҳар чи дар инҷо аз даст додӣ, дар дунёи дигар ба даст меоварӣ, ғусса нахӯр. Ҳама барои ин ки инқилоб накун. Дар ин сурат бояд тамоми таълимоти дин дар ҷиҳати таслиму таскин бошад. Агар қазо ва қадар аст, барои ин аст, ки бигӯянд, оқо! Фоида надорад, магар бо қазо ва қадар мешавад ҷангид? Агар барои эҳсоси мағбуният (зиёндидагӣ) аст, мегӯянд, ҷуброн дар олами охират вуҷуд дорад. Пас, тамоми таълимоти адён дар ҷиҳати таслиму тамкину таскин аст.

## Нақди назарияи марксизм

Таълимоте дар адён – масалан, дар ислом — пайдо мешавад дар ҷиҳати хилоф (-и назарияи марксистҳо). Яъне таълимоте дар ҷиҳати инқилобӣ, (ки нишон медиҳад) на танҳо дин аз миёни табақаи ҳокима буруз накардааст, болотар аз он, хоҳ аз миёни табақаи ҳокима буруз карда бошад ва хоҳ аз табақаи дигар, дар ҷиҳати манофеи табақаи маҳкум ва даъват ба инқилоб аст…

Нуқоти заъфи ин назария (назарияи марксистҳо) яке марбут ба таърихи адён аст. Яъне таърихи адён нишон медиҳад, ки аз қадимтарин айёме, ки башар бар рӯи замин будааст, аз ҳамон даврае, ки инҳо онро давраи иштироки аввалия (обшинаи ибтидоӣ) меноманд, осори парастиш вуҷуд дорад. Макс Мюллер (*Max Müller*) ҳатто мӯътақид аст, ки бар хилофи назарияи маъруф, ки мегӯянд, дин аввал аз парастиши табиат ва ашё ва бутпарастӣ ва арбоби анвоъ шурӯъ шуда ва баъд расида ба парастиши Худои воҳид, деринашиносӣ собит карда — ва собит ҳам мекунад — ки аз қадимтарин айём парастиши Худои ягона вуҷуд доштааст.

Пас, тибқи ин назария (назарияи марксистҳо), аввалан дар давраи иштироки аввалия (обшинаи ибтидоӣ) имкон надорад дин вуҷуд дошта бошад, ки гуфтем, ин амр бо таърихи адён созгор нест. Ва сониян, дар ин давраҳое, ки давраи табақотӣ аст – масалан, дар давраи феодализм — мо бояд заруратан қабул кунем, ки оваранда ва пайравони аввалияи тамоми адён аз табақаи ҳокима будаанд.

Ин низ бо таърихи қатъӣ ва мусалламии адён ҷур дарнамеояд; бо ҳамин таърихи яҳуд ва Банӣ Исроил ҷур дарнамеояд, бо таърихи масеҳият ҳам ҷур дарнамеояд. Бо таърихи Банӣ Исроил аз ин ҷиҳат ҷур дарнамеояд, ки аввалан, Мӯсо (алайҳис салом) аз назари хунӣ ва нажодӣ вобаста аст ба қавми маҳрум ва истисморшуда, вале аз назари вазъи табақотӣ вобаста аст ба табақаи истисморгар, зеро ба манзилаи фарзанди Фиръавн аст; дар хонаи Фиръавн дар нозу неъмати фаровон бузург шуда, яъне ба манзилаи шоҳзодаи дараҷаи аввал аст. Чун онҳо бачча надоштаанд ва ӯ ба ҷои фарзандашон будааст. Мӯсо дар хонаи Фиръавн алайҳи Фиръавн ва ба суди табақаи истисморшудаи Фиръавн қиём мекунад. Ин дигар ба ҳеч ваҷҳ тавҷеҳи марксистӣ надорад. Ё бояд барои ин амр решаи қавмӣ ва нажодӣ ва хунӣ қоил шавем, ки ба ҳар ҳол бо марксизм ҷур дарнамеояд, чун инҳо аслан таърихро ҷидоли табақот медонанд, на ҷидоли хунҳо. Ба иборати дигар, ё бояд инро таассуби нажодӣ бидонем, ки Мӯсо баъд аз ин ки бузург шуд ва фаҳмид, ки хунаш бо хуни Фиръавн дутост ва онҳое, ки бо ӯ ҳамхун ҳастанд чунинанду чунон, таассуби хунӣ ӯро водор ба қиём кард, ки ба ҳар ҳол бо марксизм ҷур дарнамеояд. Ва ё агар чунин нагӯем, ҳар чи бихоҳем бигӯем, бо вазъи зиндагии Фиръавн ҷур дарнамеояд. Сониян, Мӯсо дар хонаи Фиръавн дар воқеъ ба суди Банӣ Исроил қиём мекунад, пас гурӯҳи истисморшуда ҳастанд, ки қиём мекунанд. Қиём қиёми фиръавниҳо нест, қиём алайҳи фиръавниҳост, яъне қиёми Банӣ Исроил аст. Пас, боз дуруст сад дар сад бар зидди ҳарфҳоест, ки инҳо мегӯянд, ки динро табақаи ҳоким вазъ кардааст. Мутобиқи ин назария, бояд бигӯем, дини яҳудро дар дастгоҳи Фиръавн вазъ карданд барои эҷоди ҳисси таслиму тамкин дар қавми Банӣ Исроил, дар сурате, ки дини яҳуд омад барои таҳрик ва таҳйиҷи Банӣ Исроил ва водор карданашон ба қиём:

وَتِلْكَ نِعْمَةٌ تَمُنُّهَا عَلَيَّ أَنْ عَبَّدْتَ بَنِي إِسْرَائِيلَ

(*“Оё ин миннате аст, ки ту (эй Фиръавн!) бар ман мегузорӣ, ки Банӣ Исроилро бардаи худ сохтаӣ?!” (Сураи Шуъаро, ояти* 22) Эътироз ба таъбиди Банӣ Исроил аст.

يَا قَوْمِ ادْخُلُوا الْأَرْضَ الْمُقَدَّسَةَ الَّتِي كَتَبَ اللَّهُ لَكُمْ

(*"Эй қавм! Ба сарзамини муқаддасе, ки Худованд барои шумо муқаррар дошта ворид шавед…" (Сураи Моида, ояти 21)*)

Ҳамаи он таҳйиҷ (барангехтан) аст: натарсед, пойдорӣ кунед ва таваккул бар Худо кунед, Худованд чунину чунон мекунад.

Худи ислом чунин дине аст:

وَنُرِيدُ أَنْ نَمُنَّ عَلَى الَّذِينَ اسْتُضْعِفُوا فِي الْأَرْضِ وَنَجْعَلَهُمْ أَئِمَّةً وَنَجْعَلَهُمُ الْوَارِثِينَ

(*"Иродаи мо бар ин қарор гирифтааст, ки ба мустазъафон неъмат бахшем ва онҳоро пешвоён ва ворисони рӯи замин қарор диҳем." (Сураи Қасас, ояти 5)*)

وَعَدَ اللَّهُ الَّذِينَ آمَنُوا مِنْكُمْ وَعَمِلُوا الصَّالِحَاتِ لَيَسْتَخْلِفَنَّهُمْ فِي الْأَرْضِ كَمَا اسْتَخْلَفَ الَّذِينَ مِنْ قَبْلِهِمْ وَلَيُمَكِّنَنَّ لَهُمْ دِينَهُمُ الَّذِي ارْتَضَى لَهُمْ وَلَيُبَدِّلَنَّهُمْ مِنْ بَعْدِ خَوْفِهِمْ أَمْنًا يَعْبُدُونَنِي لَا يُشْرِكُونَ بِي شَيْئًا وَمَنْ كَفَرَ بَعْدَ ذَلِكَ فَأُولَئِكَ هُمُ الْفَاسِقُونَ

(*"Худованд ба касоне аз шумо, ки имон овардаанд ва амалҳои солеҳ анҷом додаанд, ваъда медиҳад, ки қатъан халифаи рӯи замин хоҳад кард, ҳамон гуна ки пешиниёнро хилофати рӯи замин бахшид. Ва дину ойинеро, ки барои онҳо писандидааст побарҷо ва решадор хоҳад сохт ва хавфу тарси онҳоро ба амният ва оромиш мубаддал мекунад, ки танҳо маро мепарастанд ва чизеро барои ман шарик нахоҳанд сохт. Ва касоне, ки баъд аз он кофир шаванд, фосиқанд." (Сураи Нур, ояти 55)*) Навид аст барои мардум; мардуме, ки дигарон хилофати заминро гирифтаанд, ки хилофати заминро мо ба шумо медиҳем, заминро ирси шумо қарор медиҳем:

إِنَّ الْأَرْضَ لِلَّهِ يُورِثُهَا مَنْ يَشَاءُ

(*"Замин аз они Худост ва онро ба ҳар кас бихоҳад (ва шоиста бидонад), ба мерос медиҳад (ва вогузор мекунад)…" (Сураи Аъроф, ояти 128)*)

وَلَقَدْ كَتَبْنَا فِي الزَّبُورِ مِنْ بَعْدِ الذِّكْرِ أَنَّ الْأَرْضَ يَرِثُهَا عِبَادِيَ الصَّالِحُونَ

(*"Мо дар Забур баъд аз зикр (Таврот) навиштем, ки бандагони солеҳи ман ворис (-и ҳукумати) замин хоҳанд шуд." (Сураи Анбиё, ояти 105)*)

Тоҳо Ҳусайн китоби ширине навишта ба номи "*Алваъдул-ҳақ*", ки оқои Аҳмади Ором тарҷума карда ба номи "*Ваъдаи рост*". Ин китоби "*Алваъдул-ҳақ*" унвонаш ҳамин оят аст:

وَعَدَ اللَّهُ الَّذِينَ آمَنُوا مِنْكُمْ وَعَمِلُوا الصَّالِحَاتِ لَيَسْتَخْلِفَنَّهُمْ فِي الْأَرْضِ

Бист нафар аз мардумеро, ки ҳама аз табақаи барда ва мустазъаф ва маҳруму зердаст будаанд ва ин ваъдаи қуръонӣ ба онҳо ҳаёту ҷон дод — монанди Аммори Ёсир ва Абӯзари Ғифорӣ ва Абдуллоҳ ибни Масъуд — интихоб карда ва дар ин бора сухан гуфтааст. Аз китобҳои хеле хуб ва хонданист, ки барои баччаҳо ва ҷавонҳо бояд тавсия кард. Аслан, таърихи ислом чунин таърихест; Абдуллоҳ ибни Масъуд меояд бо Абӯҷаҳл, арбоби худаш меҷангад. Яъне инқилоби бандагон ва бардагон аст.

Ин амр бо ин тез (назарияи марксистҳо) асосан ҷур дарнамеояд. Таълимоте, ки мегӯяд:

لَا يُحِبُّ اللَّهُ الْجَهْرَ بِالسُّوءِ مِنَ الْقَوْلِ إِلَّا مَنْ ظُلِمَ

(*“Худованд дӯст надорад касе бо суханони худ бадиҳоро изҳор кунад, магар он касе, ки мавриди ситам воқеъ шуда бошад…” (Сураи Нисо, ояти 148)*)

Ё он ояте, ки мефармояд:

وَالشُّعَرَاءُ يَتَّبِعُهُمُ الْغَاوُونَ. أَلَمْ تَرَ أَنَّهُمْ فِي كُلِّ وَادٍ يَهِيمُونَ. وَأَنَّهُمْ يَقُولُونَ مَا لَا يَفْعَلُونَ. إِلَّا الَّذِينَ آمَنُوا وَعَمِلُوا الصَّالِحَاتِ وَذَكَرُوا اللَّهَ كَثِيرًا وَانْتَصَرُوا مِنْ بَعْدِ مَا ظُلِمُوا

(*“(Паёмбар шоир нест,) шоирон касоне ҳастанд, ки гумроҳон аз онон пайравӣ мекунанд. Оё намебинӣ онҳо дар ҳар водӣ саргардонанд ва суханоне мегӯянд, ки амал намекунанд? Ба ҷуз касоне (шоироне), ки имон овардаанд ва амали солеҳ анҷом медиҳанд ва ёди Худо бисёр мекунанд ва ба ҳангоме, ки мавриди ситам воқеъ мешванд, ба дифоъ аз хештан (ва мӯъминон) бармехезанд…” (Сураи Шуъаро, оятҳои 124-127)*) Иҷоза медиҳад мазлум дар ин маворид бо шеъру ҳаҷву бо ин баёнҳои таблиғотӣ тазаллум намояд. Ё ислом ғайбатро таҳрим мекунад, магар дар ин гуна маворид. Ин таълимот — ки яке ва дуто нест — бо ин мантиқҳо (мантиқи марксистҳо) ҷур дарнамеояд.

## Оё дин мавлуди ҷаҳл аст?

Касоне динро сирфан маълули ҷаҳли афрод медонистанд ва ҷанбаи равоншиносона ба қазия медоданд. Ва нависандаи мақола ҳам эрод гирифт; гуфт: агар ин хел аст, бояд ҳамин қадр, ки мардум олим шуданд, дин худ ба худ мунтафӣ шавад. Муқоиса кунед: ҳар ақидае — ғайри дин — дар гузашта, ки мавлуди ҷаҳолати мардум будааст, сирфи ин ки илм омада — дуруст ҳамон тавр, ки бо омадани чароғ, зулмат аз байн меравад — худ ба худ аз байн рафтааст.

Мутобиқи ин назария, бояд комилан ба мувозоти пешрафти илм, дин мунтафӣ бишавад, яъне дар миёни табақоти уламо набояд диндорӣ вуҷуд дошта бошад. Дар сурате, ки гӯё худи Рассел аст, ки мегӯяд, мо мебинем, ки дар миёни табақаи ҷоҳил, ҳам бедин ҳаст ва ҳам диндор, дар табақаи уламо низ ҳам диндор дорем ва ҳам бедин. Ва балки шояд он олимтарини олимҳо дар ҳар замоне — ҳатто дар замони мо — мебинем ӯ худаш дин дорад.

Тибқи мантиқи инҳо, аслан маҳол аст, ки Эйнштейн як одами мӯътақид ба дину мазҳаб бошад ё Макс Планк (*Max Planck*) ё Уилям Ҷеймс (*William James*) ё Бергсон (*Henri Bergson*) ё Дарвин (*Charles Darwin*) ва амсоли инҳо, ки донишмандони дараҷаи як ба шумор меравaнд. Дар китоби "*Дарвинизм*" (оқои Беҳзод) менависад, алорағми такфирҳои шадиде, ки калисо аз Дарвин кард, то охири умр ба Худои ягона мӯъмину мӯътақид боқӣ монд. Ҳамин дарвинизме, ки ин қадр абзори дасти марксистҳо қарор гирифта, илм Дарвин (поягузори ин мактаб)-ро ломазҳаб накард. Дар ҷои дигар хондам, ки Дарвин дар вақти мурдан китоби муқаддасро рӯи синааш часпонда буд ва раҳо намекард. Ин амр бо ин мантиқҳо (мантиқи касоне, ки динро зоидаи ҷаҳл медонанд) ҷур дарнамеояд.

Дигар ин ки: ба ҳисоби марксистҳо, имтиёзоти табақотиро аз байн бибаред, дин худ ба худ аз байн меравад, яъне эҳтиёҷ надорад шумо бо дин мубориза кунед. Ба мантиқи онҳо, ҷаҳлро аз байн бибаред, дин худ ба худ аз байн меравад ва ба мантиқи инҳо, имтиёзоти табақотиро аз байн бибаред, ҷомеаи сотсиалистӣ эҷод кунед, худ ба худ дигар дине вуҷуд нахоҳад дошт. Кизбаш дар худи кишварҳои сотсиалистӣ ошкор шуд. Худи кишварҳои сотсиалистӣ беҳтарин далел бар радди инҳост. Ин ки инҳо ҳанӯз ҳам дар кишвари Шӯравӣ таблиғоти зиёд алайҳи дин мекунанд, барои чист? Имтиёзоти табақотӣ дигар вуҷуд надорад, вале боз ҳар чанд як бор мегӯянд, дар ҷавонон дин русух карда, шурӯъ кунед ба мубориза кардан.

Дар ҳоле, ки иллат, ки аз байн рафт, дигар маълул аз байн меравад. Шумо мегӯед, ки иллати пайдоиши дин имтиёзоти табақотӣ буда, дар инҷо ҳам, ки ҷомеаатон табақотӣ нест, пас чаро гароиш ба дин пайдо карданд? Пас, решаи дигаре бояд дошта бошад. Ё дар кишварҳои дигар, масалан дар кишварҳои исломӣ, мо бояд чунин фарз кунем: ҳамин қадр, ки яке аз кишварҳои исломӣ сотсиалистӣ шуд, дигар дари тамоми масҷидҳо худ ба худ баста мешавад. Ва ҳол он ки мебинем, кишварҳои исломӣ на худ

дағдағае доранд ва на мо бар эшон дағдағае дорем. Кишварҳо доранд сотсиалистӣ мешаванд ва ҳеч ин хатар барояшон вуҷуд надорад. Агар як бединиҳое дар кишварҳои сотсиалистӣ вуҷуд дорад, дар кишварҳои табақотӣ бештар вуҷуд дорад. Алъон дар кишварҳои табақотӣ оё гурӯҳҳои ҳокима бештар бо дину мазҳаб мубориза мекунанд ё гурӯҳҳои маҳкум? Бадеҳӣ аст, ки гурӯҳҳои ҳокима. Ва ҳол он ки мутобиқи марксизм, мазҳаб сохтаи табақаи ҳокима аст. Ва инҳо воқеиятҳои иҷтимоӣ аст, ки бо он рӯбарӯ ҳастем. Инҳо бо мантиқи ин афрод чӣ гуна тавҷеҳ мешавад? Чӣ гуна метавонанд инҳоро тавҷеҳ кунанд?

## Сухани Уилям Дюрант

Уилям Дюрант (*William James Durant*) бо ин ки худаш як одами бедине аст, дар китоби *“Дарсҳои таърих”* таъбире дорад, ки маълум аст, аз рӯи нороҳатӣ ва хашм аст. Тавҷеҳотеро, ки роҷеъ ба пайдоиши дин кардаанд нақл мекунад ва мегӯяд, инҳо дуруст нест. Ва дар поён мегӯяд: “*Дин сад ҷон дорад, ҳар чи онро бикушӣ, думартиба зинда мешавад*”. Ва ин як ҳақиқате аст. Намехоҳад бигӯй, сад ҷон дорад, ҳамин қадр бигӯ, ҷон дорад, худатро роҳат кун, яъне фитрӣ аст. Чаро мегӯй, сад ҷон дорад? Фитрати башарро намешавад кушт.

Мегӯяд, ин ҳама дар ҷоҳое бо дину мазҳаб мубориза карданд ва ба ҳисоби худашон ба куллӣ онро решакан карданд, аммо дубора зинда шуд. Ҳар одате, як насл, ки бо он мубориза карданд, дигар дар насли дуввум наметавонад вуҷуд дошта бошад. Мегӯяд, ҳар чи мезанандаш, думартиба аз нав зинда мешавад… Бояд ба ӯ гуфт, то ҷонат дар биёяд.

Воқеан ҳамин тавр аст, то ҷони ту дарбиёяд. Ҳатто ҳамин нависандаи мақола ҳам, ки худаш як одами материалисте ҳаст, инҷо хеле хуб мегӯяд. Ҳамин назарияи табақотиро, ки зикр мекунад, мегӯяд: “*Мутобиқи ин назария, табақоти муваллид ва пешрав монанди табақаи коргар, пайванде бо мазҳаб надоранд, чун тарзи тафаккури онҳо дар натиҷаи шароити зисти онҳо мутараққӣ ва илмӣ аст. Баръакс, табақоти истисморгар ва ғайри муваллид, ки барои ҳифзи манофеи худ, ниёз ба мазҳаб доранд.*”

Ҳол, ин шахс ҷавоб медиҳад: *“Ин назария низ чандон бо воқеият вифқ намедиҳад*[1] *ва мушоҳидот ва омор хилофи онро собит мекунад. Кишоварзон шояд муваллидтарин табақаи иҷтимоъ бошанд ва дар айни ҳол мазҳабитарини он. Равшанфикрон баръакс умуман ғайри муваллид, вале камтар аз тамоми табақот бо мазҳаб пайванд доранд. Бекорон камтар аз коргарони шоғил ба мазҳаб алоқа нишон медиҳанд. Дар миёни коргарони кишварҳои санъатӣ гароиш ба мазҳаб дар қарни ҳозир беш аз қарни гузашта ва дар даҳаҳои ахир беш аз даҳаҳои пешин аст. Аз ҳама муҳимтар, дар кишвари Шӯравӣ ва демократҳои тӯдаӣ, ки тибқи иддаои худашон дар онҳо ихтилофи табақотӣ аз миён рафта ва тамоми афрод муваллид ҳастанд, мазҳаб на танҳо аз байн нарафта, балки нуфузи он рӯзафзун аст.”*[2]

Инҳо бо чӣ тавҷеҳ мешавад? Ин ҷуз як тези шикастхӯрда чизе нест, вале аз бас ин ҳарфҳоро ҳамин ҷур такрор мекунанд — иборатҳои хубе қаблан сохта ва пардохтаанд ва ин иборатҳоро такрор мекунанд ва ба иборати дигар, аз бас ин ҳарфҳоро бо иборатҳои хеле зебо такрор мекунанд — ки касе рӯи инҳо фикр намекунад, ки оё ин ҳарфҳо дуруст аст ё нодуруст? Назарияи хосси Макс Мюллер, ки тавҳид қабл аз ширк вуҷуд дошта, назарияе аст, ки вуҷуд дорад, вале пайрави зиёд надорад; ағлаби назарияашон ин аст, ки ширк қабл аз тавҳид вуҷуд дошта. Албатта бо мантиқи дин ва ислом чунин аст, ки тавҳид қабл аз ширк вуҷуд дошта, яъне ширк як тавҳиди мунҳарифшуда аст. Назарияи инҳо ин аст, ки ширк қабл аз тавҳид вуҷуд дошта, вале ҳар ҷо, ки таърих нишон медиҳад, ки аз башар нишонае ҳаст — ки масъалаи иштироки аввалия (обшинаи ибтидоӣ)-ро аз рӯи нишонаҳо ба даст овардаанд — ва ба иборати дигар, ҳар ҷо, ки аз башар нишонае пайдо шуда, аз парастиш нишонае ҳаст. Ман инро ба унвони нақли назарияи дигарон намегӯям — ба унвони назарияи динӣ ва мазҳабӣ чаро, вале ба унвони назарияи дигарон намегӯям — ки (ҳар ҷо аз башар нишонае пайдо шуда) аз тавҳид нишонае ҳаст. Ҳар ҷо, ки аз зиндагии башар — аъамм аз иштирокӣ ва ғайри иштирокӣ ва ихтисосӣ — нишонае ҳаст, аз парастиш ҳам нишонае ҳаст. Ҳанӯз

---

1) *Анвари Хомаӣ (нависандаи мақола) аз сарони коммунистҳои Эрон буда ва солҳо ҳамин ҳарфро таблиғ мекардааст.*

2) *Нақл аз мақолае дар мавзӯи “Назариёт дар бораи маншаи пайдоиши дин”, навиштаи Анвари Хомаӣ.*

асаре аз зиндагии башар ба даст наомадааст, ки осори парастиш дар он вуҷуд надошта бошад.

**Пурсиш:** ***Бархе гуфтаанд, ки дар даврони қабл аз оташ асаре аз парастиш дида нашудааст.***

**Посух**: Инро ман ба ин хусусиёт намедонам, вале медонам, ки ин ҳарф бар хилофи назарияи умум аст. Тоза, ин ки шумо мегӯед, боз ба масъалаи иштироки аввалия барнамехӯрад.

Шумо мегӯед, ки аз вақте оташ кашф шуд, парастиш низ падид омад. Он чи ки мо ба мӯҷиби он, назарияи марксистҳоро рад кардем, ин буд, ки тибқи ин назария, дар давраи иштироки аввалия[1] ва қабл аз давраи кишоварзӣ — ки инҳо мӯътақиданд, моликият аз давраи кишоварзӣ пайдо шуд — имкон надорад, ки парастиш вуҷуд дошта бошад, дар сурате, ки қабл аз он давра, қатъан ба иқрори худ онҳо парастиш вуҷуд дорад. Ҳол, ин масъалае, ки шумо мегӯед, ки дар даврони қабл аз оташ асаре аз парастиш дида нашуда, зараре ба ҷое намезанад. Ба илова, "дида нашуда", далел бар адам нест.

## Назарияи Дюркгейм дар бораи маншаи пайдоиши дин

Назарияи шашуме, ки дар ин мақола (мақолаи оқои Анвари Хомаӣ) дар бораи маншаи пайдоиши дин баён шудааст, тахти унвони "*Бозгашт ба аз худ бегонагӣ*" матраҳ гардида, ки тахти ин унвон назарияи ҷомеашиноси маъруфи фаронсавӣ ба номи Дюркгейм (*David Emile Durkheim*)-ро зикр мекунад.

Суханони Дюркгейм дар заминаи маншаи пайдоиши мазҳаб, феълан ҷузъи машҳуртарин суханони ҷаҳон аст ва хаёл мекунам, ки нависандаи ин мақола як миқдоре назариёти хосси худашро ҳам махлут кардааст. Яъне, ин ки мо назарияи Дюркгеймро навъе "бозгашт ба аз худ бегонагӣ" бидонем, шояд таъбири махсуси нависандаи ин мақола бошад, яъне ман дар ҷои дигар ин таъбирро надидаам.

То он ҷо, ки мо бо назариёти Дюркгейм собиқа дорем, Дюркгейм як фардест, ки асолтулиҷтимоӣ меандешад, яъне барои ҷомеа асолат қоил аст ва барои фард дар воқеъ

[1]) *Албатта, давраи иштироки аввалия (обшинаи ибтидоӣ) чанд давра баъд аст, бояд гуфт, "дар давраи зиндагии дастаҷамъии қабилаӣ", ҳамон давраи қабл аз давраи кишоварзӣ, ки давраи сайду шикор ва ғайра аст.*

асолате қоил нест, ба ин маъно, ки ӯ мӯътақид аст, ки ҷомеа як таркиби ҳақиқӣ аз афрод аст, на як таркиби эътиборӣ.

## Мураккаби эътиборӣ ва мураккаби ҳақиқӣ

Мо мураккабҳои эътиборӣ дорем ва мураккабҳои ҳақиқӣ. Мураккаби эътиборӣ яъне маҷмӯи ашёе, ки як навъ ҳамбастагӣ миёнашон ҳаст бидуни он ки шахсияти худро аз даст дода бошанд ва шахсияташон дар шахсияти "кулл" мустаҳил шуда бошад. Масалан, мо маҷмӯи дарахтҳоеро, ки дар як муҳаввата ҳаст "боғ" меномем. Як дарахтро "боғ" намегӯем, ин маҷмӯъро "боғ" мегӯем, вале ин маҷмӯа ба номи "боғ" ҳар ҷузъи он, шахсияти мустақилле дорад. Ин дарахт шахсияташ мустақил аст; он дарахт ҳам шахсияташ мустақил аст. Ин дарахт агар дар ин боғ ҳам набуд, боз ҳамин дарахт буд. Агар танҳо худаш ҳам мебуд, боз худаш ҳамин буд, ки ҳаст. Агар ҳам дар асари будан дар ин боғ, тағйире дар он бошад, хеле сатҳӣ аст ва умқӣ нест. Масалан, як дарахти олуболу дар ин боғ шахсияташ дар ин маҷмӯъ ҳал нашуда ва боқӣ аст, ба тавре, ки агар тамоми ин дарахтҳо ҳам набуданд ва танҳо ин дарахти олуболу буд, боз худаш ҳамин тавр буд, ки акнун ҳаст. Ва ҳамчунин дарахтони дигар. Инҳоро мо мегӯем, "мураккабҳои эътиборӣ".

Вале дар мураккабҳои ҳақиқӣ аҷзои мураккаб шахсияташон дар шахсияти "кулл" мустаҳил мешавад, яъне он вазъи собиқи худашонро надоранд, моҳияти худашонро дар воқеъ аз даст медиҳанд ва моҳияти ҷадид пайдо мекунанд, ки ҳамон моҳияти кулл аст; мисли мураккаботи химиявӣ ё мураккаботи табиӣ. Дар табиат ҳар чи мураккаб дорем, аз ин қабил аст. Масалан, агар обро як ҷисми мураккаб медонем, онро мураккаб аз ду унсури мухталиф медонем: оксиген ва гидроген, вале дигар оксиген ба сурати оксиген дар об мавҷуд нест ва хоссияти худашро надорад, гидроген ҳам ба сурати гидроген вуҷуд надорад, инҳо бо якдигар таркиб шудаанд, дар моҳияти шайъи севвум мустаҳил шудаанд ва воқеан як моҳияти ҷадид ба вуҷуд омадааст, ки моҳияти об бошад. Бале, обро мешавад бори дигар таҷзия кард ва ба ҳамон аносури аввалиаш баргардонд, вале акнун ин тавр нест. Ва ҳамчунин соири мураккаботи табиӣ.

## Таркиби ҷомеаи инсонӣ чӣ навъ таркибе аст?

Ҳол, ин баҳс дар мавриди ҷомеаи инсонӣ ҳаст, ки оё ҷомеаи инсонӣ як мураккаби ҳақиқӣ аст ё як мураккаби эътиборӣ? Шак надорад, ки агар милок баданҳо ва ҷисмҳои

афроди ҷомеа бошад, ҷомеа як мураккаби эътиборӣ аст, бо дарахтҳои як боғ фарқе намекунад. Ин фард бо ҳамаи хислатҳои ба истилоҳ биологии худаш, ки аз модар мутаваллид шудааст, акнун вуҷуд дорад. Он фарди дигар ҳам ҳамин тавр. Ва ҳамин тавр афроди дигар. Як одаме, ки аз модар мутаваллид мешавад, агар бираванд ӯро дар ғоре ҳам бузург кунанд, боз аз назари зистшиносӣ ҳамон тавр рушд мекунад, ки дар ҷомеа рушд мекунад. Намегӯям, ҳеҷ фарқ надорад, вале фарқи моҳиятӣ надорад. Яъне ин тавр нест, ки бадани ӯ табдил ба бадани дигар бишавад.

Вале инсон бар хилофи ҳайвон, як ҷанбаи руҳӣ дорад. Ҳайвон шахсияташ ба ҳамон баданаш аст ва шахсияти равониаш ҳам тақрибан монанди шахсияти баданиаш мебошад. Яъне камтар аз афроди дигар таъсир мепазирад. Аз назари равонӣ ҳам як ҳайвон — бо ғароизе, ки дар ӯ офарида шуда — дар ҷамъи ҳайвонҳо бошад ё набошад, хеле мутафовит нест.

Вале инсон як ҷанбаи фарҳангӣ дорад, ё ба забони худамон, як ҷанбаи руҳӣ дорад; як ҷанбае дорад, ки ба шахсияти ӯ марбут аст, на ба шахси ӯ. Ин ҷанба чӣ тавр?

Фалосифаи пешин ҳам қабул доштаанд, ки бар хилофи ҳайвонот, ки бо ғароизи муҷаҳҳаз ва омодашуда ба дунё меоянд — роҷеъ ба фитрат ҳам, ки баҳс мекардем, гуфтем — инсон бо хислатҳои билқувва ба дунё меояд. Ба қавли касоне, ки ба фитрате қоил нестанд, руҳи инсон дар замони таваллуд як сафҳаи бенақш аст, ки чизе дар он нест, ҳар чи бинависанд, ҳамон аст, бар хилофи ҳайвон, ки дар ибтидои таваллуд як сафҳаи тамомшуда ва наққошишуда аст.

Тоза, қоил ба фитрат, ки бишавем, маънояш ин аст, ки истеъдодҳои як силсила умур билқувва дар инсон мавҷуд аст, ончунон, ки дар базр истеъдоди фалон мева ё дарахт мавҷуд аст. Ба қавли касоне, ки мункири фитрат ҳастанд, инсон дар ибтидои таваллуд ҳукми тахтаи сиёҳро дорад, яъне як сафҳаи холӣ аст, ҳар чи рӯи он бинависед, ҳамонро навиштаед, барои он фарқ намекунад, ки ояти Қуръон бинависед ё масалан фуҳш бинависед. Ва ба қавли касоне, ки қоил ба фитратанд, инсон ҳукми як базрро дорад. Базр акнун, ки базр аст, билфеъл дарахт нест, барг нест, шоха нест, мева нест, аммо истеъдоди ин шудан дар зоташ ҳаст, агар онро бисӯзонем ва хокистар кунем, истеъдодашро ба феълият нарасондаем.

Пас, ин миқдор ҳаст, ки инсон ба ҳар ҳол як мавҷуди билқувва аст, ин ҷомеа аст, ки ба ӯ феълият мебахшад, яъне ҷомеа аст, ки ба инсон шахсияти руҳӣ медиҳад. Инсон

забонашро аз ҷомеа мегирад, одобу русум ва афкору ақоидашро аз ҷомеа мегирад, ҷомеа аст, ки зарфияти руҳии ӯро пур мекунад ва барояш шахсият месозад. Ӯ ҳам ба навбаи худ дар дигарон асар мебахшад. Ӯ сирфан як мавҷуди мунфаъил нест, як фаъол ҳам ҳаст. Яъне аз як тараф мегирад, аз тарафи дигар пасмедиҳад. Нисбат ба як фард мутаъаллим аст, нисбат ба фарди дигар муаллим. Ва ҳатто нисбат ба ҳамон муаллими худаш, ҳам муаллим аст ва ҳам мутаъаллим. Ин аз фикри худаш, аз хислатҳои руҳии худаш ва аз он чи омӯхта ё ибтикор кардааст, ба ӯ меомӯзад ва ӯ ба ин меомӯзад, яъне рӯи ҳамдигар таъсир мекунанд.

**Афроди ҷомеа аз назари равонӣ ва руҳӣ ва фарҳангӣ ҳукми аносури ташкилдиҳандаи обро доранд, яъне дар якдигар асар мекунанд. Ҳамин тавр, ки оксиген ва гидроген вақте, ки бо якдигар ҷамъ шуданд, рӯи якдигар асар мегузоранд ва баъд аз як силсила феълу инфиъолҳо як моҳияти ҷадид ба вуҷуд меояд, афроди инсон ҳам рӯи якдигар таъсири фарҳангӣ мегузоранд ва аз маҷмӯи афроди иҷтимоъ, ки рӯи якдигар асар мегузоранд, як мураккаби ҳақиқӣ ба вуҷуд меояд ба номи "қавм" ё "миллат"**.

Пас, инсонҳо аз назари фарҳангӣ дорои ду "худ" ҳастанд: худи фардӣ ва худи иҷтимоӣ, чунонки дар об низ оксиген ва гидроген дар як ҳадди хоссе аз ҳамдигар мутамойиз ҳастанд, вале дар як ҳадди дигар ва дар як сатҳи дигар ҳар ду обанд ва дар об будан ваҳдат пайдо кардаанд ва агар инҳо мани худро эҳсос мекарданд, ду "ман" дар худ эҳсос мекарданд.

Оксиген як "ман" эҳсос мекард, ки ман оксигенам ва як "ман"-и дигар эҳсос мекард, ки ман обам. Гидроген ҳам як "ман" эҳсос мекард, ки ман гидрогенам ва як "ман"-и дигар эҳсос мекард, ки ман обам. Ва "мани обам" ҳамон "ман"-и муштараки оксиген ва гидроген аст.

Бинобар ин, дар ҳар фарде воқеан ду "ман" вуҷуд дорад: як "ман" мани фардӣ ва "ман"-и дигар мани иҷтимоӣ.

## Маншаи пайдоиши дин аз назари Дюркгейм

Ин як асл, ки тақрибан дар ҳарфҳои Дюркгейм аст. Агарчӣ бо баёне, ки ман гуфтам, дар китобҳои инҳо намегӯянд ва мо матлабро бо баёни ба истилоҳ, шарқии худамон — яъне дар қолиби истилоҳоти худамон — баён кардем, вале ҳарфаш ин аст ва дар инҷо аз маҷмӯи ҳарфҳояш пайдост, ки рӯи ҳамин ҷиҳат такя кардааст.

Вале Дюркгейм аз касоне аст, ки рӯи як силсила масоили дигаре чунин назарияеро иброз кардааст; рӯи мутолеоте, ки гузаштагони ӯ рӯи қабоили бадавии гузашта, ки дар давронҳои хеле бостон будаанд ё рӯи қабоили бадавие, ки дар замони мо ҳам мегӯянд, то қарни 18-ум вуҷуд доштаанд — ва шояд алъон ҳам вуҷуд дошта бошанд — ва ба истилоҳ, рӯи адёни башарҳои аввалия анҷом додаанд, ки мебинед, дар ҳамаи ин китобҳо менависанд ва мӯътақид ҳастанд, ки дар он бадавитарин ҳолоти башар ҳам навъе парастиш вуҷуд доштааст, парастиши мазоҳири табиат, аммо бо унвони як навъ тақаддус бахшидан ба онҳо. Масалан, мегӯянд, ки дар бархе ғорҳо осоре ҳаст, сангҳо, мӯҳраҳо ва тасбеҳмонандҳо пайдо шудааст, ки нишон медиҳад, башари аввалия барои он мӯҳраҳо як навъ тақаддусе қоил будааст, онҳоро мебӯсида ва барои онҳо фавқулъода эҳтиром қоил будааст…

Яке дигар аз ҳарфҳое, ки роҷеъ ба ақвоми аввалия гуфтаанд, масъалаи тотем[1] ва тотемпарастӣ аст. Мӯътақиданд, ки ақвоми бадавии гузашта ва баъзе аз ақвоми бадавии замонҳои наздик ба замони мо дар воқеъ як навъ ҳайвонро парастиш мекардаанд ба ин эътиқод, ки худро бо он ҳайвон аз назари нажод яке медонистаанд ё асосан худашонро аз насли он ҳайвон медонистаанд. Ин ақида, ки инсон аз ҳайвон ба вуҷуд омадааст, ки сурати илмиаш дар дарвинизм ҳаст, сурати ғайри илмиаш дар ҳамон ақвоми аввалия будааст. Масалан, як қавме насаби худашро ба гов мерасонда, ки мӯътақиданд, маншаи аввалии говпарастӣ ва ин ки гов дар Ҳинд тақаддус пайдо карда ин буда, ки тотеми ақвоми ҳиндии хеле қадим гов буда, мунтаҳо баъд татаввур пайдо карда ва он афкори баъдӣ аз байн рафта, вале тақаддуси гов боқӣ мондааст. Ё масалан, баъзе фалон мурғро тотеми худашон медонистаанд.

Роҷеъ ба тавҷеҳи ин матлаб, ки чӣ гуна мешавад, ки ин фикр дар мардуме пайдо мешавад, ки мо аз насли фалон ҳайвон ҳастем ва баъд ба парастиши он ҳайвон мепардозанд ва барои он ҳайвон як қадосате ва як қудрати хориқулодае қоил мешаванд, он ҳайвонро муҳофизи қавм ва муҳофизи қабила медонанд ва ин ҷур чизҳо, мегӯянд, **Дюркгейм мӯътақид будааст, ки ин ҳамон таҷаллии руҳи иҷтимоии инсонҳост, ба ин маъно, ки чун воқеан ҳар инсоне дар худаш ду “ман” эҳсос**

---

[1]) *Тотем маъмулан ба унвони ёдмоне аз ниёгони як тоифа амал мекунад ва афроди тоифа тотемро дорои нерӯе барои ҳимоят ва ҳифозат аз тоифа медонанд.*

**мекарда: як “ман” аз он ҷиҳат, ки ман Зайдам писари Амр – “ман”-е, ки дар муқобили он, “ман”-и фарди дигарро қарор медиҳанд: ин моли ман аст, на моли ту — ва як “ман”-и дигар, ки он, мани ҷамъӣ аст, масалан барои мо, ки эронӣ ҳастем, “мани эронӣ” як “ман”-и муштарак аст. Оре, чун чунин будааст, ин қабоил, ки он ҳайвонро мепарастидаанд, дар воқеъ ҷомеаро мепарастидаанд. Ин ақида барояшон пайдо мешуда, ки ҳамаи афроди ин қабила аз авлоди ӯ ҳастанд, баъд агар ӯро парастиш мекарданд, на фақат ба эътибори ин буда, ки насаби мо ба ӯ мунтаҳӣ мешавад, балки ҳамчунин ба эътибори ин будааст, ки ӯ мазҳари ин ҷомеа аст ва дар воқеъ мехостаанд ҷомеаи худашонро парастиш кунанд.**

Ҳол, он шакли хеле олитар ва модернтаре, ки — ба назари ман — аз ҳарфҳои Дюркгейм тақлид кардаанд, ҳамин чизе аст, ки нависандаи мақола гуфта… Мегӯяд, ин навъе “бозгашт ба аз худ бегонагӣ” аст. Дар инсон воқеан ду навъ “худ” вуҷуд дорад: худи фардӣ ва худи ҷамъӣ. Бисёре аз корҳоро, ки инсон мекунад, ба эътибори худи ҷамъӣ ва мани ҷамъиаш мекунад. Масалан, инсон дар як ҷо исор мекунад, шумо исорро ин хел маънӣ мекунед, ки “исор” яъне ғайрро бар худ муқаддам доштан. Баъд дунболи тавҷеҳу таҳлилаш ҳастед, ки охир чӣ тавр мешавад инсон, ки билфитра барои худаш бояд кор кунад — чӣ эҳсосе дар инсон ҳаст, ки — ғайрро бар худ муқаддам медорад? Як коре аст, ки бо мантиқи ақл ҷур дарнамеояд, дар айни ҳол инсон ин корро анҷом медиҳад ва инро бартар аз ин медонад, ки кореро барои худаш бикунад ва як кори муқаддас мешуморад.

Мегӯяд, шумо иштибоҳ мекунед, ки мегӯед “исор” яъне ғайрро бар худ муқаддам доштан. На, ӯ худро бар худ муқаддам медорад, чун дорои ду “худ” аст: худи иҷтимоӣ ва худи фардӣ. Ин алъон он “худ”-аш ҳаст, ки таҷаллӣ кардааст. Боз ҳам “худ” барои “худ” кор карда, вале на худи фардӣ, балки худи ҷамъӣ. Бинобар ин ахлоқ ҳам ба ин шакл тавҷеҳ мешавад. Ҳисси миллият ва миллатпарастӣ ва фидокориҳо ва аз худгузаштагиҳо барои қавм ва барои миллат ва барои ҷамъ низ ҳама тавҷеҳпазир аст: инҳо кор кардан барои ғайр нест, кор кардан барои “худ” аст, ки ҳамон худи ҷамъӣ бошад.

Нависандаи ин мақола ин баҳсро бурда таҳти унвони “Аз худгузаштагӣ”, ки ман хаёл мекунам, ин таъбир аз худи ӯ бошад… Дар худаш ду “худ” эҳсос мекунад: худи фардӣ, ки дар он, ман аст, нафс аст, худ аст, фардият аст. Ва як “ман”-и дигар, ки дар он, ҷамъ

ва ҷомеа аст. Он гоҳ ду навъ кор ҳам мекунад: корҳое, ки “ман”-и ҷомеа анҷом медиҳад ва корҳое, ки “ман”-и фардӣ анҷом медиҳад. Кам-кам ин “ман”-и ҷамъиро фаромӯш мекунад. Билоташбеҳ назири он чи ки дар таъбироти Қуръон роҷеъ ба Худо омадааст, ки инсон дар воқеъ Худоро фаромӯш мекунад, дар натиҷа худашро фаромӯш мекунад. **Ӯ мегӯяд, ки инсон мани ҷамъиро, мани худашро фаромӯш мекунад, баъд мебинад, як силсила фазилатҳо ҳаст, хаёл мекунад худаш мунҳасир аст ба ҳамон худи фардӣ, баъд барои ин ки мавзӯе барои он корҳое, ки бо мани ҷамъӣ анҷом медиҳад пайдо мекунад; меояд он мавзӯъро дар хориҷ аз вуҷуди худаш фарз мекунад ва он мовароуттабиа аст.** Хеле ҳарфҳо аз як назар — мунтаҳо дар як ҷиҳати маъкусе — шакли ирфонӣ пайдо мекунад:

*Солҳо дил талаби ҷоми Ҷам аз мо мекард,*

*В-он чи худ дошт, зи бегона таманно мекард.*

*(Ҳофиз)*

Ӯ ҳам мегӯяд, оқо ин ҳамон “худ”-и туст, ҳамон мани ҷамъии туст, мунтаҳо инро гум кардаӣ. Ва чун гум кардаӣ, инро аз бегона ва аз берун аз худат ҷустуҷӯ мекунӣ. Ва ин мешавад “аз худ бегонагӣ”. **Яъне инсон “худ”-ашро фаромӯш мекунад, “ғайр”-ро ба ҷои “худ” мегирад ва он ғайр, мовароуттабиа аст**.

Ҳол, нависандаи мақола дар миёни ақволу орое, ки нақл кардааст, ин назарияро, ки нақл мекунад, дигар зиёд рад намекунад… Тақрибан назаре аст, ки худи ин шахс интихоб мекунад ва аз он як натиҷа ҳам мегирад. Ва он натиҷа ин аст, ки мехоҳад бигӯяд, тибқи он назарияе, ки мегуфт, “маншаи дин ҷаҳл аст”, ночор бояд натиҷа ин бошад, ки бо рафтани ҷаҳл дин аз байн меравад, чун бо рафтани иллат, маълул аз байн меравад ва ҳол он ки амалан ин хел нест, пас маълум мешавад, ки ин назария ботил аст. Ва тибқи он назарияе, ки мегуфт, “маншаи дин тарс аз қувваҳои табиат аст”, он рӯзе, ки ҳароси инсон аз қувваҳои табиат аз байн биравад, бояд дин аз байн биравад, вале мо мебинем, амалан ин тавр нест ва дин аз байн нарафт. Ҳамин тавр аст фақр ва ғино ва ихтилофи табақотӣ. Мебинем, дар ҳар ҷо, ки табақот аз байн меравад ва тасовӣ ба вуҷуд меояд, боз ҳам дин аз байн намеравад. Дар он кишварҳо ҳам боз ҳамон тавр даргирӣ доранд. Баъд аз ин ки ин кишварҳо ба тасовӣ ба истилоҳ расидаанд, боз доиман даргиранд, ки бо дин чӣ гуна мубориза кунанд. Боз мебинед, рӯз ба рӯз тамоюли ҷавонон ба дин — ҳатто дар Шӯравӣ ба қавли ӯ — бештар мешавад.

Вале агар ин назарияро (назарияи Дюркгеймро) интихоб кунем, чунин нест, ин як асле аст, ки ҳамеша ҳамроҳи башар аст, решаи мазҳаб ҳамин аст ва ба ҳамин далел ҳам ҳаргиз аз ҷомеаи башар берун нахоҳад рафт.
Пас, ин танҳо назарияе аст, ки барои мазҳаб решаи мовароӣ ва илоҳӣ қоил нест ва дар айни ҳол эътироф мекунад, ки мазҳаб аз байн рафтанӣ ҳам нест. Як чунин ҳарфе инҷо ҳаст.
Ин ҳарф ҳам як ҳарфи беасосе аст. (Нақди назарияи Дюркгейм дар бахши баъдӣ хоҳад омад.)

## Нақди назарияи Дюркгейм

Ҳақиқат ин аст, ки дар ин ки ҷомеа як воҳиди ҳақиқӣ аст, на як воҳиди эътиборӣ, шакку тардиде нест. Ин миқдорро тафсири "*Алмизон*" ҳам мукаррар ва дар ҷоҳои мутаъаддид баҳс кардааст, ки ҷомеа як ваҳдат ва як ҳаёти махсус ба худ дорад. Ва ба мӯҷиби ин ки як ваҳдат ва як ҳаёти махсус ба худ дорад, аҷал дорад, қувват дорад, заъф дорад, сарнавишти муштарак дорад ва ғайра. Ман дар ин ҷузваи кучаке, ки ахиран мунташир кардаам ба номи "*Қиём ва инқилоби Маҳди алайҳис салом аз дидгоҳи фалсафаи таърих*", чун ҷузва хеле мухтассар буд, зимни ишора ба ин баҳс, чанд ҷо — ки ҷойи ин буд, ки бояд мурочеа кард — дар поваракӣ ба тафсири "*Алмизон*" ирҷоъ кардаам. Таъбироте, ки дар Қуръон ҳаст:

لِكُلِّ أُمَّةٍ أَجَلٌ إِذَا جَاءَ أَجَلُهُمْ فَلَا يَسْتَأْخِرُونَ سَاعَةً وَلَا يَسْتَقْدِمُونَ

(*"Барои ҳар уммате аҷали (муддати) муайянест, ки чун фаро расад, соате пасу пеш нахоҳанд шуд." (Сураи Юнус, ояти 49)*) ва асосан, ин ки Қуръон ҳукмро рӯи қавм мебарад: ақвоме чунин буданд ва мо ақвомро ҳалок кардем… ва аз назари Қуръон, дар миёни ақвом сарнавишти муштарак дар кор нест, агар як ақаллияти солеҳ дар миёни як қавм бошад, таъсире дар вазъи қавм намегузорад — чунонки акси қазия ҳам ҳамин хел аст — аз боби ин ки худи қавму миллат як ҳукми воҳид дорад, ин амр таъйидкунандаи он аст, ки ҷомеа як воҳиди ҳақиқӣ аст, на як воҳиди эътиборӣ.
То ин ҷои назарияи мазкур (назарияи Дюркгейм) ҳама дуруст аст, вале ин ки таркиби ҷомеа чӣ гуна таркибе аст, мо рӯи ин қазия, ки баҳс кардем, ба инҷо расидем, ки таркиби ҷомеаи инсонӣ як таркиби навъи севвум аст, яъне на аз навъи таркиби эътиборӣ аст (чун воқеан як таркиби ҳақиқӣ аст) ва на аз навъи таркибҳои табиӣ ё химиёӣ, зеро дар

таркибҳои табиӣ ва химиёӣ аслан шахсияти аҷзоъ ба ҳеч наҳв истиқлол надорад, мустаҳил аст дар шахсияти кулл.

Вале афрод дар ҷомеа дар ин ҳадд шахсияташон мустаҳил намешавад. Ва лозимаи назарияи Дюркгейм ва ашхосе, ки дар ин ҳадд асолати иҷтимоӣ ҳастанд, ҷабри иҷтимоӣ аст, яъне лозимааш ин аст, ки фард аз худаш ҳеч ирода ва ҳеч ташхисе надошта бошад. Яъне вақте ки ҳисс мекунад, ин ҷомеа бошад, ки ҳисс мекунад, вақте ки ирода мекунад, ин ҷомеа бошад, ки ирода мекунад ва фард асосан дар муқобили ҷомеа ҳеч истиқлол надошта бошад.

Ва ҳол он ки **дар айни ин ки ҷомеа як ҳақиқат ва як навъ таркиб аст, истиқлоли фард дар як ҳадди муайян маҳфуз аст ва ба ҳамин хотир фард метавонад ҷомеаи худашро иваз кунад. Ҷузъи мустаҳилшуда имкон надорад, ки битавонад вазъи "кулл"-ро тағйир бидиҳад ва иваз кунад. Фард метавонад алорағми сайру ҷараёни рӯдхонаи ҷомеа, дар ҷиҳати хилофи ҷомеа сайру ҳаракат кунад, метавонад сайри ҷомеаро шадидтар кунад, метавонад кундтар кунад, метавонад мутаваққиф кунад ва метавонад масири таърихро иваз кунад**. Ва ин ҳамон масъала аст, ки инсон, ки ихтиёр ва озодӣ дорад, дар муқобили ҷабри ҷомеа ҳам озодӣ ва истиқлолаш дар як ҳадди зиёде маҳфуз аст.

## Инсон дорои як "худ"-и зумаротиб (дорои маротиб) аст

Ин аст, ки инсон ин хел нест, ки ин шахс (Дюркгейм) мегӯяд, ки воқеан дар замири худаш ду "ман" эҳсос бикунад, яъне воқеан ду "ман" вуҷуд дошта бошад: мани фардӣ ва мани иҷтимоӣ. (Бале) "ман"-и инсон таҳти таъсири ҷомеа шакл мегирад; рушд мекунад ва ба худ ранг мегирад, (аммо) як навъ озодӣ ва истиқлол дорад, инсон воқеан дорои ду "ман" намешавад.

(Чунин нест, ки) вақте ки ман исор мекунам, ӯ як шахс аст дар ман (ки) дорад исор мекунад. (Балки) вақте ки дорам асара (ҳамон исор) анҷом медиҳам, яъне барои худам кор мекунам. (Он гуна нест, ки оқои Дюркгейм мегӯяд, ки) дар воқеъ дугонагии воқеӣ дар мо вуҷуд дошта бошад. (Балки) он вақте ки фардӣ кор мекунем, барои худамон ва барои шахсамон кор мекунем; бад мекунем, зулм мекунем, асара мекунем, худамонро муқаддам медорем…

(Ва ин дар ҳолест, ки оқои Дюркгейм мегӯяд) он вақте ки дорем ба ҷомеа хидмат мекунем; исор мекунем, эҳсон мекунем, корҳои шарофатмандона мекунем, парастиш мекунем, ӯ як "ман"-и дигар аст дар мо, ки ин корҳоро анҷом медиҳад.

Ин ҳарфҳо чист?! **Инҳо масоиле нест, ки бигӯем, оқоён дар лабараторияҳо исбот кардаанд (ва) як масоили истидлолӣ аст. (На!) Инсон дар замири худаш дақиқан эҳсос мекунад, ки ҳамон, ки бад мекунад, ҳамон аст, ки дар соати баъд дорад хайрхоҳӣ мекунад. Ва ба ҳамин хотир инҳо маротиби шайъи воҳид ҳастанд, на ду шахси ҷудо. Фарқ аст миёни маротиби як шайъ, ки як шайъ дорои маротибе аз вуҷуд аст, мисли як дарахт, ки дорои тана ва шохаҳост; шохаи боло ва шохаи пойин, як асар аз боло сар мезанад, як асар аз пойин ва як асар аз васат, вале як шайъ аст. Оре, фарқ аст миёни "маротиби як шайъ" ва "ду шайъи ҷудо аз якдигар". Он чи ки дар инҷо саҳеҳ ва дуруст аст, ҳамин аст, ки ин "ман"-ҳо маротиби шайъи воҳид ҳастанд, на ашёи ҷудо аз якдигар**.

## Назари Қуръон

Инҷост, ки инсон ба умқи мантиқи Қуръон пай мебарад.[1] Қуръон бидуни ин ки ин масоилро тарҳ кунад, мегӯяд: нафси аммора,[2] нафси лаввома,[3] нафси мутмаинна.[4] Фалосифа ин мавридро мегӯянд, "ваҳдат дар касрат, касрат дар ваҳдат". Ин хел нест, ки инсон чанд "худ"-и ҷудо дошта бошад; як корро нафси аммора кунад, як кори дигарро нафси лаввома ва як кори дигарро нафси мутмаинна.

На. (Балки) нафси инсон гоҳе дар як ҳадди пойин аст; дар он ҳадди пойин, ки кор мекунад, он ҷо, ки таҳти фармони ақл нест, исмаш мешавад "нафси аммора". Ҳамин

---

[1]) *Инсон вориди ҳар мавзӯе, ки мешавад, охираш мебинад, ки сар аз Қуръон дармеоварад ва мебинад, Қуръон назари худашро гуфтааст.*

[2]) *Нафси аммора: нафсе, ки майл кунад ба табиати баданӣ ва амр диҳад ба лаззату шаҳвати ҳиссӣ ва қалбро ба ҷиҳати паст бикашонад ва он маъвои бадиҳо ва манбаи ахлоқи нописанд аст.*

[3]) *Нафси лаввома: нафси бисёр маломаткунанда худро ба вуқӯи гуноҳон ба ҳидояти нури дил ва ин нафси солеҳон ва авлиёро ҳосил бошад.*

[4]) *Нафси мутмаинна: нафси аз сифатҳои нописанд софшуда ва ба ахлоқи писандида оростагашта ба қурби илоҳӣ фоизшуда ва ба итминонрасида.*

нафс дар як дараҷаи болотар чашмҳояшро боз мекунад ва ҳушёртар мегардад, мешавад “нафси лаввома”, ки худаш худашро маломат мекунад. Агар дуто буд, ки дигар маломати худ маънӣ надошт. Худаш кори баде карда, баъд худаш худашро муҳокима мекунад; дар они воҳид худаш мешавад қозӣ, худаш мешавад муддаӣ, худаш мешавад муддао алайҳ ва алайҳи худаш ҳукм содир мекунад. Муҳосибаи нафс маънояш ҳамин аст.

**لَا أُقْسِمُ بِيَوْمِ الْقِيَامَةِ. وَلَا أُقْسِمُ بِالنَّفْسِ اللَّوَّامَةِ**

(*“Савганд ба рӯзи қиёмат. Ва савганд ба нафси лаввома…” (Сураи Қиёмат, оятҳои 1-2)*) Инро дар радифи қиёмат ҳам зикр карда, ки ҳамон тавр, ки дар қиёмат Худост, ки ба ҳисобҳо расидагӣ мекунад, Худованд ба инсон як дараҷае аз руҳу равон дода, ки аз худи инсон дар дунё ҳисоб мекашад.

**يَا أَيَّتُهَا النَّفْسُ الْمُطْمَئِنَّةُ. ارْجِعِي إِلَى رَبِّكِ**

(*“Эй нафси мутмаин ва ором! Ба ҳузури парвардигорат боз ой…” (Сураи Фаҷр, оятҳои 27-28)*) Ин аст, ки инсон як шахси воҳид ва як шайъи воҳид аст, ки ин пиллаҳоро тай мекунад. Нафси аммора ҳамон нафси лаввома аст ва нафси лаввома ҳамон нафси мутмаинна аст, аммо инҳо дар дараҷаҳои мухталиф ҳастанд, дараҷаҳояш ҳам марбут ба ин аст, ки дар чӣ дараҷае аз таваҷҷӯҳ ва огоҳӣ ва тазаккур ва сафо ва набудани ҳиҷобҳо ва доштани имон ва яқин бештар ва амсоли инҳо бошанд, вагарна ҳамон яке аст.

* * *

**Хулоса**

Пас, ин **назарияи оқои Дюркгейм — ки зимни ин ки як назарияи ҷомеашиносӣ аст, як назарияи равоншиносӣ ҳам мехоҳад бошад — ғалат аст. Инсон ду шахсияти мустақил ва ҷудо аз якдигар надорад. Як “ман” аст дар инсон, ки ҳамаи корҳои мутазоддро дар они воҳид анҷом медиҳад. Пас, ин тавҷеҳ, ки инсон ду “ман” дорад, як “ман”-и худашро фаромӯш карда ва баъд он чиро, ки аз он “ман” содир мешавад, ба “ғайри ман” ва ба “ҷуз ман” нисбат дода, ки он “ҷуз ман” мовароуттабиа аст, саҳеҳ нест. Аслан, ду “ман” дар кор нест, ки ба ин шакл бихоҳад дарбиёяд**.

Сонияи, агар чунин бошад, бояд ҳамеша мазҳабиҳо дар миёни мардуме бошанд, ки ба қавли шумо бештар “аз худ бегона” бошанд. Яъне, ҳар чи афрод руҳи иҷтимоӣ дар онҳо бештар фаромӯш шуда ва бештар мурда бошад ва ҳар чи эҳсоси иҷтимоиро бештар

фоқид бошанд, бояд бештар динӣ ва мазҳабӣ бошанд. Дар сурате, ки қазия баръакс аст. Ҳамеша афроде мазҳабӣ ба маънии воқеӣ ҳастанд, ки эҳсоси иҷтимоӣ дар онҳо аз дигарон зиндатар аст.

Оё амирулмӯъминин бештар эҳсоси динӣ дошт ё Муовия? Ва оё амирулмӯъминин бештар эҳсоси иҷтимоӣ дошт, ки мегуфт, агар дигарӣ дар ақсо билоди мамлакати ман гурусна бошад, ман инҷо дард мекашам. Аз ин болотар ҳам мешавад?!

**وَحَسْبُكَ دَاءً أَنْ تَبِيتَ بِبِطْنَةٍ**

**وَحَوْلَكَ أَكْبَادٌ تَحِنُّ إِلَى الْقِدِّ**

(*"Ин дард барои ту бас аст, ки шаб бо шиками пур бихобӣ ва дар гирдат ҷигарҳое бошад, ки қадаҳи пӯстеро орзу кунанд (ва барои онон фароҳам нашавад, чӣ ҷои он ки таом дошта бошанд)." (Наҳҷул-балоға, номаи 45)*)

Оре, оё амирулмӯъминин, ки чунин мегуфт, бештар эҳсоси иҷтимоӣ дошт ё Муовия? Ҳамин афроде, ки ин ҳисси иҷтимоӣ ба олитарин ваҷҳ дар онҳо зинда аст, онҳо мазҳабӣ ҳастанд, на онҳое, ки худи иҷтимоиашонро фаромӯш кардаанд, баъд худашонро танҳо ҳамон худи фардӣ мебинанд ва баъд мегӯянд, пас инҳо моли ҷои дигар аст, (баъд, бигӯем) афроде, ки ин ҳиссҳо бештар дар онҳо зинда аст, ҳамонҳо мазҳабитар ҳастанд.

Ба илова, дар ин натиҷагирии ниҳоӣ, ки ин одам (Анвари Хомаӣ) хоста бикунад, хостааст ба як навъ ҷавоб бидиҳад. Яъне тавҷеҳе барои ин охирин сангаре, ки дар ихтиёри ин зиддимазҳабҳо ҳаст — ки ин охирин сангар ҳам дорад гирифта мешавад — дуруст кунад. Ва он ин аст, ки то кунун ҳамвора мегуфтанд: дин рафт, мазҳаб рафт, рафтанӣ аст; ин тавр, ки мо вазъи дунёро мебинем, анқариб дин меравад; илм омад, мазҳаб рафт, адолати иҷтимоӣ омад, мазҳаб рафт… Кам-кам мебинанд, ҳамаи ин меъёрҳо ва миқёсҳо ғалат аз об даромада; ин тавр, ки мазҳаб нишон медиҳад, на хайр, ташриф дорад, хотири оқоён ҷамъ бошад, аз байн рафтанӣ нест ва вуҷуд дорад. Ҳол, омадаанд чунин тавҷеҳе мекунанд, ки на, мазҳаб ҳаст, боқӣ аст ва намешавад мазҳаб аз байн биравад, вале решаи илоҳӣ надорад. Ҳарфи охираш ин аст, ки:

*"Аз он чи гузашт, натиҷа бигиред, ки идеология ба таври аъамм ва мазҳаб ба таври ахасс аз мазоҳири асосии зиндагии иҷтимоӣ ҳастанд ва касоне, ки тасаввур мекунанд бо пешрафти инсон ва дониши ӯ инҳо аз байн хоҳанд рафт, на сохтмони иҷтимоъро дуруст шинохтаанд ва на моҳияти идеология ва мазҳабро."*

Якчунин тавҷеҳе мехоҳанд бикунанд. Ба инҳо бояд гуфт, ки агар ин ҳарф дуруст бошад, бо пешрафти ҷомеашиносии оқои Дюркгейм, дигар мазҳаб бояд аз байн биравад, зеро ҳарфи Дюркгейм ҳам маъноям ин аст, ки эътиқод ба мазҳаб ба навъе ҷаҳолат бармегардад, ҳамон тавре, ки ҳарфи Фейербах ҳам ин ҷур буд, мунтаҳо Фейербах инсонро ба сурати фардӣ медид; мегуфт: инсон билфитра як силсила сириштҳои нек ва як силсила сириштҳои палид дорад, баъд дар ҷараёни иҷтимоъ чун худашро хеле гирифтори сиришти палиди худ мебинад, он сиришти поки худро аз худаш интизоъ ва ҷудо мекунад ва ӯро дар беруни худаш фарз ва хаёл мекунад.

## Назари Қуръон дар бораи маншаи дин

Чанд ҷаласа баҳс шуд дар бораи назариёте, ки иддае дар бораи маншаи гароиши инсон ба дину мазҳаб ё маншаи пайдоиши дину мазҳаб иброз доштаанд. Ҳол, бо таваҷҷӯҳ ба тамоми гуфтаҳои ин оқоён чанд чиз равшан мешавад:

1) Яке ин ки: ҳар ки ҳар чи гуфтааст, ҷуз як силсила фарзияҳо чизи дигаре нест. Яъне ҳар як аз инҳо аз назари илмӣ ҳадди аксар арзиши як фарзияро дорад, на як назария, ки як фарзияи исботшуда аст. Фарқ аст миёни фарзия ва назария. Як вақт инсон дар бораи чизе як фарз мекунад, яъне як эҳтимол медиҳад. Ин эҳтимол ба унвони як тарҳи аввалӣ аст барои таҳқиқ, то баъд бибинем, ки далоил онро таъйид мекунад ё намекунад. Вале назария он вақте аст, ки далоил ҳам онро таъйид кардааст.

Худи ҳамин таъаддуд ва гуногун будани ин фарзияҳо далел бар ин аст, ки инҳо ба сурати назария наомадааст. Ва ба илова, мо дидем, ки ҳеч кас далеле барои ҳарфи худаш зикр накардааст. Он касе, ки мегӯяд, инсон дар зоти худаш дорои як дугонагӣ аст: як вуҷуди олӣ ва мутаъолӣ дорад ва як вуҷуди донӣ, кам-кам аз вуҷуди донии худаш ғофил мешавад ва он чиро, ки дар худ дорад, ба ғайри худ нисбат медиҳад. Ба ӯ мегӯем, ба чӣ далел? Як "фарзия", ки бештар нест, балки дидем, ки далел дар ҷиҳати хилоф аст.

Иттифоқан, яке аз далоиле, ки мо ҳамеша ба он истинод мекунем ин аст, ки муштариҳои дин яъне гароишпайдокунандагон ба дин, аз чӣ гурӯҳҳое ҳастанд. Оё мардуме, ки тибқи сохтмони аввалия (сиришт) наҷибу шариф ҳастанд, гароиш ба дин пайдо мекунанд ё (ин ки) ағлаби мардуми наҷибу шариф — онҳое, ки дар худ эҳсоси шарофат мекунанд — ҳеч ба тарафи дин таваҷҷӯҳ намекунанд? (Балки) фақат афроде, ки шарофаташонро бохта ва фаромӯш кардаанд, таваҷҷӯҳ ба дин пайдо мекунанд?

Дар амал мо мебинем, баъзе эрод мегиранд — ва эрод ҳам худаш як ҳарфе аст — ки мӯъминҳое, ки шумо мебинед (ва) ин қадр афроди поке ҳастанд, инҳоро дин ин ҷур пок насохтааст, инҳо аввал пок будаанд, баъд омадаанд ба тарафи дин. Агар касе ба ин сурат эрод бигирад, андаке наздиктар аст ба қабул, то ба он сурат, ки бигӯяд, афроде, ки покӣ ва шарофат ва ҳамаи хубиҳоеро, ки доранд фаромӯш мекунанд — чун онро аз даст медиҳанд — шарофатҳоро ба як амри дигаре ба номи "Худо" нисбат медиҳанд.

Ва ба ҳамин хотир бибинед, нукот ва зароифи Қуръон чӣ гуна аст. Як масъалае мавриди суол аст; ғолибан мегӯянд, чаро Қуръон масалан мегӯяд:

**ذَلِكَ الْكِتَابُ لَا رَيْبَ فِيهِ هُدًى لِلْمُتَّقِينَ**

(*"Ин китоб, ки ҳеч шак дар он нест, роҳнамои муттақиҳо (парҳезгорон) аст." (Сураи Бақара, ояти 2)*) Ва назири ин дар оятҳои Қуръон зиёд аст. Ҳидоят аст барои муттақиён. Ин хел суол мекунанд, ки дар инҷо фарз бар ин аст, ки аввал, афроди муттақӣ ҳастанд, баъд Қуръон муттақиҳоро ҳидоят мекунад ва ҳол он ки Қуръон ғайри муттақиҳоро муттақӣ мекунад, на ин ки муттақиҳоро ҳидоят кунад. Ё дар сураи муборакаи Ёсин мехонем:

**يس. وَالْقُرْآنِ الْحَكِيمِ. إِنَّكَ لَمِنَ الْمُرْسَلِينَ. عَلَى صِرَاطٍ مُسْتَقِيمٍ. تَنْزِيلَ الْعَزِيزِ الرَّحِيمِ. لِتُنْذِرَ قَوْمًا مَا أُنْذِرَ آبَاؤُهُمْ فَهُمْ غَافِلُونَ... إِنَّمَا تُنْذِرُ مَنِ اتَّبَعَ الذِّكْرَ وَخَشِيَ الرَّحْمَنَ بِالْغَيْبِ فَبَشِّرْهُ بِمَغْفِرَةٍ وَأَجْرٍ كَرِيمٍ**

(*"Ёсин (эй сайиди расулон ва эй комилтарин инсон!) Савганд ба Қуръони ҳаким, ки ту қатъан аз расулон (-и Худованд) ҳастӣ, бар тариқе мустақим. Ин Қуръонест, ки аз сӯи Худованди азизу раҳим нозил шуда, то қавмеро инзор (бим) кунӣ, ки падарони онҳо инзор нашуданд ва бинобар ин онҳо ғофиланд… Ту танҳо касеро инзор мекунӣ, ки аз ин ёдоварии илоҳӣ пайравӣ кунад ва аз Худованди раҳмон дар пинҳон битарсад, чунин касеро ба омурзишу подоши пурарзиш башорат деҳ." (Сураи Ёсин, оятҳои 1-11)*) Мақсудам ояти ахир аст. Инро ҷавоб додаанд — дар тафсири "*Алмизон*" ҳам хаёл мекунам, ин матлаб ҳаст — ки инсонҳо дорои ду гуна ҳидоят ҳастанд: ҳидояти фитрӣ ва ҳидояти ба истилоҳ иктисобӣ. Ва Қуръон мехоҳад бигӯяд, ки то касе чароғи ҳидояти фитриаш равшан набошад, ҳидояти иктисобӣ барои ӯ фоида надорад. Ин дар воқеъ ҳамон матлаб аст, ки то инсон инсонияти фитрии худашро ҳифз накарда бошад, таълимоти анбиё барои ӯ фоида надорад. Яъне таълимоти анбиё барои ашхоси масхшуда ва инсониятро аз даст дода, муфид нест; дуруст акси ҳарфи инҳо ва таҷриба ва воқеият низ ҳаминро нишон медиҳад. Масалан, бардошти ман аз сураи "Моъун" ҳамин тавр буда:

أَرَأَيْتَ الَّذِي يُكَذِّبُ بِالدِّينِ

(“*Оё дидӣ он касро, ки рӯзи ҷазо (қиёмат)-ро инкор мекард?*” (*Сураи Моъун, ояти 1*)) Дидӣ он касеро, ки динро дурӯғ мепиндорад? Ибтидо ба сурати таъаҷҷуб сухан мегӯяд, ки инсон инсон бошад ва динро дурӯғ бипиндорад?! Ва баъд мушаххасоташро зикр мекунад, ки ин чун аз инсоният хориҷ шуда динро такзиб мекунад:

فَذَلِكَ الَّذِي يَدُعُّ الْيَتِيمَ

(“*Ӯ ҳамон касест, ки ятимро бо хушунат меронад.*” (*Сураи Моъун, ояти 2*)) Ин ҳамон касест, ки ятимро ба шиддат аз худ меронад. Яъне ин амр шарти инсоният аст ва фитрати инсоният ҳукм мекунад, ки инсон нисбат ба ятим отифа дошта бошад.

وَلَا يَحُضُّ عَلَى طَعَامِ الْمِسْكِينِ

(“*Ва дигаронро ба таъом додани ба мискин ташвиқ намекунад.*” *Сураи Моъун, ояти 3*)) Ин касест, ки барои итъоми масокин ва тағзия кардани мардуми гурусна кӯшише надорад, ташвиқу тарғибе надорад, таъовуне надорад. Яъне ин аввал инсоният ашро аз даст дода. Одаме, ки инсониятро аз даст бидиҳад, қаҳран исломиятро ҳам қаблан аз даст дода, яъне дигар як инсони табиӣ нест, як инсони масхшуда аст.

Боз аз матлаб дур шудем. Хостам арз кунам, ки мебинед, ҳарфҳои инҳо сирфан як силсила фарзияҳои бидуни далел аст, балки фарзияҳое аст, ки далел ҳамеша бар хилофи ин фарзияҳост. Шояд аз ҳама мавҳумтар ҳамин фарзияи марксистҳост, ки дин ихтирои табақаи истисморгар аст. Ин ҳам ҳеч далеле надорад; воқеиятҳои таърих ва воқеиятҳои ҳозир онро комилан нафй мекунад ва далелҳо ҳама дар ҷиҳати хилоф аст.

2) Ҳол, мо мехоҳем бибинем, ки назари Қуръон дар бораи мабно ва маншаи дин чист. Як вақт мо динро ба унвони он чи аз ноҳияи пайғамбарон бар мардум арза мешавад нигоҳ мекунем. Ин маълум аст, ки маншааш “ваҳй” аст. Вале оё ҳамин ваҳй, ки маориферо ба унвони маорифи дин арза медорад ва ахлоқу тарбиятеро арза медорад ва қонуну муқарраротеро арза медорад ва дар маҷмӯъ, ҳамин ваҳй, ки як роҳеро барои фикр ва барои амали инсон арза медорад, як мабно ва решае ҳам дар инсонҳо дорад? Қатъи назар аз таълими хосси Қуръон, ин як амре бар хилофи табиати дин нест, ки касе бигӯяд, дин фақат як чизест, ки Худо ба василаи ваҳй бар башар арза доштааст, вале башар қабл аз ин арза шудан, як ҳолати бетафовутӣ роҷеъ ба дин ва лодинӣ доштааст.

Гуфтем, ки дар ин сурат масали башар мешавад масали як девор ва масали як коғази сафед нисбат ба хутуте, ки рӯи он нақш бишавад, ки ин коғаз фақат як ҳолати қобилият ва имкон — ба маънои як ҳолати бетафовутӣ — дар он ҳаст. Барои ин коғаз имкон ин ҳаст, ки чизе рӯяш навишта бишавад ё чизе рӯяш навишта нашавад. Яъне нисбати навишта шудан ва навишта нашудан, бо коғаз баробар аст; он чи, ки навишта мешавад ояти Қуръон бошад ё зидди Қуръон, барои коғаз баробар аст. Мумкин аст касе ин ҷур бигӯяд, ки башар тибқи сиришти худаш сирфан як ҳолати имкон ва як ҳолати бетафовутӣ нисбат ба дин дорад, фақат Худо пайғамбаронро мабъус фармуд ва онҳо омаданд динро, ки башар як ҳолати бетафовутӣ нисбат ба он дошт ба ӯ таълим доданд. Агар касе чунин ҳарфе бизанад, наметавон гуфт мункири адён шуда.

Ин худаш ҳарфе аст.

Вале назарияи дигар ин аст, ки на, **он чи ки пайғамбарон арза доштаанд, на чизест, ки инсон нисбат ба он як ҳолати бетафовутӣ ва як ҳолати тасовӣ доштааст, балки як чизест, ки иқтизои он дар сиришту зоти инсон ҳаст. Яъне талаби он, хости он ва ҷустуҷӯи он, дар табиат ва сиришти инсон ҳаст. Дар ин сурат ҳолати пайғамбарон ҳолати боғбоне мешавад, ки гуле ё дарахтеро парвариш медиҳад, ки дар худи ин дарахт ё гул як истеъдоде яъне як талабе барои як шайъи хосс ҳаст. Агар ҳастаи зардолуро дар замин мекорад, ин ҷур нест, ки ҳастаи зардолу бетафовут бошад барои хурмо шудан ё зардолу шудан ё олуболу шудан, ихтиёр бо боғбон аст, ки биёяд онро зардолу бикунад ё хурмо ва ё олуболу**.

**Дар инсон низ як фитрате — ба маънои як тақозое — вуҷуд дорад. Беъсати пайғамбарон посухгӯӣ ба тақозоест, ки ин тақозо дар сиришти башар вуҷуд дорад. Дар воқеъ он чи ки башар тибқи сиришти худаш дар ҷустуҷӯи он будааст ва хоҳад буд, пайғамбарон онро бар ӯ арза доштаанд ва арза медоранд. Ин ҳамон маънии фитрат аст**.

Ҳол, бибинем, ки дар маорифи исломӣ тасреҳе ё ишорае ба масъалаи фитрат ҳаст ё нест? Ҷои шак нест, ки дар ислом масъалаи фитрат шадидан матраҳ аст, мунтаҳо дар таъбир аз фитрат, уламо дар истинботашон мумкин аст мухталиф ва мутафовит бошанд, вале дар асли ин ки чизе ба номи фитрат, ба номи фитрати дин, фитрати исломият, фитрати тавҳид — ба номҳои мухталиф гуфта шудааст — дар сиришти инсон

ҳаст, миёни уламои исломӣ аъамм аз шиъа ва суннӣ ҳеч ихтилофе нест. Ҳол, миқдоре аз онро фақат ишора мекунам.

Яке аз онҳо ҳамон ояти маъруфи фитрат аст, ки дар сураи муборакаи Рум аст:

**فَأَقِمْ وَجْهَكَ لِلدِّينِ حَنِيفًا**

*“Чеҳраи худатро ба сӯи дин кун ба шакли пойдор…”* Динро бапо дор, яъне пойдораш нигаҳ дор, таваҷҷӯҳи худатро ба он сӯ кун, “ҳанифан” дар ҳоле, ки ҳаниф ҳастӣ, дар ҳоле, ки ҳаққгаро ва ҳақиқатгаро ҳастӣ.

**فِطْرَتَ اللَّهِ الَّتِي فَطَرَ النَّاسَ عَلَيْهَا**

Яъне ҳамин дин, ки фитрати илоҳӣ аст, ин хилқати илоҳӣ, ин дин, ин чигунагии хосс дар офариниши инсон, ки Худои Мутаъол ҳамаи инсонҳоро бар ин чигунагӣ офаридааст,

**لَا تَبْدِيلَ لِخَلْقِ اللَّهِ**

— тағйирпазир нест, ҷузъи сиришти инсон аст. То инсон дар олам ҳаст ва то инсон инсон аст, инсоне, ки мутаваллид бишавад, боз бо ин сиришт мутаваллид мешавад. Яъне сириштро намешавад дар инсонҳо иваз кард ва тағйир дод ва табдил ба чизи дигар кард.

**ذَلِكَ الدِّينُ الْقَيِّمُ**

*“Он аст дини рост ва фавқулъода рост ва мустақим”. (Сураи Рум, ояти 30*) Ин оят дар камоли сароҳат динро “фитрати Аллоҳ” барои ҳамаи мардум мешиносад. Агар лозим бошад баъд бештар баҳс мекунем.

Ҳамчунин дар сураи муборакаи Ёсин ин тавр мефармояд:

**أَلَمْ أَعْهَدْ إِلَيْكُمْ يَا بَنِي آدَمَ أَنْ لَا تَعْبُدُوا الشَّيْطَانَ إِنَّهُ لَكُمْ عَدُوٌّ مُبِينٌ. وَأَنِ اعْبُدُونِي هَذَا صِرَاطٌ مُسْتَقِيمٌ. وَلَقَدْ أَضَلَّ مِنْكُمْ جِبِلًّا كَثِيرًا أَفَلَمْ تَكُونُوا تَعْقِلُونَ**

(*“Оё бо шумо аҳд накардам эй фарзандони Одам, ки шайтонро парастиш накунед, ки ӯ барои шумо душмани ошкоре аст? Ва ин ки маро бипарастед, ки роҳи мустақим ин аст? Ӯ афроди зиёде аз шуморо гумроҳ кард, оё андеша накардед?” (Сураи Ёсин, оятҳои 60-62)*)

Сухан аз як аҳду паймон аст: эй Банӣ Одам, эй фарзандони Одам! Оё ман бо шумо паймон набастам? Мегӯяд, ману шумо қаблан бо якдигар қарордод ва паймон бастем, ки шайтонро парастиш накунед. Инҷо парастиши шайтон, шайтонпарастӣ ба он маъно

нест, ки биравем дар як меҳроб муҷассамаи шайтонро бисозем, балки ҳамон пайравӣ аз шайтон аст.

وَأَنِ اعْبُدُونِي

Мо бо ҳамдигар паймон бастем, ки шайтонро парастиш накунед, манро парастиш кунед.

هَٰذَا صِرَاطٌ مُسْتَقِيمٌ

Роҳи рости шумо, ки шуморо ба камол ва саодататон мерасонад ин аст.

Ояти дигар, он ояти маъруфе аст, ки ба "ояти зарр" маъруф шудааст:

وَإِذْ أَخَذَ رَبُّكَ مِنْ بَنِي آدَمَ مِنْ ظُهُورِهِمْ ذُرِّيَّتَهُمْ وَأَشْهَدَهُمْ عَلَى أَنْفُسِهِمْ أَلَسْتُ بِرَبِّكُمْ قَالُوا بَلَى شَهِدْنَا أَنْ تَقُولُوا يَوْمَ الْقِيَامَةِ إِنَّا كُنَّا عَنْ هَذَا غَافِلِينَ. أَوْ تَقُولُوا إِنَّمَا أَشْرَكَ آبَاؤُنَا مِنْ قَبْلُ وَكُنَّا ذُرِّيَّةً مِنْ بَعْدِهِمْ أَفَتُهْلِكُنَا بِمَا فَعَلَ الْمُبْطِلُونَ

(*"Ва ба ёд ор ҳангомеро, ки парвардигори ту аз пушти фарзандони Одам зуррияи онҳоро баргирифт ва онҳоро бар худашон гувоҳ сохт, ки оё ман парвардигори шумо нестам? Ҳама гуфтанд: бале, мо гувоҳӣ диҳем. (Ва мо ин гувоҳӣ гирифтем), ки дигар дар рӯзи қиёмат нагӯед: мо аз ин воқеа ғофил будем ё он ки нагӯед, ки ин падарони мо ба дини ширк буданд ва мо ҳам фарзандон баъд аз онҳо будем, оё ба амали зишти аҳли ботил моро ба ҳалокат хоҳӣ расонид?" (Сураи Аъроф, оятҳои 72-73)*)

Ояти аҷибе аст. Тафсили оятро бигузоред, ду се қисмати дигарро бигӯям, баъд оятро андаке муфассалтар тафсир мекунам.

Оятҳои дигаре ҳам дар Қуръон ҳаст, вале шояд ба ин сароҳат набошад, агарчӣ сароҳати баъзе аз онҳо камтар ҳам нест, мисли ояти:

قَالَتْ رُسُلُهُمْ أَفِي اللَّهِ شَكٌّ فَاطِرِ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ

(*"Расулони онҳо гуфтанд: оё дар Худо шак аст? Худое, ки осмонҳо ва заминро офарида?.." (Сураи Иброҳим, ояти 10)*) Оё дар Худо шакке ҳаст; Худои холиқи осмонҳо ва замин? Яъне дар робитаи инсон ва Худо, матлаб ба гунаест, ки ҷойи шакку тардид нест. Масъала истидлолӣ ва назарӣ нест, ки касе як назарияро интихоб кунад, дигаре назарияи дигарро интихоб кунад. Балки агар масъала ба сурати саҳеҳаш тарҳ шавад, аҳаде шак намекунад. Пас агар касе шак мекунад, масъаларо ба сурати саҳеҳ тарҳ накарда, дар ғайри Худо шак карда исмашро гузошта "Худо" ва ё шак надорад, (балки) инод меварзад. Ин оятро ҳам мо метавонем ҷузъи оятҳои фитрат бидонем.

Ояти дигаре ҳаст, ки рӯи ин оят баҳси бештаре ҳаст; оятест, ки матлаберо ба сурати рамз ва самбулик зикр кардааст:

**إِنَّا عَرَضْنَا الْأَمَانَةَ عَلَى السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ وَالْجِبَالِ فَأَبَيْنَ أَنْ يَحْمِلْنَهَا وَأَشْفَقْنَ مِنْهَا وَحَمَلَهَا الْإِنْسَانُ إِنَّهُ كَانَ ظَلُومًا جَهُولً**

(*“Мо бар осмонҳо ва замин ва кӯҳҳои олам амонат арз (бор) кардем. Ҳама аз таҳаммули он худдорӣ варзида ва андеша карданд ва инсон онро пазируфт. Бешак, инсон бисёр ситамкору нодон буд.” (Сураи Аззоб, ояти 72)*) Мо он амонатро (ки Қуръон намегӯяд, он амонат чӣ амонатест) бар ҳамаи мавҷудот арза доштем: осмон, замин, кӯҳҳо, махсусан ашёи хеле бузургро ном бурдааст, дар воқеъ яъне ҳама чиз. Ҳама аз пазириши ин амонат худдорӣ карданд, як мавҷуд қабул кард, ки ин амонатро таҳаммул кунад. Ва он инсон буд. Баъд мефармояд, ин инсон залуму ҷаҳул буд.

Рӯи ин оят хеле баҳс ҳаст. Ҳол, ин ки ин оят нозир бар ҳамин масъалаи фитрат бошад ё набошад, ҷои баҳс аст, ҳамин қадр хостам ишора карда бошам.

Оятҳои дигаре дар Қуръон аст, ки ба он сароҳат нест, вале албатта баъзе аз муфассирон ба ин шакл тафсир кардаанд, мисли ояте, ки мефармояд:

**وَلَئِنْ سَأَلْتَهُمْ مَنْ خَلَقَ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضَ لَيَقُولُنَّ اللَّهُ**

(*“Ва агар аз онҳо (кофирон) суол кунӣ: он кист, ки осмонҳо ва заминро офарида? Албатта ҷавоб диҳанд: Худост…” (Сураи Луқмон, ояти 25)*) Яъне агар аз ин мардум, аз ин кофирон, аз ин мушрикон, бипурсед, ки чӣ касе осмону заминро офаридааст, мегӯянд: Аллоҳ.

Ин оятро ду хел тафсир мекунанд: баъзе мегӯянд, мақсуди Қуръон ин аст, ки инҳо эътиқодашон ба холиқияти илоҳӣ комил аст, яъне инҳо Худоро холиқ медонанд ва бутҳоро холиқ ва шарик дар холиқияти Худо намедонанд, айби корашон ин аст, ки бо ин ки Худоро холиқи мутлақ медонанд, бо вуҷуди ин, дар ибодат ғайри холиқро шарики холиқ қарор медиҳанд. Агар ин хел бошад, ин баён ҳамон эътиқоди роиҷ ва маъмулии мушрикони замони пайғамбар аст.

Вале баъзе мегӯянд, Қуръон мехоҳад бигӯяд, ки инҳо алъон тибқи эътиқодоти сахифи худашон, барои Худо ғайри Худоро шарик қарор медиҳанд, ҳатто дар холиқият – албатта, на ин ки эътиқод ба шарик доранд, балки аслан фикре дар ин замина надоранд — вале агар шумо аз онҳо бипурсед, ки ту чӣ касеро ибодат мекунӣ, ночор мегӯяд: “Холиқ”. Баъд мегӯед, холиқ кист? Он гоҳ фитраташ ҷавоб медиҳад: “Аллоҳ”.

Ин оятҳоро ҳам гуфтаанд, вале мо феълан ба ин оятҳое, ки зуваҷҳайн (чандпаҳлӯӣ) аст, коре надорем.
Се ҷумла бароятон нақл мекунам. Як ҷумла аз ҳазрати Расул, як ҷумла аз “*Наҳҷул-балога*” ва як ҷумла аз “*Саҳифаи Саҷҷодия*”. Албатта инҳоро барои намуна зикр мекунам, вагарна дар боби фитрат, мо беш аз инҳо ҳадису ривоят дорем. Ҷумлае, ки аз Расули Акрам расидааст, ин ҳадиси маъруф аст:

**كلّ مولود يولد على الفطرة فأبواه يهوّدانه أو ينصّرانه أو يمجّسانه**

*“Ҳар мавлуде, ки мутаваллид мешавад, бар фитрати илоҳӣ, бар фитрати исломӣ ба дунё меояд, падарону модарон ҳастанд, ки инҳоро тағйир медиҳанд. Агар яҳудӣ ҳастанд, яҳудиаш мекунанд, насронӣ ҳастанд, насрониаш мекунанд, маҷусӣ ҳастанд, маҷусиаш мекунанд. Ҳар ки ҳар гурӯҳе ҳаст, он гурӯҳиаш мекунад.”*
Ин ҳадис дар аҳодиси аҳли тасаннун дар “*Саҳеҳи Бухорӣ*” аст ва дар шиъа дар “*Кофӣ*” аст. Албатта, ман қаблан онро дар “*Биҳор*” дида будам, вале аҳодисе, ки дар “*Биҳор*” нақл шуда буд, тақрибан метавон гуфт, ҳама аз манобеи аҳли тасаннун буд. Ва ман як вақте фикр мекардам, ин ҳадисро шиъа дар китобҳои мӯътабараш нақл накарда, чун “*Биҳор*” ҳам, ки нақл мекард, аз китоби “*Аволӣ ал-Лаолӣ*”-и Ибни Абимуҳури Эҳсоӣ нақл мекард, ки он, китоби чандон мӯътабаре дар ҳадис нест. Вале баъд дар тафсири “*Алмизон*” дидам, ки аз “*Кофӣ*” ҳам нақл кардаанд. Ман алъон ёдам нест, ки худам дар “*Кофӣ*” дида бошам, вале тафсири “*Алмизон*” аз “*Кофӣ*” нақл мекунад дар зайли ҳамон ояти:

**فَأَقِمْ وَجْهَكَ لِلدِّينِ حَنِيفاً**

Ин ҳадис дар нақли аҳли тасаннун як зайле ҳам дорад, мегӯянд, пайғамбар баъд аз он ки ин ҷумларо фармуд, як мисоле зикр кард. Ин мисол ҳам ҷолиб аст. Фармуд: оё ҳеч то ба ҳол як гӯсфандро дидаед, ки аз модар мутаваллид бишавад ва гӯшаш бурида бошад? Ё гӯсфанд аз модар бо гӯши солим ба дунё меояд, баъд инсонҳо гӯши ҳайвонро мебуранд. Мисол мезанад фитрати исломиятро ба ҳамон гӯши солим, ки муқтазои сиришт ва табиати инсон аст ва ғайри исломро ба гӯши бурида, ки як омили хориҷӣ меояд, чоқуеро бармедорад ва гӯши ҳайвонро мебурад. Ин як ҳадис.
Он ки дар “*Наҳҷул-балога*” (хутбаи аввал) аст ин аст: баъд аз он ки хилқати оламу одамро ишора мефармояд, навбати масъалаи баъси (фиристодани) русул (расулон) мерасад ва мефармояд:

**فبعث فيهم رسله**

Худо расулони худро дар миёни мардум мабъус фармуд —

**وواتر اليهم أنبيائه**

— Анбиёи худашро яке баъд аз дигаре фиристод. Яъне ба яке қаноат накард, пушти сар ҳам фиристод, ки ҳар кадом омаданд ва таъйиду таъкиди қаблиро карданд. Чаро?

**ليستأدوهم ميثاق فطرته ويذكّروهم منسيّ نعمته ويحتجّوا عليهم بالتّبليغ ويثيروا لهم دفائن العقول**

Мефармояд: Худо паёмбаронро яке баъд аз дигаре фиристод,

**ليستأدوهم ميثاق فطرته**

— омаданд аз мардум бихоҳанд вафои ба паймонеро, ки дар фитраташон ҳаст, омаданд ба инсон бигӯянд, эй инсон! Ту дар он умқи фитратат бо Худои худат паймоне бастаӣ, мо омадаем вафои ба он паймонро бихоҳем. Яъне ибтидо ба сокин нест, як чизе, ки вуҷуд дорад омадаанд онро ба истилоҳ ба феълият бирасонанд. Мисли ин ки як вақт шумо меоед аз афроде барои коре қавл бигиред ва як вақт қавлашро қаблан шумо ё каси дигар гирифтааст, шумо меоед ва мегӯед, он мавзӯе, ки қавлашро додаед, омадаем, ки амал бикунед. Амирулмӯъминин мефармояд, пайғамбарон омадаанд адои мисоқеро, ки дар фитрат ҳаст, аз мардум бихоҳанд.

**ويذكّروهم منسيّ نعمته**

Неъматҳои Худоро, ки мавриди ғафлату нисёни башар аст, ба ёди башар биёваранд. Яъне ба унвони музаккир ва ёдовар омадаанд башарро таваҷҷӯҳ бидиҳанд ба чизе, ки аз он ғофил аст. Яъне омадаанд, ки музаккир бошанд, на муаллим. Албатта, пайғамбарон муаллим ҳам ҳастанд. Мебинед, дар Қуръон пайғамбар, ҳам ба унвони музаккир ёд шуда ва ҳам ба унвони муаллим. Дар он чи ки марбут ба фитрати мардум аст, пайғамбар унвони "музаккир" (ёдоварикунанда) дорад.

**ويحتجّوا عليهم بالتّبليغ**

Пайғамбарон ҳамчунин омадаанд, ки дар ҳоле, ки музаккири мардум ҳастанд ва мардумро таблиғ мекунанд ва рисолати худашонро ба мардум иблоғ мекунанд, ба ин васила бар мардум эҳтиҷоҷ кунанд, яъне бар мардум итмоми ҳуҷҷат кунанд, далел барои мардум биёваранд, мардумро иқноъ кунанд ва узрро аз мардум қатъ кунанд.

Таъбири баъдӣ аз ҳамаи инҳо амиқтар аст:

**ويثيروا لهم دفائن العقول**

“Дафоин” яъне ганҷинаҳо, дафинаҳо, ганҷҳо. Медонед, дар қадим ганҷро дар зери замин дафн мекарданд, на барои ин ки масалан фосид нашавад, балки барои ин ки касе аз он иттилоъ пайдо накунад. Қаҳран рӯяшро хок мепошиданд, ки касе намефаҳмид инҷо ганҷ аст. Шахс аз рӯи он рад мешуд ва намедонист, ки зери пойи ӯ ганҷе вуҷуд дорад. Пайғамбарон омаданд, мардумро огоҳ кунанд, ки дар умқи руҳи шумо, дар аъмоқи ақлҳои шумо ва дар аъмоқи замири ботини шумо ганҷҳо вуҷуд дорад, худатон ғофилед. Омаданд, рӯи ганҷҳоро ақиб бизананд, то башар мутаваҷҷеҳ бишавад, ки аҷаб! Ин ҳама ганҷ дар мо вуҷуд дошта ва мо бехабар будем?!

*Солҳо дил талаби ҷоми Ҷам аз мо мекард,*

*В-он чи худ дошт, зи бегона таманно мекард…*

*Бедиле дар ҳама аҳвол Худо бо ӯ буд,*

*Ӯ намедидашу аз дур, Худоё, мекард.*

*(Ҳофиз)*

Аз ин ҷиҳат аст, ки дар Қуръон мо ба ду гуна оятҳо бармехӯрем: оятҳои офоқӣ ва оятҳои ануфсӣ. Оятҳои офоқӣ яъне он чи берун аз замири инсон аст: хилқати инсонҳои дигар, осмон, замин, ситорагон, кӯҳ, дарё, гиёҳ, ҳайвон ва ғайра. Вале оятҳои анфусӣ яъне он чи дар замири худи инсон вуҷуд дорад. Ва Қуръон барои оятҳои анфусӣ аҳаммияти бештаре аз оятҳои офоқӣ қоил аст. Ва ин истилоҳи “офоқу анфус” ҳам аз худи Қуръон гирифта шудааст, ки фармуда:

**سَنُرِيهِمْ آيَاتِنَا فِي الْآفَاقِ وَفِي أَنْفُسِهِمْ حَتَّى يَتَبَيَّنَ لَهُمْ أَنَّهُ الْحَقُّ**

(*“Мо оятҳо (нишонаҳо)-и худро дар офоқи ҷаҳон ва нуфуси бандагон комилан ҳувайдо ва равшан мегардонем, то зоҳиру ошкор шавад, ки Худо ҳақ аст…” (Сураи Фуссилат, ояти 53)*) Ва чунон ки гуфтем, “офоқу анфус”, ки баъд дар истилоҳи уламои исломӣ омад, аз Қуръон иқтибос шудааст.

Бибинед, ислом то куҷо барои инсон асолат қоил шудааст, ки барои ӯ як замири ботини фитрӣ қоил аст:

**وَفِى ٱلْأَرْضِ آياتٌ لِلْمُوقِنِينَ. وَفِى أَنْفُسِكُمْ أَفَلا تُبْصِرُونَ**

(*“Ва дар рӯи замин барои аҳли яқин нишонаҳое падидор аст. Ва ҳам дар нуфуси худи шумо мардум, оё наменигаред?” (Сураи Зориёт, ояти 20)*) Ва чаро намебинед?..

Ҷумлае дар “*Саҳифаи Саҷҷодия*” аст. Ин ҷумла ҳам иттифоқан дар аввалин дуои “*Саҳифаи Саҷҷодия*” аст, ки дуое аст, ки бо ҳамду санои илоҳӣ шурӯъ мешавад ва ҳамаи он дуои ҳамд аст. Дар ҳамон аввалҳои ин дуо ин чанд ҷумла омадааст:

**ابتدع بقدرته الخلق ابتداعا**

“*Ибдоъ кард бо қудрати худ халқу офаринишро ибдоъ кардане.*” Гуфтем, “ибдоъ” яъне хилқате на аз рӯи як мисол ва тақлид, ки арз кардем, башар ҳам дар олами худаш ва дар ҳадди худаш навъе офаринандагӣ дорад, вале офаринандагии башар гарчӣ исмашро “ибдоъ” бигузорем, боз аз рӯи як мисол (табиат ва хилқат) аст. Аммо Худованди Мутаъол, ки холиқи олам аст, қабл аз ӯ чизе набуда, ки аз рӯи як нақша халқ бикунад.

**واخترعهم على مشيّته اختراعا**

“*Онҳоро бар тибқи машияти худаш ихтироъ кард ихтироъ кардане.*” “Ихтироъ” низ ҳамон маънои “ибдоъ”-ро мерасонад, яъне фақат аз ноҳияи Худованд ихтироъ аст, чунон ки масалан забти савтро як касе ибтидо – мегӯем — ихтироъ карда, баъд дигарон ҳар чӣ меоянд (ва) месозанд, дигар амали инҳо “ихтироъ” шумурда намешавад.

**ثمّ سلك بهم طريق ارادته وبعثهم فى سبيل محبّته**

“*Баъд, ки инҳоро офарид, инонро роҳ бурд* (2) *ва ба роҳ андохт дар тариқи иродаи худаш.*” Ба қаринаи баъдӣ маъноям ин аст: дар тариқи ин ки халқ ӯро ирода кунад (на дар тариқе, ки ӯ ирода кардааст), дар роҳе, ки ӯро мехоҳанд, онҳоро ба роҳ андохт ва ба ҳаракат даровард. Ҷумлаи баъд матлабро бештар равшан мекунад:

**وبعثهم فى سبيل محبّته**

“*Халқро дар роҳи муҳаббати худаш барангехт.*” Хеле ҷумлаи аҷибест! Яъне, аслан тамоми ин ҳаракатҳо ва ҷунбишҳои халқ, чӣ худашон бифаҳманд ва чӣ худашон нафаҳманд, дар тариқи муҳаббати Худост. Дар масъалаи “ишқ” як баҳсҳое тарҳ кардем; гуфтем, ҳатто он касе ҳам, ки ғайри Худоро меҷӯяд, муҳаррики аслиаш ҷустуҷӯи Худост, иштибоҳи мисдоқ карда. Ҳол, калимаи “холиқ”, ки дар ибтидои ин ҷумла буд:

**ابتدع بقدرته الخلق**

— мумкин аст мақсуд аз он, мутлақи халқу офариниш бошад, ки қаҳран шомили инсон ҳам мешавад. Дар ин сурат маънои ҷумла ин аст, ки тамоми дори вуҷуд дар тариқи муҳаббати илоҳӣ дар ҳаракат аст. Он гиёҳ ҳам, ки ҳаракат мекунад, ҷуз ишқ ӯ чизе дар сар надорад, он санг ҳам, ки мегӯем, бо қувваи ҷозиба ҳаракат мекунад, дар воқеъ ғайр

аз ин ки зоти Ҳақро ҷустуҷӯ мекунад ва муҳаббати ӯ дар зоти ӯ ҳаст, чизи дигаре нест. Он гоҳ оятҳое мисли

وَإِنْ مِنْ شَيْءٍ إِلَّا يُسَبِّحُ بِحَمْدِهِ وَلَكِنْ لَا تَفْقَهُونَ تَسْبِيحَهُمْ

*(“Ва ҳар мавҷуде тасбеҳу ҳамди ӯ мегӯяд, вале шумо тасбеҳи онҳоро намефаҳмед…” Сураи Исро, ояти 44)*)

أَفَغَيْرَ دِينِ اللَّهِ يَبْغُونَ وَلَهُ أَسْلَمَ مَنْ فِي السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ

*(“Оё онҳо (кофирон) дине ғайри дини Худоро металабанд? Ва ҳол он ки ҳар ки дар осмонҳо ва замин аст, хоҳ нохоҳ мутеъи амри Худост…” Сураи Оли Имрон, ояти 83)*)

وَلِلَّهِ يَسْجُدُ مَنْ فِي السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ

*(“Ҳар ки дар осмонҳо ва замин аст, ба саҷда (ва тоат)-и Худо машғул аст…” (Сураи Раъд, ояти 15)*)

سَبَّحَ لِلَّهِ مَا فِي السَّمَاوَاتِ وَمَا فِي الْأَرْضِ

*(“Ҳар чи дар осмонҳо ва замин аст, ҳама ба тасбеҳу ситоиши Худо машғуланд…” Сураи Ҳашр, ояти 1)*)

Яъне Қуръон як ҷаҳонбинии васеъи аҷибе ба мо медиҳад.

Шоирони орифмаслак дар ин замина зиёд гуфтаанд, мисли он шеърҳои маъруфе, ки зоҳиран аз Низомӣ аст:

*Хабар дорӣ, ки сайёҳони афлок*
*Чаро гарданд гирди маркази хок?*
*Чӣ мехоҳанд аз ин манзил буридан?*
*Кӣ меҷӯянд аз ин маҳмил кашидан,*
*Дар ин меҳробгаҳ маъбудашон кист*
*Аз ин омад шудан мақсудашон чист?*

Баъд мегӯяд:

*Ҳама ҳастанд саргардон чу паргор,*
*Падидорандаи худро талабгор.*

Ҳамин ҳақиқатро мегӯяд. Ҳамчунин он шеъри маъруф дар он ғазали маъруфи Ҳофиз, ки бо ин байт шурӯъ мешавад:

*Мо бад-ин дар на пайи ҳишмату ҷоҳ омадаем,*
*Аз бади ҳодиса ин ҷо ба паноҳ омадаем.*

Баъд мегӯяд:

*Раҳрави манзили ишқему зи сарҳадди адам*

*То ба иқлими вуҷуд ин ҳама роҳ омадаем.*

Рози офариниш муҳаббат аст. (Ғазали бисёр хубест).

*Обрӯ меравад, эй абри хатопӯш, бибор,*

*Ки ба девони амал номасиёҳ омадаем.*

Ҳофиз дар ин замина зиёд дорад, яке ва дуто нест. Ғазале аз ӯро, ки андаке равшантар аст зикр мекунам:

*Равшан аз партави рӯят назаре нест, ки нест,*

*Миннати хоки дарат бар басаре нест, ки нест.*

*Нозири рӯйи ту соҳибназаронанд, оре,*

*Сирри гесуи ту дар ҳеч саре нест, ки нест.*

Гурӯҳи соҳибназар онҳо ҳастанд, ки туро мебинанд ва мефаҳманд, ки мебинанд ва гурӯҳи дигар онҳое ҳастанд, ки мебинанд ва худашон намефаҳманд, ки доранд мебинанд.

*Маслиҳат нест, ки аз парда бурун афтад роз*

*Варна дар маҷлиси риндон хабаре нест, ки нест.*

Ҳоҷӣ Сабзаворӣ, соҳиби китоби "Манзума", ҳаким ва файласуф ва ориф ва фавқулъода марди муттақии бо ҳолест ва гарчӣ шӯҳраташ ба илмаш аст, вале мақоми амалаш аз мақоми илмаш болотар аст, шеър ҳам мегуфта, ҳам ба форсӣ ва ҳам ба арабӣ, албатта шоири дараҷаи аввал нест, вале шеърҳои хуб ҳам зиёд дорад. Баъзе шеърҳояш воқеан олӣ аст.

Ҳамин ғазали Ҳофизро ӯ истиқбол карда. Яке ду то шеър дар он ҳаст, ки тақрибан ҳамрадифи шеърҳои Ҳофиз шуда ва хеле ҳам шӯҳрат пайдо карда. Мегӯяд:

*Шӯриши ишқи ту дар ҳеч саре нест, ки нест,*

*Манзари рӯйи ту зеби назаре нест, ки нест.*

(Ҳамон ҳарфи Ҳофизро бо ин иборат мегӯяд.)

*Нест як мурғи диле к-иш нафикандӣ ба қафас,*

*Тири бедоди ту то пар ба паре нест, ки нест.*

*На ҳамин аз ғами ӯ синаи мо сад чок аст,*

*Доғи ӯ лоласифат бар ҷигаре нест, ки нест.*

Шеъри хеле маъруфаш, ки байтулғазали он аст ин аст:

*Мӯсие нест, ки даъвои аналҳақ шунавад,*

*Варна ин замзама андар шаҷаре нест, ки нест.*

*Чашми мо дидаи хуффош бувад варна туро*

*Партави ҳусн ба девору даре нест, ки нест.*

*Гӯш асроршунав нест вагарна “Асрор”,*

*Бараш аз олами маъно хабаре нест, ки нест.*

Ба ҳар ҳол ин ҷумлаи “Саҳифаи Саҷҷодия” ҳам ҷумлаи фавқулъода аҷибу пурмағзу пурмаъное аст. Ҳол, агар мо дар ҷумлаи:

ابتدع بقدرته الخلق

— “халқ”-ро ба маънои мутлақи офариниш бигирем, ин ҷумалот як фалсафаи умумӣ барои кулли офариниш аст, ки шомили инсон ҳам ҳаст. Ва агар “халқ”-ро махсуси инсонҳо бидонем, бадеҳӣ аст, ки боз ҳам шомили инсонҳо мешавад. Инҳо як чизҳое буд, ки ман ба таври намуна хостам арз кунам, ки инҳо дар мадорики исломӣ ҳаст.

Ҳол, матлаберо муқаддиматан арз мекунам ва баъд ба шарҳи оятҳо (ояти фитрат ва ояти зарр) мепардозам.

Дар боби фитрат, ду навъ фитрат метавонем дошта бошем, ки инҳо бо якдигар монеъатулҷамъ нестанд ва балки бо ҳамдигар ҳастанд: яке фитрати идрокӣ ва дигар фитрати эҳсосӣ. (Эҳсос ба ҳамон маъное, ки мо “эҳсосот” мегӯем).

Фитрати идрокӣ маънояш ин аст, ки дин ё хусуси тавҳид — ки дар ин бора дар баҳси:

فَأَقِمْ وَجْهَكَ لِلدِّينِ حَنِيفاً

— баҳс хоҳем кард — аз назари идрокӣ яъне аз назари фикрӣ, барои башар фитрӣ аст. Яъне як фикре аст, ки ақли инсон фитратан онро мепазирад ва барои пазируфтанаш ниёз ба таълиму таъаллум ва мадраса нест. Ва ба таври куллӣ, ҳар чиро, ки мо аз назари идрок бигӯем “фитрӣ”, маънояш ин аст, ки ё далел намехоҳад ва бадеҳии аввалӣ аст ва ё аз қазоёе аст, ки агар ҳам далел мехоҳад, далелаш ҳамеша ҳамроҳаш ҳаст; “қазоё қиёсотуҳо маъҳо” аст. Ва чун далелаш ҳамеша ҳамроҳаш ҳаст, боз ҳам ниёзе ба ин ки муаллиме дар мадраса онро ба инсон омӯхта бошад нест. Инро мо мегӯем, идроки фитрӣ, ки марбут ба олами фикру идроку ақл мешавад. Ҳол, барои ин боз намунае аз ҳадис биёварам.

Ҳадисест дар тафсири “Софӣ” аз Имом Аскарӣ (алайҳис салом); ҳадиси бисёр муфассале аст. Гарчӣ санади он чандон мӯътабар нест, вале мазомини ҳадис мазоминест, ки Шайхи Ансорӣ мегӯяд, аз мазомини ин ҳадис алоими сиҳҳат намудор аст. Хеле ҷолиб ҳам ҳаст. Дар зайли ояти:

وَمِنْهُمْ أُمِّيُّونَ لَا يَعْلَمُونَ الْكِتَابَ إِلَّا أَمَانِيَّ

(*“Ва порае аз онҳо авомоне ҳастанд, ки китоби Худоро ҷуз як мушт хаёлоту орзуҳо намедонанд…” Сураи Бақара, ояти 78)*) аст. Қуръон тӯдаи бесаводи яҳудиро интиқод мекунад, яъне илова бар интиқод аз аҳбору уламояшон, мефармояд:

وَمِنْهُمْ أُمِّيُّونَ لَا يَعْلَمُونَ الْكِتَابَ إِلَّا أَمَانِيَّ

Гурӯҳе аз инҳо ҳам як мардуми уммии бесаводе ҳастанд, ки аз Тавроташон ҷуз як силсила орзуҳо ва хаёлот хабаре надоранд (мисли тӯдаи мусалмони имрӯз.) Ҳамин қадр медонад, ки як Тавроте ҳаст, аммо агар бипурсед, муҳтавои Таврот чист?, ҳеч чиз намедонад, шояд як чизҳоеро хаёл бикунад дар Таврот аст, ки дар Таврот нест ва чизҳоеро, ки дар Таврот ҳаст, ӯ хабар надорад, ки вуҷуд дорад. Ин қадр беиттилоъ аст. Ҳадис чунин аст:

Шахсе аз Имом Содиқ (алайҳис салом) суол кард, ки тӯдаи авом чӣ тақсире доранд? Худи Қуръон қабул мекунад, ки инҳо мардуми ҷоҳилу бемаърифате будаанд, ҳар чи бар сари инҳо оварданд, уламо оварданд, пас ҳамаи накӯҳишҳо бояд мутаваҷҷеҳи уламо бошад, мардуми авом, ки узре надоранд, инҳо бояд пеши Худо маъзур бошанд, чаро Қуръон аз инҳо интиқод мекунад? Имом онҷо як баҳси муфассале мефармоянд, ки ман дар яке аз суханрониҳое, ки дар он анҷумани моҳонаи динӣ дар ҳудуди 15 сол пеш мекардем, қисматҳои зиёде аз ин ҳадисро овардам. Имом дар онҷо як баҳси бисёр олиро тарҳ мекунад. Уламоро тақсим мекунад, ки чӣ гуна ҳастанд ва чӣ гуна нестанд ва уламои суъ (бад) чунинанд ва уламои ғайри суъ чунин. Уламои бад зарарашон бар ислом аз лашкари Язид ибни Муовия бар Ҳусайн ибни Алӣ (алайҳис салом) бештар аст ва ғайра.

Ғараз ин ки: мерасад ба инҷо: ва аммо тӯдаи авом. Имом мефармояд: на, чунин нест. Як масоиле ҳаст, ки инҳо дарс хондан намехоҳад, ки бигӯем, чун дарсашро нахондаанд, пас маъзуранд. Дар бархе масоил авом маъзуранд; масоиле аст, ки бояд дарсашро бихонанд, дарсашро нахондаанд, дигарон монеъ шудаанд дарс бихонанд, инҳо қаҳран маъзуранд. Вале як масоиле ҳаст, ки дарс хондан намехоҳад, инсон изтироран ба ҳукми

маорифи фитрӣ ва қалбӣ худаш онро мефаҳмад. Баъд мисол зикр мекунад, чӣ мисоли олие! Мефармояд, авоми яҳуд уламои худро медиданд, ки ба инҳо дастури тақво ва покӣ медиҳанд, дастури рибо нахӯрдан ва суҳт нахӯрдан медиҳанд, вале худашон амал намекунанд, зиддашро амал мекунанд. Ба чашми худашон медиданд. Баъд Имом мефармояд:

**وقد اضطرّوا بمعارف قلوبهم**

Инсон изтироран ва ҷабран, ба ҳукми маорифи сириштии қалбии худаш инро мефаҳмад, ки агар касе дастуре дод ва худаш бар зиддаш амал кард, ба ҳарфи ӯ набояд эътимод кард ва бояд ӯро тард кард. Ин дигар дарс хондан намехоҳад, ки дар кадом донишгоҳ инро ба мардум омӯхтаанд, ки агар дидед, олиме ба шумо дастури тақво медиҳад, вале худаш тақво надорад, аз ӯ пайравӣ накунед. Ин дигар донишгоҳ дидан ва мадраса дидан намехоҳад. Фитрати ҳар касе ин миқдорро мефаҳмад.

Инҳоро мо мегӯем “идрокҳои аввалии фитрӣ”, ки агар ҳеч касе ҳам ба инсон ёд надиҳад, инсон фитратан ин миқдорро мефаҳмад.

Пас, **фитрат яке ба маънои фитрати идрокӣ аст, ки ба ин маъно “дин фитрист” ё бигӯем “тавҳид фитрист”, яъне аз назари идрокӣ фитрӣ аст. Дуввум, фитрати эҳсосӣ аст, яъне таваҷҷӯҳ ба Худо ва ҳатто таваҷҷӯҳ ба дастурҳои дин ба гунаест, ки эҳсосоти инсон инсонро ба сӯи Худо ва ба сӯи дин мекашонад. Ин, ду матлаб аст. Як вақт мегӯем, инсон фитратан Худоро мефаҳмад ва як вақт мегӯем, инсон фитратан ба сӯи Худо гароишу кашиш дорад ва ҷазб мешавад**.

Ҳол, бояд бибинем, он чи дар Қуръон, “Наҳҷул-балоға”, “Саҳифаи Саҷҷодия” ва калимоти имомони атҳор дар боби фитрӣ будани дин ба таври куллӣ ё тавҳид омадааст, оё мақсуд ин аст, ки дин ва тавҳид аз назари идрокӣ фитрӣ ҳастанд, яъне як идроки фитрӣ дар инсон ҳастанд, ё мақсуд ин аст, ки инҳо як гароиши фитрӣ ва як кашиши фитрӣ дар инсон ҳастанд? Ё ҳар ду?

Аз ҷаласаи оянда, ки мо иншоаллоҳ дар бораи оятҳо баҳс мекунем ва боз ба тафсили бештар қаҳран шояд ба ҳамин ҷумлаҳо ҳам баргардем, ин мавзӯъро баҳс мекунем, ки оё ин ки “дин ё тавҳид — ки худи ин ҳам боз қобили баҳс аст: дин ба таври куллӣ ё хусуси тавҳид, ки асли усули дин аст — фитрӣ аст”, яъне дин ё тавҳид як идроки фитрӣ дар башар аст ё як эҳсос ва гароиши фитрӣ дар башар аст?

(Идомаи баҳсҳои шаҳид Мутаҳҳариро ба сурати китобе ҷудо ба номи “Тавҳид” меоварем, иншоаллоҳ!)

*Поён*